# 1ҚӮРИНТИЁН

*Вилям Макдоналд*

**Курси Аммоус**

## ПЕШГУФТОР

Мо хурсандем, ки шумо барои омӯзиши Навиштаи Пок шавқ доред. Курсҳои ғоибонаи «Аммоус» муқаддимаи хуби Навиштаи Пок мебошанд ва қадам ба қадам шуморо дар роҳи дарки ҳақиқатҳои бузурги он ҳамроҳӣ хоҳанд кард.

Ба шумо тақрибан 20 китобҳои дарсӣ пешкаш карда мешаванд, ки дар онҳо ҳақиқатҳои муҳими Навиштаҳо, китобҳои Паймони Навин ва дигар мавзӯъҳо таҳлил карда мешаванд.

Мақсади мо – ба шумо ёрӣ додан барои расидан ба он ҳудудест, ки ба воситаи муносибатҳои шахсӣ бо Исои Масеҳ барои ҷалоли Худо зистанро оғоз мекунед. Касе набояд худро одами бетолеъ ҳис кунад: мо барои пирӯзӣ зода шудаем. Аз чӣ сар кунем? Касе инро чунин баён намудааст: «Аз пайраҳаҳои тираву тори гуноҳ роҳи бозгашт сӯи Худо ҳаст. Дари кушода ҳаст, то ки ту даромада тавонӣ. Ҳангоме чун гуноҳкор назди Исо меоӣ, дар назди салиби Ҷолҷолто ибтидои нави худро пайдо мекунӣ».

Корҳои шуморо аз рӯи яке аз мавзӯъҳои пешниҳодшуда тафтиш намуда ва баҳо дода, ба шумо гувоҳнома, ки оиди хатми ин курс шаҳодат медиҳад (ба шарте ки ба на камтар аз 60% саволҳо ҷавобҳои дуруст дода бошед), ва инчунин маводи курси ояндаро мефиристем.

Ҳангоме шумо 12 курси аввалро бо муваффақият меомӯзед, ба шумо «Диплом» дода мешавад. Ба шумо маслиҳат дода мешавад, ки ҳам гувоҳномаҳо ва «Диплом», ҳам ҳамаи китобҳоро нигоҳ доред, чунки дар оянда онҳо ба шумо лозим меоянд.

### *Омӯзишро чӣ гуна ташкил бояд кард*

Ба Худо бо дуо муроҷиат кунед, то дили шумо барои дарки он ҳақиқатҳое ки Ӯ ба воситаи Каломи Худ ба шумо меомӯзонад, кушода шавад.

Дар давоми омӯзиши ҳар курси ғоибона шумо мустақилона кор мекунед, чунки омӯзиш ҳама вақт кори мустақилона аст. Барои

ҳамин, ҳатто агар инро на он қадар хоҳед ҳам, аз аввал худро ба он тайёр кунед, ки курсро аз аввал то охир омӯзед. Маҳз дар натиҷаи омӯзиши хонагии Навиштаҳо бисёр одамон ба Худо хеле беҳтар хизмат карданро оғоз намуданд.

***Маълумоти умумӣ***

Ҳар як дарс ба худ якчанд саҳифаи маводи дарсӣ ва маҷмӯи саволҳои имтиҳониро дар бар мегирад. Вазифаи шумо аз он иборат аст ки маводи дарсиро дар китоби таълимӣ бо диққат омӯзед, матни мувофиқро аз Навиштаи Пок хонед, ва баъд кӯшиш карда, ба саволҳо аз дафтари имтиҳонӣ ҷавоб гӯед.

Ҳамаи дарсҳоро омӯхта ва вазифаҳоро дар дафтари имтиҳонӣ иҷро намуда, онро барои тафтиш ба суроғаи муайян фиристед. Дар ҷавоб ба шумо маводи имтиҳонии аз тарафи дастурдиҳанда тафтишшуда бо мулоҳизаҳо ва нишондодҳои иловагӣ фиристода мешавад, ки ба шумо барои кори минбаъда ёрӣ мерасонад. Онҳоро бо диққат дида баромада, ба ҷавобҳои саволҳое ки барои шумо мушкил буданд, аҳамият диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳар як дарси гузашта ба шумо фаҳмо буд. Агар дар охири курсҳо саволҳо пайдо кунед, оиди ин ба дастурдиҳандаи худ муроҷиат намоед. Муҳим аст, ки шумо то охир тамоми маводи дарсии курсро аз худ кунед.

***Методҳои омӯзиш***

*1. Ҷадвал тартиб диҳед*

Барои бо муваффақият омӯхтани курси ғоибона муайян кунед, ки чанд соат дар як ҳафта ба омӯзиш машғул мешавед. Мо бо исрор аз шумо хоҳиш менамоем, ки на камтар аз се соат дар як ҳафта ба омӯзиш машғул шавед. Ба омӯзиш ҳар қадар бештар вақт ҷудо кунед, ҳамон қадар курс бароятон таъсирбахштар хоҳад шуд.

Дар ин курсҳо мунтазамӣ аҳамияти калон дорад. Байни омӯзиши дарсҳо фосилаҳои зиёдро нагузоред. Ва аз ҳама муҳим ягон дарсро наомӯхта нагузоред! Ҳамин ки шумо дарсҳоро мавқуф гузоред ё сарфи назар кунед, боз аз нав баргаштан мушкилтар хоҳад шуд.

*2. Хонед ва кӯшиш намоед, то хондагиатонро дарк намоед*

Инак якчанд маслиҳатҳое ки метавонанд ба шумо даркор шаванд.

Бо дуо сар кунед ва аз Худо хоҳиш намоед, то дили шуморо барои он ҳақиқатҳои Каломаш, ки ба воситаи он шуморо меомӯзонад, кушояд (Забур 118:18). Ба омӯзиши курс сар карда, пеш аз ҳама мавзӯъҳои дарсҳоро дида бароед. Сипас, камаш ду маротиба, маводи дарсиро бо диққат омӯзед – як бор барои тасаввуроти умумӣ пайдо кардан, ва баъд боандеша, саросема нашуда, бори дигар. Диққати махсусро ба порчаҳои Навиштаҳо диҳед. Омӯзиш ва хондани Каломи Худо – худ аз худ муҳим аст ва махсусан – ҳамчун қисми таркибии дарс.

Маводи дарсиро омӯхта, дар ҳар як банд фикрҳо, калимаҳо ва ибораҳои асосиро қайд намоед. Ин лаҳзаҳои муҳим зуд-зуд дар шакли ҷамъбастӣ дар охири ҳар як дарс вомехӯранд. Ба ин аҳамият диҳед. Дар ҳар як ҳошия қайдҳо гузоред, ки ҳангоме аз нав ба матн бармегардед, ба шумо ёрӣ хоҳанд расонд. Маводи дарсиро бо матни Навиштаҳо муқоиса намоед.

Дар матни дарс истилоҳҳои мушкил маънидод карда шудаанд. Ба ғайр аз ин калимаҳое вохӯрда метавонанд, ки ба шумо тамоман ношиносанд. Дар ин ҳолат аз ягон луғатномаи хуби Навиштаи Пок истифода баред.

*3. Боғайрат бошед*

Мувофиқи ҷадвалатон омӯзиши мунтазами худро давом диҳед.

Бигзор хатоҳоятон шуморо безобита накунанд – муҳим он аст, ки шумо аз онҳо дарси ибрат гиред. Имтиҳон бо пуррагӣ нишон хоҳад дод, ки шумо маводи омӯхтаатонро то чӣ андоза омӯхтед.

Оқилона истифода бурдани вақти худро омӯзед. Онро барои дида баромадан ва ба хотир гирифтани маводи дарсӣ дареғ надоред, чунки он метавонист беҳуда гузарад!

*4. Диққати худро барои ба даст овардани мақсади охирин равона кунед*

Ҳамчун донишҷӯи курсҳои ғоибонаи «Аммоус» шумо ба лашкари якчандмиллионаи одамоне медароед, ки худро ба омӯзиши хонагии Навиштаи Пок бахшидаанд. Ба бисёриҳо ин курсҳо роҳи ҷиддии хизмати Худоро кушодаанд.

ОИДИ НОМАИ ЯКУМ БА ҚӮРИНТИЁН

Оё деноминатсияҳои алоҳида ба Навишта пайравӣ мекунанд? Барои кадом гуноҳҳо шахсро аз ҷамоат дур кардан мумкин аст? Оё масеҳии дигарро ба доварӣ кашидани масеҳӣ дуруст аст? Дар Паймони Навин никоҳ кадом мақомро дорад? Оё занҳо дар парастишҳои ҷамоатӣ бояд сари худро пӯшонанд? Ба забонҳо сухан гуфтан чист? Ҷисми зиндашуда чӣ гуна хоҳад буд?

Ана танҳо якчанд масъалаҳое ки Павлус дар Номаи якуми худ ба Қӯринтиён муҳокима мекунад. Шумо бояд на танҳо ҷавоби онҳоро донед, балки ба дигарон низ фаҳмонда тавонед. Ва ин дарсҳо дар ин ҷода ба шумо ёрии калон мерасонанд.

Дар аввал Павлус ин номаро барои он менавишт, то ба баъзе саволҳое ки дар байни бовардорони Қӯринт пайдо шуда буданд, ҷавоб диҳад. Аммо бисёре аз масъалаҳое ки дар ин ҷо зикр шудаанд, ҳанӯз муддати дароз вуҷуд хоҳанд дошт. Бинобар ин Номаи якум ба Қӯринтиён ба мо низ навишта шудааст, ва мазмуни он имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст. Аз худи аввал он барои шумо шавқовар мешавад, ва то даме ки онро то охир нахонед, аллакай аз он дур шуда наметавонед.

МАВЗӮЪҲОИ ДАРСҲО

1. Ҷудоиҳо дар ҷамоат (1:1 – 2:16)
2. Одамонро болобардор накунед (3:1 – 4:21)
3. Бадии ахлоқӣ ва моддӣ (5:1 – 6:20)
4. Масъалаи никоҳ (7:1 – 40)
5. Озодии масеҳӣ (8:1 – 9:27)
6. Хатро аз куҷо бояд гузаронд (10:1 – 11:1)
7. Масъалаҳо оиди занон ва хизматгузорӣ (11:2-34)
8. Атоҳои Рӯҳ (12:1-20)
9. Дуруст истифода бурдани атоҳои Рӯҳ (12:21 – 13:13)
10. Пайғамбарӣ ва забонҳо (14:1-40)
11. Растохез (15:1-58)
12. Хулоса (16:1-24)

НАҚШАИ ДАРСҲО ОИДИ НОМАИ ЯКУМ БА ҚӮРИНТИЁН:

I. Дуруду саломи Павлус (1:1-3).
II. Шукргузории Павлус (1:4-9).

III. Ҷудоиҳо дар ҷамоат (1:10 – 4:21).
IV. Интизом дар ҷамоат (5:1-13).
V. Мурофиаҳо дар байни бовардорон (6:1-11).
VI. Баъзе принсипҳое ки барои ҳукм намудан оиди он чи росткорона аст ё не, ёрӣ мерасонанд (6:12-20).
VII. Дастурҳо нисбати никоҳ ва муҷаррадӣ (7:1-40).
VIII. Масъалаи хӯрдани гӯште ки ба бутҳо қурбонӣ шудааст (8:1 – 11:1).
IX. Дастурҳо оиди он ки занҳо сари худро пӯшонанд (11:2-16).
X. Сарзанишҳо дар робита бо он ки қӯринтиён шоми Сарварро чӣ гуна мегузаронанд (11:17-34).
XI. Атоҳои Рӯҳ ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷамоат (бобҳои 12 – 14).
XII. Ҷавоби Павлус ба онҳое ки растохезро инкор мекунанд (15:1-58).
XIII. Дастурҳо оиди ҷамъ кардани ёрии моддӣ (16:1-4).
XIV. Нақшаҳои шахсии Павлус (16:5-9)
XV. Дастурҳо ва дурудҳои охирин (16:10-24)

ДАРСИ ЯКУМ

## Ҷудоиҳо дар ҷамоат 1:1 – 2:16

## МУҚАДДИМА

Шаҳри Қӯринт дар ҷануби Юнон, аз Атино ба ғарб воқеъ буд. Ба шарофати дар хатти буриши роҳҳои савдо ҷойгир будан шаҳр маркази калони тиҷорати байналмилалӣ шуд, бинобар ин ба ин ҷо одамони бисёре меомаданд. Аммо аз боиси дини фосиди ин одамон Қӯринт зуд ба маркази гуноҳ ва фосиқӣ табдил ёфт, бинобар ин аллакай худи номи «Қӯринт» тимсоли ҳама чизи нопок буд.

Фириста Павлус бори аввал ба Қӯринт ҳангоми сафари дуюми миссионерии худ омада буд. Мо оиди ин дар боби 18-уми китоби Аъмол хонда метавонем. Дар аввал ӯ ҳамроҳи Прискила ва Акило, ки касбашон хаймасозӣ буд, дар байни халқи яҳудӣ хизмат мекард. Ҳангоме ки яҳудиён он таълимотеро, ки Павлус ба онҳо мерасонд, тарк карданд, ӯ дар байни ғайрияҳудиёни Қӯринт панд доданро сар кард.  Тадриҷан ин одамон наҷот меёфтанд, ва дар шаҳр ҷамоат ташкил ёфт.

Баъди тақрибан се сол, Павлус ҳангоми дар Эфсӯс буданаш аз Қӯринт номае гирифт, ки дар он оиди душвориҳои ҷиддии ҷамоати Қӯринт гуфта мешуд ва низ нома саволҳоро оиди ҷиҳатҳои амалии ҳаёти масеҳиёна дар бар мегирифт. Номаи якум ба Қӯринтиён ҷавоб ба ин мактуб шуд.

Нақшаи дарс:

I. Дуруди Павлус (1:1-3)
II. Шукргузории Павлус (1:4-9)
- А. Барои атоҳои дар гузашта додашуда (1:4-6)
- Б. Барои пуррагии атоҳо дар замони ҳозира (1:7)
- В. Барои ҳифзи муқаддасон дар оянда (1:8-9)

III. Ҷудоиҳо дар ҷамоат (1:10 – 4:21)
- А. Даъват ба ягонагӣ (1:10)
- Б. Сарчашмае ки Павлус аз он оиди ҷудоиҳо фаҳмид (1:11)
- В. Табиати ин ҷудоиҳо (1:12)
- Г. Сарзаниш (1:13-17)
  1. Масеҳ ҷудо нашудааст (1:13)
  2. Барои онҳо танҳо Масеҳ ба салиб кашида шудааст (1:13)
  3. Бовардорон танҳо ба номи Масеҳ ғӯта мегиранд (1:13-17)

Д. Табиати ҳақиқии Хушхабар нишон медиҳад, ки болобардор намудани одам маъно надорад (1:18-25)

1. Таълимот оиди салиб ба ҳамаи он чи инсоният ҳикмат меҳисобад, мухолиф аст (1:26-29).
2. Худо одамонро даъват намуда, нигоҳ намекард, ки оё онҳо хирадманд ҳастанд ё не (1:26-29).
3. Таълимоти Хушхабар на одамро, балки танҳо Худоро болобардор мекунад (1:30-31).
4. Павлус дар Қӯринт на барои ҷалол додани худ, балки барои ҷалол додани Худо хизмат менамуд (2:1-5).
5. Хушхабар ба ҳикмати инсонӣ муроҷиат намекунад, бал-ки барои бовардорони баркамол он ҳикмати Худост (2:6 – 3:4).
   а) Он аз рӯи табиати худ илоҳист (2:6-7).
   б) Худо ин ҳикматро ҳанӯз то офариниши олам ниҳон карда буд (2:7).
   в) Ин ҳикматро ҳокимон дар рӯзи ба салиб кашидани Сарвар намедонистанд (2:8).
   г) Рӯҳи Пок ин ҳақиқатро ба фиристагон ошкор намуд (2:9-12).
   д) Фиристагон ин ҳақиқатро ба воситаи Рӯҳи Пок ба дигарон мерасонданд (2:13)
   е) Ин ҳақиқатро танҳо касоне ки Рӯҳи Пок ба онҳо ҳикмат медиҳад, фаҳмида метавонанд (2:14-16).

Дар се ояти аввали боб дуруду саломи Павлус ба ҷамоати Қӯринт зикр ёфтааст. Дар оятҳои 4-9 Павлус Худоро барои он бовардороне ки ӯ назди Худо оварда буд, ташаккур мегӯяд. Аз ояти 10 сухан дар бораи ҷудоиҳо дар ҷамоат меравад, ва ин мавзӯъ то охири боби 4 давом мекунад.

ДУРУДИ ПАВЛУС (1:1-3)

**1:1** Павлус дар роҳи Димишқ даъват шуда буд, то фириста шавад. Ӯ ин даъватро на аз одамон ва на ба воситаи одамон, балки бевосита аз Сарвар Исои Масеҳ гирифта буд. Калимаи «фириста» маънои «фиристодашуда»-ро дорад. Фиристаҳои аввалин Масеҳро зиндашуда дида буданд. Онҳо ҳамчунин мӯъҷиза нишон дода метавонистанд, то исбот намоянд, ки ҳақиқате ки онҳо панд медиҳанд, аз Худост. Павлус ҳақиқатан он чиро, ки шоир Терстеген бо шеър баён намудааст, гуфта метавонист:

*Масеҳ, Писари Худо, маро ба кишварҳои нимишабӣ фиристод,*
*Ва ба ин роҳ маро бо дасти тавонои Худ баракат дод.*

Ҳангоме ки Павлус Номаи якумро ба Қӯринтиён менавишт, ҳамроҳи ӯ бародар Сӯстинус буд, бинобар ин Павлус дар дуруди худ ӯро зикр мекунад. Аниқ гуфтан имкон надорад, ки оё ин ҳамон Сӯстинус буд, ки мо дар Аъмол 18:17 хонда метавонем, – сардори куништ, ки юнониён ӯро бераҳмона лату кӯб карда буданд. Танҳо тахмин карда метавонем, ки ин сардор ба воситаи панди Павлус наҷот ёфт ва акнун ба Павлус дар хизматаш ёрӣ мерасонд.

Номае ки мо меомӯзем, пеш аз ҳама ба ҷамоати Худо, ки дар Қӯринт буд, навишта шудааст. Онро хонда, мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ин шахсоне ки худро ба Худо супурда буданд, дар яке аз шаҳрҳои бадахлоқтарини замин мезистанд.

**1:2** Бовардорони Қӯринтро Павлус минбаъд «*муқаддасони даъватшуда, ки дар Исои Масеҳ тақдис гардидаанд*» меномад. «*Тақдис гардидаанд*», яъне барои Худо ҷудо карда шудаанд, ки ин аз *мақоми* ҳамаи мансубони Масеҳ дарак медиҳад. Ва агар оиди *ҷиҳати амалии* бовар гап занем, ин одамон бояд ҳар рӯз аз ҷаҳон ҷудо шуда, ҳаёти пок ба сар баранд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки тақдис – меҳнати махсуси файз аст, ки одам ба воситаи он аз табиати гуноҳолуд халос мешавад. Чунин ақида ба он чи дар ин оят гуфта шудааст, комилан мухолиф аст. Масеҳиёни Қӯринт аз он тарзи зиндагӣ, ки бояд медоштанд, хеле дур буданд, аммо дар айни ҳол аз ҷониби Худо тақдис шуда буданд.

Онҳо, ки муқаддасон буданд, аъзоёни ҷамъомади бузург буданд: «*муқаддасони даъватшуда, ки дар Исои Масеҳ тақдис гардидаанд, бо ҳамаи онҳое ки дар ҳар ҷо исми Сарвари мо Исои Масеҳро мехонанд, ки Ӯ Сарвари онҳо ва Сарвари мост*». Ва агарчи нома ба бовардорони Қӯринт навишта шудааст, мазмуни он ба ҳамаи бовардорони ҷаҳон, ки Масеҳро Сарвари худ меҳисобанд, дахл дорад.

**1:3** Номаи якум ба Қӯринтиён дар шакли махсус ёдрас мекунад, ки Масеҳ Сарвар аст. Оиди бисёр мушкилот дар ҷамоат ва дар ҳаёти шахсони алоҳида гап зада, фириста ҳамеша ёдрас мекунад, ки Исои Масеҳ – Сарвар аст ва ҳамаи корҳои мо бояд бо ин ҳақиқати бузург мувофиқ кунонда шаванд.

Дар ояти 3-юм мо он шакли саломгӯиро мебинем, ки барои Павлус хос буд. Дар фаҳмиши Павлус калимаҳои «файз» ва «осоиштагӣ» тамоми маънои Хушхабарро дар бар мегиранд. Файз

сарчашмаи ҳама гуна баракат аст, осоиштагӣ бошад натиҷаи ҳаёти ҳар касест, ки файзи Худоро қабул мекунад. Дар ёд нигоҳ доред, ки ин баракатҳои бузург аз Худо Падар ва аз Сарвар Исои Масеҳ бармеоянд. Павлус дар ин ҷо далерона Сарвар Исои Масеҳро бо Худо Падар ба як сатҳ мегузорад. Ин яке аз садҳо ифодаҳои Паймони Навин аст, ки бо Худо Падар баробар будани Сарвар Исоро дар назар доранд.

ШУКРГУЗОРИИ ПАВЛУС (1:4-9)

**1:4** Аз пайи салом Павлус ба Сарвар барои бовардорони Қӯринт ва барои он меҳнате ки Худо дар ҳаёти онҳо мекунад, сипосгузорӣ мекунад (1:4-9).

Як ҷиҳати назарраси хислати фириста он аст, ки ӯ ҳамеша мекӯшид дар ҳамбоваронаш ягон чизи сазовори шукргузорӣ пайдо намояд. Ва агар ҳаёти онҳо намунаи боварибахши вафодорӣ ба Сарвар набошад, Павлус ақаллан барои он чи Сарвар барои онҳо кардааст, шукргузорӣ менамуд. Дар ин ҷой айнан ҳамин маврид аст. Бовардори Қӯринтро масеҳиёни рӯҳонӣ номидан ғайриимкон аст. Аммо Павлус ақаллан барои файзе ки бовардорон дар Исои Масеҳ гирифтаанд, шукргузорӣ карда метавонист.

**1:5** Ба бовардорони Қӯринт ба таври фаровон дода шудани атоҳои Рӯҳи Пок далели он аст, ки Худо ба онҳо файзи Худро чӣ гуна зоҳир намудааст. Павлус атоҳои «сухан» ва «дониш»-ро махсус зикр намуда, шояд дар назар дорад, ки ба қӯринтиён атоҳои бо забонҳо гап задан, тафсири забонҳо ва донишҳои зиёд дода шуда буданд. А. Т. Робертсон нишон медиҳад, ки сухан ифодаи зоҳирӣ аст, дониш бошад – фаҳмиши ботинӣ.

**1:6** Дорои ин атоҳо будани қӯринтиён бори дигар тасдиқ мекунад, ки Худо дар ҳаёти онҳо меҳнат мекард, ва фириста маҳз ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме мегуфт: «Зеро шаҳодати Масеҳ дар шумо барқарор гардидааст». Онҳо гувоҳиро оиди Масеҳ шуниданд, онро бо бовар қабул карданд, ва Худо ба онҳо атоҳои мӯъҷизаосо ато намуда, гувоҳӣ дод, ки онҳо наҷот ёфтаанд.

**1:7** Азбаски бовардорони Қӯринт атоҳои рӯҳониро доро буданд, онҳо нисбат ба бовардорони ягон ҷамоати дигар аз ҳеҷ ҷиҳат камӣ надоштанд. Аммо бояд дар ёд дошт, ки дорои ин атоҳо будан худ аз худ нишонаи рӯҳонияти ҳақиқӣ нест. Павлус дар ҳақиқат Сарварро барои чизе шукр мегуфт, ки худи қӯринтиён онро бевосита сазовор нашуда буданд. Сарвари тавоно ба одамон

атоҳоро новобаста ба сазовории шахсии онҳо медиҳад. Ва агар ягон кас атоҳое дошта бошад, набояд аз онҳо фахр кунад, балки бо фурӯтанӣ барои шукӯҳи Сарвар истифода барад.

Самари Рӯҳ тамоман чизи дигар аст. Ин ҷо аллакай оиди қарори шахсии ба ҳукми Рӯҳи Пок итоат намудани бовардор гуфтан мумкин аст. Худи фириста наметавонист ба қӯринтиён фармояд, ки самарҳои Рӯҳро дар ҳаёти худ зоҳир намоянд – ӯ танҳо метавонист онҳоро даъват намояд, ки он чиро ки Сарвар ба онҳо додааст ва он зери итоати онҳо нест, зоҳир намоянд.

Сипас ба фириста лозим меояд бовардоронро барои сарфи назар кардани атоҳои Худ сарзаниш намояд, аммо дар ин оят ӯ барои ин атоҳои саховатмандонаро қабул кардани онҳо изҳори миннатадорӣ мекунад. Қӯринтиён ваҳйро аз Сарвари мо Исои Масеҳ интизор буданд. Дар байни муҳаққиқони Китоби Муқаддас ҳамфикрӣ нест, ки ин ба бозгаштани Масеҳ барои бовардорон (1Таслӯникиён 4:13-18) дахл дорад, ё ба омадани Сарвар бо бовардорони Худ (2Таслӯникиён 1:6-10). Дар мавриди якум ин ваҳй танҳо барои бовардорон мебуд, дар мавриди дуюм бошад ваҳйи Ӯ барои тамоми ҷаҳон мебуд. Ва ҳама гуна бовардор ҳам ба осмон бурда шудани худ ва ҳам зоҳиршавии пуршукӯҳи Масеҳро интизор аст.

**1:8** Сипас Павлус изҳори боварӣ мекунад, ки Сарвар то охир бовардоронро дар дасти Худ нигоҳ медорад ва дар рӯзи Сарвари мо Исои Масеҳ онҳо пок ва беайб мемонанд. Ва дар ин ҷо мо боз мебинем, ки шукргузории Павлус на ба он чи қӯринтиён кардаанд, балки ба он чи Худо мекунад, дахл дорад. Азбаски онҳо ба Масеҳ боварӣ кардаанд ва азбаски Худо ба онҳо атоҳои Рӯҳи Покро дода, инро тасдиқ намудааст, Павлус шубҳае надошт, ки Худо онҳоро то худи он рӯзе ки Масеҳ барои бо Худ бурдани қавми Худ меояд, ҳифз мекунад.

**1:9** Некбинии Павлус нисбати қӯринтиён дар вафодории Худо асос ёфтааст, ки Ӯ онҳоро ба мушоракати Писари худ даъват намудааст. Азбаски Худо ин гуна нархро пардохтааст, ва чунин кардааст, ки онҳо акнун ҳаёти Сарварро ба сар мебаранд, Ӯ ҳеҷ гоҳ онҳоро аз дасти Худ сар намедиҳад.

## НОРОЗИГӢ АЗ ҶУДОИҲО (1:10-17)

**1:10** Сипас фириста Павлус ба масъалаи ҷудоиҳо дар ҷамоати Қӯринт мегузарад (1:10 -4:21). Ӯ аз даъват ба ягонагӣ сар мекунад.

Ба ҷои он ки ба бовардорони Қӯринт бо ҳукми фиристагӣ фармон диҳад, ӯ ба онҳо бо меҳрубонии бародар муроҷиат мекунад. Ӯ бо номи Сарвар Исои Масеҳ ба ягонагӣ даъват мекунад, ва ин даъват дар он коре асос ёфтааст, ки Сарвар Исо чун Шахсият кардааст ва ҳоло мекунад. Қӯринтиён бошанд номҳои одамонро болобардор мекарданд, ва ин танҳо боиси ҷудоиҳо шуда метавонист. Павлус номи Сарвар Исоро болобардор мекунад, ва медонад, ки халқи Худоро танҳо ҳамин тавр муттаҳид кардан мумукин аст. «Ки ҳамаатон айни як суханро гӯед» маънои онро дорад, ки бояд ҳамфикр буд. Дар сидқ ва вафодорӣ ягона бояд буд. Ва чунин ягонагӣ танҳо он гоҳ пайдо мешавад, ки масеҳиён пеш аз ҳама чун Масеҳ фикр кунанд. Дар оятҳои баъдина фириста Павлус фикреро инкишоф медиҳад, ки чӣ гуна бо Масеҳ бояд зист ва ба Ӯ пайравӣ намуд.

**1:11** Павлус оиди ҷудоиҳои бовардорон дар Қӯринт аз аҳли хонаводаи Хлӯо бохабар шуд. Аз кӣ хабар ёфтани худро зикр намуда, Павлус принсипи муҳими рафтори масеҳиро риоя мекунад. Агар мо сарчашмаи хабарҳоро зикр карда натавонем, хабарҳоро оиди бародарону хоҳарони ҳамбовари худ набояд нақл кунем. Агар инрӯзҳо ҳама ба ин намуна пайравӣ менамуданд, аз бисёр ғайбатҳои ҳеҷу пуч, ки мутаассифона, ҳатто дар ҷамоат ҳастанд, барканор будан мумкин мебуд.

**1:12** Дар дохили ҷамоати маҳаллии Қӯринт гурӯҳҳо, ё ҳизбҳо ташкил шуданд, ва пайравони ҳар яки онҳо сарвари худро эълон намуданд. Як қисм бовардорон Павлусро сарвар эътироф намуданд, баъзеҳо Апӯллӯсро, баъзеи дигар Кифоро, яъне Петрусро, ва қисме аз онҳо гуфтанд, ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, ва аз афташ, дар назар доштанд, ки *танҳо* онҳо ба Ӯ мансубанд.

**1:13** Дар оятҳои 13-17 Павлус бовардоронро сарзаниш мекунад, ки ба чунин ҷудоиҳо роҳ додаанд. Дар ҷамоат ба ин роҳ додан маънои рад кардани ягонагии ҷисми Масеҳро дорад. Одамро пайравӣ намуда, масеҳӣ Касеро ки барои мо маслуб шуда буд, беқадр мегардонад. Номи одамро болобардор кардан маънои фаромӯш кардани онро дорад, ки мо ҳангоми ғӯта гирифтан худро ба Сарвар Исо вафодор эътироф намуда будем.

**1:14** Оиди пайдоиши чунин гурӯҳҳо шунида, Павлус шукр мегӯяд, ки фақат баъзеи онҳоро ғӯта додааст. Ӯ танҳо Криспус ва Ғоюсро зикр мекунад.

**1:15** Худи Павлус ҳеҷ гоҳ касеро ба номи худ ғӯта надодааст. Дигар хел карда гӯем, ӯ ҳеҷ гоҳ кӯшиш намекард навбоваронро назди худ оварад, худро номвар гардонад. Мақсади рӯҳонии ӯ аз он иборат буд, ки одамон аз ӯ оиди Сарвар Исои Масеҳ фаҳманд.

**1:16** Сипас Павлус ба ёд меоварад, ки аҳли хонаводаи Истефанусро ғӯта дода буд, аммо дигар ҳеҷ касро ба ёд оварда наметавонад.

**1:17** Ӯ мегӯяд, ки пеш аз ҳама Масеҳ ӯро на барои ғӯта додан, балки барои расондани Хушхабар фиристодааст. Ин маънои онро надорад, ки Павлус ба ғӯта бовар надорад. Ӯ аллакай номҳои баъзе касонро, ки ғӯта дода буд, зикр кард. Аниқтараш, ӯ мегӯяд, ки кори асосии ӯ ғӯта додан нест; аз афташ, Павлус ин меҳнатро ба дигарон, шояд, ба баъзе масеҳиёни ин ҷамоати маҳаллӣ супурда буд. Дар ин оят фикре ҳаст, ки ғӯта барои наҷоти шахс чизи муҳимтарин нест. Агар ин муҳимтарин мебуд, Павлус дар ин ҷо мегуфт, ки ӯ барои он шукргузор аст, ки ғайр аз Криспус ва Ғоюс дигар ҳеҷ кадоми онҳоро наҷот надодааст. Аммо чунин ғоя на он қадар боварибахш метобад.

Дар охири ояти 17 Павлус ба фикри дигар мегузарад: Ӯ Хушхабарро бо суханони пурҳикмат панд надодааст, то ки қуввати салиби Масеҳ ботил нашавад. Ӯ медонист, ки агар одамонро бо лаёқатҳои нотиқӣ ё санъати сухан ҳайрон кунад, он гоҳ кӯшишҳои ба онҳо расондани маънои ҳақиқии салиби Масеҳ беҳуда хоҳанд буд.

Агар мо дар ёд нигоҳ дорем, ки қӯринтиёни юнонӣ ҳикмати одамиро ҳамеша иззату ҳурмат мекарданд, маънои оятҳои баъдина бароямон маълум мегарданд. Файласуфони худро онҳо чун қаҳрамонони миллӣ эҳтиром менамуданд.

Ин ба ҷамоати Қӯринт низ таъсир нарасонда наметавонист. Дар байни бовардорон касоне низ буданд, ки Хушхабарро барои равшанфикрон бештар қобили қабул кардан мехостанд. Онҳо дарк менамуданд, ки донишмандон ба ин таълимот на он қадар боварӣ доранд ва аз ҳамин сабаб мехостанд ба он шакли бештар ақлонӣ диҳанд. Чунин парастиши ақл яке аз сабабҳои ташкил ёфтани гурӯҳҳое шуд, ки одамонро сарварони худ меҳисобиданд.

Кӯшиши бештар қобили қабул намудани Хушхабар бемаъност. Ҳикмати Худо бо ҳикмати инсонӣ ҳеҷ умумият надорад, бинобар ин муқоиса кардани онҳо маъное надорад.

## САЛИБ ВА ҲИКМАТИ ОДАМӢ (1:18-25)

Дар ин ҷо Павлус оиди бехирадии одамон мегӯяд, ки ҳикмати инсониро болобардор мекунанд, ва таъкид мекунад, ки дар заминаи табиати ҳақиқии Хушхабар намоиш додани ақлу фазли худ дуруст нест (1:18 – 3:4). Таълимоти Масеҳ, ки дар назари аввал оқилона нест, аз ҳикмати одамӣ тавонотар аст (1:18-25).

**1:18** Таълимот оиди салиб барои гирифторони ҳалокат нодонӣ аст. Чуноне ки Барнс гуфтааст: «Марг дар салиб бо ҳама гуна шармандагӣ ва бешарафӣ вобаста карда мешуд; ва гуфтугӯҳо оиди наҷот ба воситаи азоб ва марги шахси ба салиб кашидашуда танҳо нафрати рӯйростро бедор карда метавонист». Юнониҳо дӯстдорони ҳикмат буданд (худи калимаи “фалсафа” маънои “дӯст доштани ҳикмат”-ро дорад). Аммо таълимот оиди Хушхабар ҳеҷ гоҳ одамро даъват намекард, ки бо донишҳои худ фахр кунад.

Барои онҳое ки наҷот ёфтаанд, Хушхабар қувваи Худост. Онҳо ин таълимотро мешунаванд, бо бовар қабул мекунанд, ва дар ҳаёти онҳо растохези мӯъҷизаосо ба амал меояд. Ба он ҳақиқат аҳамият диҳед, ки дар ин оят ҳамаи одамон танҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд – гирифторони ҳалокат ва наҷотёфтагон. Одамон метавонанд ҳикмати инсониро дӯст доранд, аммо танҳо Хушхабар ба сӯи наҷот мебарад.

**1:19** Бар ҳикмати инсонӣ дастболо шудани Хушхабарро пайғамбар Ишаъё пешгӯӣ карда буд (29:14). Фириста Павлус суханони Худоро меоварад: «Ҳикмати ҳакимонро ба ҳалокат хоҳам расонд ва ақли оқилонро нопадид хоҳам кард». «Ин суханон ҳукми Худо бар Яҳудо буданд, ки аз боиси таҳдиди Санҳериб мекӯшид бо Миср иттифоқ бандад», – навишта буд Люис Ҷонсон дар тафсир ба Китоби Муқаддаси Уиклиф. Ҳақиқатан, Худо нақшаҳои Худро бо чунин амалҳо ва вазъиятҳое амалӣ мегардонад, ки барои одам бехирадона метобанд. Аксар вақт Ӯ чунин воситаҳоро истифода мебарад, ки боиси хандаи хирадмандон мегарданд, аммо дар айни ҳол бо аниқӣ ва қувваи ҳайратовар ба мақсади ниҳоии худ мерасанд. Масалан, ҳикмати инсонӣ таълим медиҳад, ки одам метавонад наҷотро бо амалҳои худ сазовор шавад. Хушхабар ҳамаи кӯшишҳои инсониро рад мекунад ва мегӯяд, ки танҳо Масеҳ ягона роҳ сӯи Худост.

**1:20** Дар ин оят Павлус ошкоро даъво мекунад: «Куҷост ҳаким? Куҷост китобдон? Куҷост воизи ин ҷаҳон?» Оё Худо ҳангоми тартиб додани нақшаи наҷот бо онҳо машварат карда буд?

Оё онҳо умуман метавонистанд бо ҳикмати худ чунин нақшаи наҷотро тартиб диҳанд? Оё ягон чизеро аз гуфтаҳои Худо инкор карда метавонистанд? Ҷавоб аён аст: «Не». Худо ҳикмати инсониро ба нодонӣ табдил дод.

**1:21** Одам бо ҳикмати худ Худоро дарк карда наметавонад. Дар тӯли садсолаҳо Худо ба инсоният чунин имкониятро пешкаш мекард, аммо ҳар дафъа инсоният ба нобарорӣ дучор мешуд. Худо хост бо мавъизаи салиб, ки инсоният онро аблаҳӣ меҳисобад, наҷот диҳад. Фикре ки дар ин оят ифода ёфтааст, на ба аблаҳона будани мавъиза, балки бештар ба аблаҳона будани он чи мавъиза карда мешавад, – ба салиб, – дахл дорад. Албатта, мо медонем, ки ин аблаҳӣ нест, аммо ба ақли бемаърифати одам аблаҳӣ метобад. Годе мегӯяд, ки ояти 21 тамоми фалсафаи таърихро дар бар мегирад ва аз ҷиҳати мундариҷа баробари ҷилдҳои зиёди китобҳо арзиш дорад. Ва касе ки Навиштаро меомӯзад, бояд ин ҷойро сарфи назар накунад, балки оиди ҳақиқати аҷибе ки дар он ҳаст, андеша намояд.

**1:22** Ҷустуҷӯи аломатҳо барои халқи яҳудӣ хос буд. Онҳо танҳо дар мавриди ба онҳо нишон додани ягон хел мӯъҷизот бовар мекарданд. Юнониҳо бошанд ҳикматро дӯст медоштанд. Онҳо бештар ба ақли инсонӣ, далелҳо, мантиқ таваҷҷӯҳ доштанд.

1:23 Аммо Павлус бо ҳеҷ кадоми онҳо ҳамфикр набуд. Ӯ мегӯяд: «Лекин мо Масеҳи маслубшударо мавъиза мекунем...» Чуноне ки касе гуфтааст: «Ӯ яҳудии дӯстдори мӯъҷизаҳо ва юнонии дӯстдори ҳикмат набуд, ӯ масеҳии дӯстдори Наҷотдиҳанда буд».

Ба салиб кашида шудани Масеҳ барои яҳудиён санги пешпо буд. Онҳо интизори он буданд, ки ягон сарвари тавонои ҳарбӣ меояд ва онҳоро аз зулми империяи Рум озод мекунад. Аммо ба ҷои ин назди онҳо Наҷотдиҳандае омад, ки ба салиби шармандагӣ мехкӯб карда шуд. Барои бутпарастон ба салиб кашида шудани Масеҳ аблаҳӣ буд. Онҳо фаҳмида наметавонистанд, ки чӣ гуна Он Касе ки дар чунин хорӣ ва нотавонӣ мурдааст, умуман ягон хел мушкилоти онҳоро ҳал карда метавонад.

**1:24** Аммо, агарчи ҳайратовар аст, ҳамаи он чиро, ки яҳудиён ва юнониён ба он таваҷҷӯҳ доштанд, ба таври мӯъҷизаосо дар Сарвар Исо пайдо кардан мумкин аст. Барои онҳое ки даъвати Ӯро мешунаванд ва ба Ӯ боварӣ доранд, ҳам аз байни яҳудиён ва ҳам аз байни бутпарастон, Ӯ қувваи Худо ва ҳикмати Худо мегардад.

**1:25** Албатта, аслан дар Худо ҳеҷ аблаҳӣ ва сустӣ нест. Он чи аз ҷониби Худо дар назари одамон аблаҳӣ метобад, дар асл аз ҳама чизи пурҳикматтарини инсон пурҳикматтар аст. Ва ҳамаи он чи аз ҷониби Худо дар назари одамон сустӣ метобад, аз ҳама чизи тавонотарини инсон тавонотар аст.

**ДАЪВАТИ ХУШХАБАР (1:26-31)**

**1:26** Оиди Хушхабар гуфта, фириста акнун ба одамоне муроҷиат мекунад, ки Худо онҳоро ба воситаи Хушхабар даъват намудааст (о. 26-29). Ӯ ба қӯринтиён ёдрас мекунад, ки дар байни даъватшудагон кам касон ба ҳасби ҷисм ҳаким, тавоно ва наҷиб мебошанд. Бисёр вақт ба он ишора карда мешавад, ки дар матн на «нестед», балки «бисёр нестед» гуфта шудааст. Ин фарқ хеле муҳим аст; як зани ашрофзодаи англис оиди он шаҳодат медод, ки танҳо ба шарофати ҳамин «бисёр нестед» наҷот ёфтааст.

Худи қӯринтиён ба табақаи олии хирадмандони ҷамъият мансуб набуданд. Ва онҳо на файласуфони пуршукӯҳ, балки Хушхабари оддиро қабул намуданд. Пас чаро акнун онҳо ба ҳикмати инсонӣ майл намудаанд ва ба воизоне ки таълимотро барои ҳама қобили қабул карданӣ мешуданд, таваҷҷӯҳ намудаанд?

Агар одамон ҷамоатро ташкил доданӣ шаванд, бояд кӯшиш мекарданд, ки ба ҷамъияти худ шахсони барҷастаро ҷалб намоянд. Аммо ояти 26 моро таълим медиҳад: ҳамаи он чи инсон барҷаста меҳисобад, барои Худо аҳамияте надорад. Шахсоне ки Ӯ онҳоро даъват менамояд, ба маънои инсонӣ аз ҷумлаи бузургон нестанд.

**1:27** Худо беҳикматии ин ҷаҳонро интихоб мекунад, то ки ҳикматро шармсор кунад. «Агар аз маводи беарзиш ашёҳои бебаҳо офаридан мумкин бошад, ҳамон қадар бештар Офаридгорро ҷалол медиҳем; агар бо лашкари камшумор ғалабаҳои калон ба даст овардан мумкин бошад, мо ғолибро ҳамон қадар бештар ҳамд мегӯем», – навишта буд Эрих Зауэр.

Худо бо ёрии карнайҳо деворҳои Ериҳӯро хароб кард. Ӯ лашкари Ҷидъӯнро аз 32000 то 3000 нафар кам кард ва бо ёрии онҳо мидёниҳоро мағлуб намуд. Бо ёрии ҷоғи хар дар дастони Шимшӯн Ӯ лашкареро мағлуб карда тавонист. Ва ҳамагӣ бо якчанд нон ва моҳӣ Ӯ 5000 касро сер кард.

**1:28** Барои нишон додани арзишнокии он чи баъзеҳо «лашкари илоҳии аблаҳон» меноманд, Павлус чизҳои дар ин ҷаҳон нафратоварро бо чизҳое ки нафратовар нестанд, муқоиса мекунад.

Маводи беарзиштаринро истифода бурда, Худо он чиро, ки дар назари одамон хеле гаронбаҳост, ба ҳеҷ табдил медиҳад. Дигар хел карда гӯем, Ӯ назди Худ даъват намудани одамонеро дӯст медорад, ки дар назари ин ҷаҳон арзише надоранд, ва ба воситаи онҳо ҷалол меёбад. Ин оят сарзанишест барои он масеҳиёне ки шахсони маъруфу барҷастаро иззат намуда, хизматгорони хоксори Худоро кам эҳтиром мекунанд, агар умуман эҳтиром мекарда бошанд.

**1:29** Онҳоеро, ки дар назари ин ҷаҳон ҳеҷ ҳастанд, интихоб намуда, Худо кӯшиш мекунад, ки тамоми ҷалол на ба инсон, балки ба Ӯ дода шавад. Азбаски наҷот танҳо аз Ӯ бармеояд, танҳо Ӯ сазовори ҳамду сано аст.

**1:30** Ояти 30 боз ҳам бештар таъкид мекунад, ки ҳамаи он чи мо ҳастем, на аз фалсафаи инсонӣ, балки аз Худо бармеояд, бинобар ин барои ҷалол додани инсон асосе нест. Ин оят чунин садо медиҳад: «Аз Ӯ (Худо) шумо дар Исои Масеҳ ҳастед, ки барои мо ҳикмате аз ҷониби Худо, яъне адолат ва қудсият ва кафорат шудааст».

Аввалан, Масеҳ барои мо ҳикмат шудааст. Ӯ ҳикмати Худост (1:24), Касе ки Ҳикмати Худо Ӯро роҳи наҷот кардааст. Ҳангоме Ӯ бо мо зиндагӣ мекунад, бо мо ҳикмате низ зиндагӣ мекунад, ки наҷоти пурраро ба мо таъмин менамояд. Сониян, Ӯ росткории мост. Худо аз рӯи боваре ки ба Ӯ дорем, моро росткор мегардонад. Сеюм, Ӯ тақдиси мост. Худ аз худ мо ҳеҷ чизи муқаддас надорем, аммо дар Ӯ мо тақдис ёфтаем, ва ба воситаи қувваи Ӯ аз як сатҳи муқаддасӣ ба сатҳи дигари он мегузарем. Ва ниҳоят, Ӯ кафорати мо дар шакли ниҳоӣ аст, ҳангоме Сарвар барои ба хонаи Худ бурдани мо меояд, ва мо дар он ҷо бо Ӯ мешавем, ва рӯҳ, ҷон ва тани мо бозхарид карда мешаванд.

«Ҳикмат бе Масеҳ аблаҳии бемаъност, росткорӣ бе Масеҳ мазаммат ва маҳкумият аст; тақдис бе Масеҳ пастӣ ва гуноҳ аст; бозхарид шудан бе Масеҳ бандҳо ва ғуломист» (Трэйлл).

А. Т. Пирсон ояти 30-ро бо ҳаёт ва хизмати Сарвар алоқаманд мекунад. «Корҳо, суханон ва рафтораш Ӯро дар ҳикмати Худо нишон медиҳанд. Сипас марг, дафн ва растохези Ӯ фаро мерасанд: инро бо росткории мо вобаста кардан даркор аст. Сипас Ӯ чил рӯз дар байни одамон зиндагӣ мекунад, ба осмон боло мешавад, Рӯҳи Покро мефиристад ва дар тарафи рости Худо мешинад, ки ин бо тақдиси мо муносибати бевосита дорад. Сипас Ӯ боз меояд, ва он гоҳ оиди бозхарид шудани мо сухан рондан мумкин мешавад».

Баъзеҳо дар ояти 30 нақшаи тамоми номаро мебинанд:

| | |
|---|---|
| Ҳикмат | Бобҳои 1 – 4 |
| Росткорӣ | Бобҳои 5 – 10 |
| Тақдис | Бобҳои 11 – 14 |
| Бозхарид | Боби 15 |
| Хулоса | Боби 16 |

**1:31** Худо чунин кард, ки ҳамаи баракатҳои зикршуда ба мо дар Сарвар Исои Масеҳ меоянд. Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки ҷалоли инсонӣ ҳеҷ маъное надорад, чунки инсон ҳеҷ кори ба ин монанд карда наметавонад.

## НАМУНАИ ПАВЛУС ДАР ҚӮРИНТ (2:1-5)

**2:1** Сипас фириста ба бовардорони Қӯринт ёдрас мекунад, ки чӣ гуна дар байни онҳо хизмат мекард ва мекӯшид на худро, балки Худоро ҷалол диҳад. Ӯ барои он омад, ки оиди Худо гувоҳӣ диҳад, на ин ки камолоти сухангӯӣ ё ҳикмати худро нишон диҳад. Ва тамоман намехост, ки ӯро нотиқ ё файласуф ҳисобанд.

Пас, фириста Павлус фарқи байни хизмати нафсонӣ ва хизмати рӯҳониро медид. Оиди хизмати нафсонӣ сухан ронда, мо хизматеро дар назар дорем, ки ба ҷолибияти зоҳирӣ, таъсирбахшӣ нигаронида шуда, мақсадаш дар одам бедор намудани эҳсосот аст. Хизмати рӯҳонӣ ҳақиқати Каломи Худоро дар бар мегирад ва ҳамин тариқ то дил ва ақли шунавандагон мерасад.

**2:2** Маънои таълимоти Павлус Исои Масеҳ, Масеҳи ба салиб кашидашуда буд. Ҳангоме ки Павлус «Исои Масеҳ» мегӯяд, Шахсияти Ӯро дар назар дорад, ва ҳангоме «маслубшуда» мегӯяд, меҳнати Ӯро дар назар дорад. Шахсият ва меҳнати Исои Масеҳ асоси Хушхабари масеҳиро ташкил медиҳанд.

**2:3** Сипас Павлус таъкид мекунад, ки рафтори худи ӯ ҳеҷ гоҳ таъсирбахш ва ҷолиб набуд. Ӯ дар нотавонӣ, тарс, ҳаяҷон ҳамроҳи қӯринтиён буд. Маънои асосии Хушхабар, ки дар ягон зарфи заминӣ ҷойгир аст, аз он иборат аст, ки қувваи ҳақиқат на аз Павлус, балки аз Худо бармеояд. Павлус намунаи он буд, ки чӣ гуна Худо ба воситаи як чизи нотавон амал мекунад ва қувваро мағлуб менамояд.

**2:4** Ҳикмати Павлус на дар нутқи ӯ, на дар мавъизаи ӯ, балки дар қувваи Рӯҳ буд, ки дар ӯ амал менамуд. Баъзеҳо нутқи ӯро бевосита бо он маводе алоқаманд мекунанд, ки ӯ пешкаш менамуд, мавъизаашро бошад – бо тарзи баён. Дигарон нутқи ӯро гувоҳӣ ба

одамони алоҳида меҳисобанд, мавъизаашро бошад – мурочиат ба одамони бисёр. Аммо ба ҳар ҳол дар ин ҷаҳон фириста худро чун нотиқи барҷаста зоҳир карда наметавонист. Ва бо вуҷуди ин, Рӯҳи Худо дар ӯ кор мекард, то ки гуноҳҳои одамонро фош кунад ва онҳоро назди Худо оварад.

**2:5** Павлус оиди хатаре медонист, ки шунавандагон на ба Сарвари зинда, балки ба ӯ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуда метавонанд. Ӯ дарк менамуд, ки баракат дода ё наҷот дода наметавонад, ва қарор дод ба одамон ёрӣ диҳад, то на ба ҳикмати одамӣ, балки ба Худо такя кунанд. Ҷолиби диққат аст, ки ҳамаи онҳое ки Хушхабарро ба одамон мерасонанд ё Каломи Худоро таълим медиҳанд, бояд ин мақсади доимиро дар ёд дошта бошанд.

## ТАБИАТИ ХУШХАБАР (2:6-16)

**2:6** Дар навбати аввал он ҳикмате ки дар Хушхабар зоҳир мешавад, аз ҷиҳати табиати худ илоҳӣ аст (2:6-7). «Аммо дар бораи ҳикмат мо дар миёни комилон сухан меронем…» – яъне дар байни масеҳиёни болиғ. Дар айни замон ин ҳикмат ба маънои дунявӣ ё ба фаҳмиши мирон ва тавоноёни ин ҷаҳон нест. Ҳикмати онҳо, чун худи онҳо, ба муддати кӯтоҳ тавлид меёбад, ва бинобар ин фонӣ аст.

**2:7** Сухан дар бораи ҳикмати ниҳонии Худо меравад. Ҳақиқати Паймони Навин, ки ҳанӯз ба одамон ошкор нашудааст, аммо ба бовардорон аз фиристаҳо ва воизон дар давраи ҷамоати ибтидоӣ маълум буд. Ин сирр ҳикматест, ки ниҳон буд ва онро Худо пеш аз ибтидои ибтидоҳо барои ҷалоли мо муқаррар намудааст. Ин сирри Хушхабар чунин ҳақиқатҳои ҳайратоварро дар бар мегирад, ки акнун яҳудиён ва ғайрияҳудиён дар Масеҳ як ҳастанд; ва Сарвар Исо барои касоне ки Ӯро интизоранд, меояд ва онҳоро бо худ мебарад, то бо Ӯ бошанд; ва на ҳамаи бовардорон мемиранд, балки ҳама дигаргун мешаванд.

**2:8** Мирони ин ҷаҳон рӯҳҳои бад дар осмон ё намояндагони онҳо дар замин мебошанд. Ҳикмати ниҳонии Худо (Масеҳ дар салиб) ба онҳо нофаҳмо буд; онҳо дарк намекарданд, ки Писари Худоро кушта, худро ба ҳалокат маҳкум намудаанд. Агар онҳо роҳҳои Худоро медонистанд, Сарвари ҷалолро ба салиб намекашиданд.

**2:9** Дар 2:9-16 сухан дар бораи ваҳй, илҳоми илоҳӣ ва равшанӣ андохтан меравад. Дар ин ҷо фаҳмонда мешавад, ки чӣ

гуна ин ҳақиқатҳои ҳайратовар ба фиристаҳо ба воситаи Рӯҳи Пок маълум шудаанд; чӣ гуна, дар навбати худ, фиристаҳо ин ҳақиқатҳоро бо илҳоми Рӯҳи Пок ба мо мерасонданд ва чӣ гуна мо, ба воситаи равшанӣ андохтани Рӯҳи Пок, онҳоро мефаҳмем.

**1. Ваҳй (2:9-12)**

Дар 2:9 иқтибосе аз Ишаъё 64:4 оварда шудааст – пешгӯӣ оиди он ки дар Худо ҳақиқатҳои ҳайратоваре ниҳон мебошанд, ки бо лаёқатҳои табиии инсонӣ ошкор намудан ғайриимкон аст, аммо онҳоро Ӯ ба дӯстдорони Худ ошкор мекунад. Дар ин ҷо он се узв (чашм, гӯш ва дил) номбар карда шудаанд, ки бо ёрии онҳо мо оиди ҳама чизи заминӣ мефаҳмем, аммо инсон ҳақиқатҳои илоҳиро на бо ёрии  онҳо, балки бо ёрии Рӯҳи Пок дарк мекунад.

Одатан, ин оятро чун ҳамду санои осмонҳо тафсир медиҳанд, ва ҳангоме онро чунин мефаҳмем, қабул намудани тафсири дигар бароямон душвор мешавад. Аслан Павлус дар ин ҷо оиди он ҳақиқатҳое мегӯяд, ки бори аввал дар Паймони Навин ошкор гардида буданд. Одамон ин ҳақиқатҳоро ба воситаи тадқиқоти илмӣ ё андешарониҳои фалсафӣ дарк карда наметавонистанд. Ақли инсон он асрори аҷоиберо, ки дар аввали давраи Паймони Навин ошкор шуданд, худ аз худ ошкор карда наметавонист. Барои фаҳмидани ҳақиқати Худо ақли инсонӣ кофӣ нест.

**2:10** Суханони зерин тасдиқ мекунанд, ки дар ояти 9 на оиди осмонҳо гуфта мешавад: «Вале Худо ба мо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст». Дигар хел карда гӯем, ҳақиқатҳое ки дар Паймони Куҳан пешгӯӣ шуда буданд, ба фиристагони Паймони Навин маълум шуданд. «Ба мо» ба муаллифони китобҳои Паймони Навин дахл дорад. Ақли фиристагон ва пайғамбаронро маҳз Рӯҳи Пок равшан намудааст, чунки Рӯҳ ҳама чизро, аз ҷумла, умқҳои Худоро тадқиқ менамояд. Дигар хел карда гӯем, Рӯҳи Худо – яке аз Шахсиятҳои Худо – ҳикмати номаҳдудеро дорост, ҳамаи ҳақиқатҳои Худоро мефаҳмад ва ин ҳақиқатҳоро ба дигарон кушода метавонад.

**2:11** Ҳатто дар корҳои ҳаррӯза ҳар шахс танҳо он чиро, ки худаш фикр мекунад, медонад, аммо ҳеҷ кас намедонад, ки дигарон оиди чӣ фикр мекунанд. Ва то даме ки шахс худаш фикрҳои худро баён накунад, ҳеҷ каси дигар онҳоро фаҳмида наметавонад. Аммо ҳамон вақт ҳам барои фаҳмидани шахс рӯҳи ӯро доро бояд буд. Ҳайвон фикрҳои моро пурра фаҳмида наметавонад. Мо низ Худоро

фаҳмида наметавонем. Ягона касе ки Худоро фаҳмида метавонад, – Рӯҳи Худост.

**2:12** Калимаи «мо» дар ояти 12 ба муаллифони китобҳои Паймони Навин дахл дорад, агарчи худи ҳаминро оиди муаллифони китобҳои тамоми Китоби Муқаддас низ метавон гуфт. Азбаски фиристаҳо ва пайғамбарон Рӯҳи Покро қабул карданд, Ӯ ба онҳо ҳақиқатҳои амиқи Худоро ошкор карда тавонист. Павлус маҳз ҳаминро дар назар дорад, ҳангоме дар ин оят менависад: «Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем». Ва бе Рӯҳи Худо фиристагон ҳеҷ гоҳ ҳақиқатҳои илоҳиро, ки Павлус оиди онҳо мегӯяд ва дар Паймони Навин барои мо нигоҳдорӣ шудаанд, қабул намекарданд.

**2. Илҳоми илоҳӣ (2:13)**

**2:13** Баъди тасвир намудани раванди ваҳй, ки муаллифони Навиштаи Пок ҳақиқатро оиди Худо ба воситаи он дарк намуданд, Павлус акнун оиди раванди илҳоми илоҳӣ мегӯяд, ки ҳақиқатҳо ба мо ба воситаи он меоянд. Ояти 13 яке аз порчаҳои қавии Каломи Худо мебошад, ки дар он оиди илҳоми илоҳӣ доштани калом гуфта мешавад. Фириста Павлус таъкид мекунад, ки ин ҳақиқатҳоро ба мо расонида, фиристаҳо калимаҳои интихобкардаи худро ва калимаҳоеро, ки ҳикмати инсонӣ талқин кардааст, истифода намекарданд. Онҳо он калимаҳоеро истифода мебурданд, ки Рӯҳи Пок ба онҳо ёд медод. Ва мо бовар мекунем, ки калимаҳои Навишта, дар он шакле ки дар матни асл дида мешаванд, суханони Худо мебошанд (Ва Китоби Муқаддас дар шакли ҳозирааш сазовори боварии пурра аст).

Дар ин ҷо эътирозҳо пайдо шуда метавонанд, зеро чунин изҳорот дар назар дорад, ки Худо ба муаллифони китобҳои Навишта имкон намедиҳад, то услуби худро истифода баранд. Дар айни замон мо мебинем, ки услуби Павлус, масалан, аз услуби Юҳанно фарқи назаррас дорад. Оё илҳоми илоҳии Рӯҳи Покро бо услуби шахсии муаллифон оштӣ додан мумкин аст? Худо ба суханони Навишта бо кадом як воситаи барои мо нофаҳмо шакли услуби шахсии муаллифонро дод. Ва агар мо инро дар ёд нигоҳ дорем, дар фикрамон набояд оиди навишта шудани Китоби Муқаддас мушкилие пайдо шавад. Ва умуман дар ин маврид чӣ гуна мушкилот буда метавонанд? Ҳангоме ки роҳбар ба котиб ягон

ҳуҷҷатро менависонад, ӯ мехоҳад, ки ин ҳуҷҷат маҳз ҳамон тавре ки ӯ мегӯяд, навишта шавад. Ба ӯ лозим нест, ки котиб ба ҳуҷҷат ақидаҳо ё ифодаҳои худро ворид намояд. Ва агар роҳбар чунин ҳақ дошта бошад, набояд ҳайрон шуд, ки Худо низ ҳамин гуна ҳақро дорад.

«Рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем»-ро ҳар гуна маънидод кардан мумкин аст. Ин суханон чунин маъноҳо дошта метавонанд: 1) ҳақиқатҳои рӯҳониро бо ёрии суханони додаи Рӯҳи Пок таълим медиҳем; 2) ҳақиқатҳои рӯҳониро ба шахсони рӯҳонӣ мерасонем; 3) ҳақиқатҳои рӯҳонии як порчаи Китоби Муқаддасро бо ҳақиқатҳои рӯҳонии порчаи дигари он муқоиса мекунем. Мо чунин меҳисобем, ки дар матни додашуда маънидоди якум беҳтарин аст. Павлус мегӯяд, ки раванди илҳоми илоҳӣ баёни ҳақиқати рӯҳонӣ бо калимаҳоест, ки махсус барои он интихоб шудаанд, то Рӯҳи Пок ба мақсади ниҳоии Худ расида тавонад. Ҳамин тавр, дар тарҷумаи ҳозиразамони Китоби Муқаддас ин ҷой чунин тарҷума шудааст: «... чизҳои рӯҳониро бо ёрии суханони рӯҳонӣ маънидод мекунем».

Баъзеҳо мегӯянд, ки ин оят илҳомӣ илоҳӣ дошта наметавонад, зеро Павлус на «менависем», балки «мегӯем» гуфтааст. Аммо дар Китоби Муқаддас бисёр оятҳои дорои илҳоми илоҳиро ёфтан мумкин аст, ки дар онҳо калимаи «мегӯем», «сухан меронем» ва ғайра истифода шудааст (Юҳанно 12:41; Аъмол 28:25: 1Юҳанно 1:5).

### 3. Равшанӣ андохтан (2:14-16)

**2:14** Хушхабар на танҳо аз боиси ваҳй ё илҳоми илоҳӣ доштан илоҳӣ аст. Дар ин ҷо мо мефаҳмем, ки онро танҳо ба воситаи қувваи Рӯҳи Пок қабул кардан мумкин аст. Инсони оддӣ бе ёрии он ҳеҷ чизеро аз Рӯҳи Пок қабул карда наметавонад. Хушхабар ба ӯ як чизи бемаъно метобад. Аз афти кор, ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки чунин чизҳоро танҳо рӯҳан қабул кардан мумкин аст.

«Масеҳии хирадманд вақтро беҳуда барои он сарф намекунад, ки нақшаҳои Худоро ба одамони аз нав зоданашуда фаҳмонад; ин чун пеши пойҳои хукҳо партофтани гавҳарҳо аст. Ғуруби офтобро ба шахси нобино тасвир кардан ё бо ҳайкал оиди физикаи ҳастаӣ гап задан бефоида аст». Инсони табиӣ мисли ин чизҳоро қабул карда наметавонад. Кӯшиши бе ёрии Рӯҳи Пок қабул намудани

ваҳйи Худо монанди он аст, ки бо шасти моҳидорӣ нури офтобро сайд намоед. Ва агар шахс аз Рӯҳи Пок зода нашуда бошад, ва Рӯҳи Пок ба ӯ чизеро таълим надода бошад, ҳамаи ин ба ӯ тамоман бегона метобад. Дараҷаи доктори фанҳо (ДФ) низ дар ин маврид ёрӣ намедиҳад, чунки аслан дар назари Худо он танҳо маънои "Девонаи Фавқулодда"-ро дошта метавонад!!!» (Вэнс Ҳэвнер).

**2:15** Аз тарафи дигар, шахсе ки Рӯҳ ақли ӯро равшан кардааст, ҳақиқатҳои илоҳиро фарқ карда метавонад, ҳатто ҳангоме ки худи ӯро одамони аз нав зоданашуда намефаҳманд. Имкон дорад, ки чунин шахс дуредгар, таъмиргари лӯлаҳои об ё моҳигир бошад; ва дар айни замон ӯ метавонад Навиштаи Покро хуб омӯзад. «Масеҳие ки Рӯҳи Пок ӯро роҳнамоӣ мекунад, Китоби Муқаддасро пурра меомӯзад ва таҳқиқ менамояд, ва дар ниҳояти кор мазмуни онро мефаҳмад ва эътироф мекунад» (Вюест). Барои ин ҷаҳон чунин шахс муаммое мешавад. Имкон дорад, ки ӯ дар ягон коллеҷ ё семинария нахонад ва бо вуҷуди ин асрори амиқи Каломи Худоро фаҳмад ва онҳоро ба дигарон омӯзонад.

**2:16** Дар ин ҷо фириста Павлус саволи риторикӣ медиҳад: «Зеро кист, ки фикри Сарварро донисга бошад, то ки Ӯро таълим диҳад?» Чунин савол додан маънои ба он ҷавоб доданро дорад. Худоро ба воситаи ҳикмат ва қувваи инсон дарк намудан ғайриимкон аст. Ӯро танҳо дар он маврид мефаҳманд, ки худаш ба одам имконияти дарк намудани Ӯро диҳад Бо вуҷуди ин, касоне ки дар Масеҳ зиндагӣ мекунанд, ҳақиқатҳои амиқи Худоро фаҳмида метавонанд.

Аввалан, *ваҳй* вуҷуд дорад (2:9-12). Ин маънои онро дорад, ки Худо ба воситаи Рӯҳи Пок ба одамон ҳақиқатҳои то ҳол пинҳонро ошкор намуд. Ин ҳақиқатҳо ба таври фавқуттабиӣ ба воситаи Рӯҳи Худо маълум гаштанд.

Сониян, *илҳоми илоҳӣ* вуҷуд дорад. Ин ҳақиқатҳоро ба дигарон расонда, фиристаҳо (ва ҳамаи дигар муаллифони Китоби Муқаддас) он калимаҳоеро, ки Рӯҳи Пок ба шуури онҳо ворид менамуд, истифода бурдаанд.

Ва сеюм, равшанӣ андохтан вуҷуд дорад (2:14-16). Ин ҳақиқатҳо ба инсон на танҳо ба таври асрорангез *ошкор* мешаванд ва ӯ на танҳо оиди он *илҳом* меёбад, балки ҳамчунин ба воситаи қувваи фавқутабиии Рӯҳи Пок онро *мефаҳмад*.

ДАРСИ ДУЮМ

# Одамонро болобардор накунед 3:1 – 4:21

Нақшаи дарс:

III. Ҷудоиҳо дар ҷамоат (1:10 – 4:21) (давомаш)

Д. Табиати ҳақиқии Хушхабар бемаъноии болобардор намудани инсонро нишон медиҳад (1:18 – 3:4) (давомаш)

5. Хушхабар ба ҳикмати инсонӣ муроҷиат намекунад, аммо барои масеҳиёни болиғ он ҳикмати Худо аст (2:6 – 3:4) (давомаш).

   ж) Азбаски қӯринтиён ҷисмонӣ буданд, Павлус ҳақиқатҳои амиқи рӯҳониро ба онҳо расонда наметавонист (3:1-4).

Е. Табиати ҳақиқии хизмати масеҳӣ бемаънoии боло-бардор намудани инсонро нишон медиҳад (3:5 – 4:21).

1. Ин одамон танҳо ходимон мебошанд (3:5).
2. Онҳо сарчашмаи ҳаёти рӯҳонӣ буда наметавонанд (3:6-7).
3. Дар рӯзи меомада Худо онҳоро доварӣ мекунад ва ба ҳар яке барои меҳнаташ подош медиҳад (3:8).
4. Худо ҳамонест, ки ҳама дар наздаш ҷавобгар мебо-шанд (3:9-17).

   а) Павлус асоси ҷамоатро дар Қӯринт бунёд намуд, ва дигарон бар он бино сохтанд (3:10).

   б) Асоси ҷамоат Масеҳ аст (3:11).

   в) Хизмат дар ҷамоат се хел буда метавонад (3:12-17).

      1) Коргари нек сазовори подош аст (3:12-14).
      2) Коргари носазовор зарар мебинад, аммо наҷот меёбад (3:15).
      3) Вайронкунанда худро ба ҳалокат мерасонад (3:16-17).

5. Барои ходими Масеҳ дарки ҷаҳолати худ ҳикмати ҳақиқӣ аст (3:18-20).
6. Ба ҷои интихоб намудани сарварони маъқулшуда мо бояд фаҳмем, ки ҳамаи онҳо ба мо тааллуқ доранд ва дар ниҳояти кор ҳама ба Худо тааллуқ доранд (3:23).
7. Роҳбарони масеҳӣ ходимон ва мувакқалон мебо-шанд (4:1-5).

   а) Мувакқалон бояд вафодор бошанд (4:1-2).

   б) Дигарон оиди ин ҳукм карда наметавонанд, чу-ноне ки одам оиди вафодории худ ҳукм карда наметавонад. Ин корро танҳо Худо карда метаво-над (4:3-4).

   в) Бинобар ин ҳукмро ба Худо вогузор намудан даркор аст (4:5).

8. Сабаби ҷудоиҳо ғурур аст (4:6-13).
   а) Павлус худро ва Апӯллӯсро мисол меовард, то нишон диҳад, ки болобардор намудани сарварони инсонӣ то чӣ дараҷа бемаъно аст (4:6).
   б) Мо ҳеҷ чизе надорем, ки нагирифта бошем (4:7).
   в) Қӯринтиён чун шоҳони сершуда мезистанд (4:8).
   г) Аз тарафи дигар, фиристаҳо дар шароити бадта-рин мезистанд (4:9-13).
9. Сарзаниши ниҳоӣ дар мавриди ҷудоиҳо (4:14-21).
   а) Павлус чун падар дар бовар аз қӯринтиён илтиҷо мекунад, ки ба намунаи ӯ пайравӣ кунанд (4:14-16).
   б) Ӯ Тимотиюсро мефиристад, то ӯ ба онҳо оиди намунаи вай ёдрас кунад (4:17).
   в) Ин маънои онро надорад, ки Павлус ба Қӯринт рафтанӣ нест (4:18-19). Ӯ ба он ҷо меравад.
   г) Ва он гоҳ ӯ мефаҳмад, ки оё онҳое ки сабабгори ҷудоиҳо шудаанд, на танҳо сухан, балки қувваи рӯҳонӣ низ доранд ё не (4:19-20).
   д) Бо кадом табъ назди онҳо омадани Павлус ба худи қӯринтиён вобаста аст (4:21).

## ҚӮРИНТИЁН ЗЕРИ ИТОАТИ ҶИСМ (3:1-4)

**3:1-2** Ҳангоме ки Павлус бори аввал ба Қӯринт омад, ба бовардорон шири Каломи Худоро хӯронд, чунки онҳо дар бовар ҷавон ва суст буданд. Он таълимоте ки ӯ ба онҳо мерасонд, ба ҳолати онҳо мувофиқат мекард. Онҳо ҳанӯз насиҳатҳои рӯҳониро амиқ қабул карда наметавонистанд, зеро навбовар буданд. Онҳо дар Масеҳ ҳанӯз кӯдак буданд. Павлус ба қӯринтиён танҳо ҳақиқатҳои оддитаринро оиди Масеҳ таълим медод, ва ин ҳақиқатҳоро шир меномид. Он вақт қӯринтиён аз боиси ноболиғ буданашон ғизои сахттарро (гӯштро) қабул карда наметавонистанд. Сарвар Исо низ ба шогирдони Худ ҳамин тавр мегуфт: «ва боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо алҳол онҳоро наметавонед бардоред» (Юҳанно 16:12).

Нисбати қӯринтиён боиси таассуф он буд, ки онҳо ҳеҷ коре накарданд, то бо мурури замон аз фириста ҳақиқатҳои амиқтарро қабул кунанд.

**3:3** Ҷонҳои ин бовардорон чун пештара зери итоати ҷисм буданд. Далели ин он буд, ки дар байни онҳо ҳасад ва кашмакашҳо

ҳукмфармо буданд. Чунин рафтор бар одамони ин ҷаҳон хос аст, аммо на ба касоне ки онҳоро Рӯҳи Пок роҳнамоӣ мекунад.

**3:4** Дар атрофи сарварони инсонӣ, масалан Павлус ё Апӯллӯс, ба гурӯҳҳои алоҳида муттаҳид шуда, қӯринтиён тамоман одамиёна рафтор менамуданд. Павлус ҳаминро дар назар дорад, ҳангоме мегӯяд: «...оё шумо *ҷисмонӣ* нестед?»

То ин порча Павлус оиди он гап мезад, ки болобардор намудани инсон аблаҳона аст, ва чунин кӯшишро бо табиати ҳақиқии таълимоти Хушхабар муқоиса менамуд. Баъд аз ин ӯ ба мавзӯи хизмати масеҳӣ мегузарад ва нишон медиҳад, ки дар ин ҷо низ сарварони диниро болобардор карда, дар атрофи онҳо ягон хел гурӯҳҳо ташкил намудан аблаҳона аст.

## ОДАМОН ТАНҲО ХОДИМОН МЕБОШАНД (3:5-8)

**3:5** Апӯллӯс ва Павлус ходимоне буданд, ки қӯринтиён ба воситаи онҳо ба Сарвар Исо бовар карданд. Онҳо на сарварони мактабҳои рақобаткунанда, балки танҳо қосидон буданд. Ходимонро ба дараҷаи соҳибон бардоштани қӯринтиён аблаҳона аст. Доктор Айронсайд оиди ин хеле хуб гуфтааст: «Хонаеро тасаввур кунед, ки молу ашёҳои онро хизматгорон байни худ тақсим мекунанд».

**3:6** Бо истифодаи тасвири ҳаёти кишоварзӣ Павлус нишон медиҳад, ки имкониятҳои ходим ҳамеша маҳдуданд. Худи Павлус метавонад танҳо шинонад, Апӯллӯс бошад – об диҳад, аммо танҳо Худо ба растанӣ имкон дода метавонад, ки сабзад. Имрӯз низ ҳамин тавр аст: баъзеҳо метавонанд Каломи Худоро расонанд ва ҳамаи мо барои наздикон ва дӯстони наҷотнаёфтаи худ дуо карда метавонем, аммо худи наҷотро танҳо Худо амалӣ мегардонад.

**3:7** Агар аз ин нуқтаи назар нигарем, аён мегардад, ки ҳам касе ки мешинонад, ва ҳам касе ки об медиҳад, дар асл на он қадар муҳиманд. Онҳо худ аз худ қудрат надоранд, то ба одамон ҳаёт диҳанд. Пас, ҳасад ё кашмакашҳои байни масеҳиён чӣ маъно доранд? Ҳар кас бояд он меҳнатеро ба ҷо оварад, ки ба ӯҳдааш гузошта шудааст, ва ҳангоме дарси баракатдиҳандаи Сарварро бар худ ҳис мекунад, шод шавад.

**3:8** Ҳам касе ки мешинонад, ҳам касе ки об медиҳад, як объект ва як мақсади хизматро доранд. Ва байни онҳо ҳеҷ гуна ҳасад набояд бошад. Зеро дар соҳаи хизмат ба Сарвар онҳо дар як сатҳ мебошанд. Дар рӯзи меомада ҳар кас мувофиқи меҳнати худ

подош мегирад. Ин ҷо, албатта, сухан дар бораи доварии Масеҳ меравад.

## ҲАМА ДАР НАЗДИ ХУДО ҶАВОБГАРӢ ДОРАНД (3:9-17)

**3:9** Худо Ҳамонест, ки ҳамаи одамон ба Ӯ ҳисобот медиҳанд. Ҳамаи ходимони Ӯ ҳамкоронанд, ки дар киштзори Худо якҷоя дарав мекунанд, ё агар намунаи аёнии дигар оварем, дар сохтмони як бино иштирок доранд. Дар ояти 9 оиди ин гуфта шудааст: «Зеро ки мо хизматгорони Худо ҳастем». Ин суханон ба фикре далолат мекунанд, ки меҳнати асосиро Худо ба ҷо меоварад, ва ҳамаи мо ҳамроҳи Ӯ кор мекунем. Аммо ин фикрро аниқтар чунин баён кардан мумкин аст: «Мо ҳамкороне ҳастем, ки ба Худо тааллуқ дорем ва ҳамроҳи Ӯ кор мекунем» (Эрдман).

**3:10** Идеяи сохтмонро давом дода, фириста дар навбати аввал эътироф мекунад, ки ҳамаи он чи ӯ карда тавонист, аз файзи Худо бармеояд. Бо ин суханон ӯ дар назар дорад, ки қобилиятҳои ба ҷо овардани меҳнати фиристагиро, ки аз Худо гирифтааст, сазовор нест. Сипас ӯ оиди нақши худ дар таъсиси ҷамоат дар Қӯринт гап мезанад: «...чун меъмори доно, таҳкурсӣ ниҳодам». Ӯ ба Қӯринт омада, оиди Масеҳ ва ба салиб кашида шудани Ӯ панд медод. Ҷонҳои одамон наҷот меёфтанд, ва ҳамин тариқ дар ин ҷо ҷамоат бунёд гардид. Сипас Павлус давом медиҳад: «...ва дигаре бар он иморат месозад». Дар ин ҷо ӯ муаллимони дигарро дар назар дорад, ки баъди ӯ ба Қӯринт омада, бар он асосе ки ӯ ниҳода буд, иморат месохтанд. Аммо дар ин ҷо фириста огоҳ мекунад: «...лекин ҳар кас бохабар бошад, ки чӣ гуна месозад». Ӯ дар назар дорад, ки ба хизмати муаллимон дар ҷамоати маҳаллӣ бодиққат будан даркор аст. Баъзеи онҳо ба Қӯринт бо таълимоте меомаданд, ки дар ҷамоат ҷудоиҳо меандохтанд ё ба Каломи Худо ихтилоф доштанд. Ҳангоме ки Павлус ин номаҳо менавишт, албатта оиди чунин муаллимон медонист.

**3:11** Барои ҳама гуна бино танҳо як таҳкурсӣ даркор аст. Ва агар он бунёд шуда бошад, барои ин бино таҳкурсии дигар даркор нест. Фириста Павлус таҳкурсии ҷамоатро дар Қӯринт бунёд намуд. Ин таҳкурсӣ Исои Масеҳ, шахсияти Ӯ ва меҳнати Ӯст.

**3:12** Таълимоти минбаъда дар ҷамоати маҳаллӣ аз ҷиҳати арзишнокӣ тамоман дигар буда метавонад, бинобар ин Павлус онро ба тилло, нуқра ё сангҳои гаронбаҳо монанд мекунад. Дар айни ҳол ӯ на ҷавоҳирот ва лаълро дар назар дорад – аниқтараш, ин ҷо оиди

санги хоро, мармар ё гаҷ сухан меравад, ки он вақт барои сохтмони маъбадҳои гаронбаҳо истифода мешуд. Аз тарафи дигар, таълимоти ҷамоати маҳаллӣ метавонад арзиши гузарон дошта бошад ё умуман арзиш надошта бошад. Чунин таълимот ба чӯб, хас ё хошок монанд аст.

Ин порчаи Навиштаро, ки мо ҳозир таҳлил мекунем, одатан ҳангоме истифода мебаранд, ки сухан дар бораи ҳаёти ҳамаи бовардорони масеҳӣ меравад. Ҳақиқатан ҳам, ҳамаи мо рӯз то рӯз иморат месозем ва дар рӯзи меомада натиҷаҳои меҳнати худро мебинем. Аммо агар Китоби Муқаддасро бодиққаттар омӯзем, дида метавонем, ки ин оят  на ба ҳамаи бовардорон, балки ба панддиҳандагон, муаллимон ва дигар коркунони масеҳӣ дахл дорад.

**3:13** Дар рӯзи меомада меҳнати ҳар як кас ошкор мешавад. Дар ин оят, албатта, сухан дар бораи доварии Масеҳ меравад, ҳангоме ки ҳамаи корҳо барои шукӯҳмандии Масеҳ санҷида мешаванд. Чунин тафтиш дар ин ҷо ба оташ монанд карда мешавад. Он хизмате ки ба Худо шукӯҳ ва ба одамон баракат овардааст, ба тилло, нуқра ва сангҳои гаронбаҳо монанд аст, чунки оташ онро нобуд намекунад. Аз тарафи дигар, он меҳнате ки дар байни одамони Худо боиси душвориҳо шуд, ё ба онҳо чизеро омӯзонда натавонист, барбод меравад. «...Ва оташ амали ҳар якеро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст».

**3:14** Хизмат дар ҷамоат се хел буда метавонад. Дар ояти 14-ум мо оиди хели якум мехонем – оиди хизмате ки пуршукӯҳ ва фоидакок буд. Меҳнати ҳаёти чунин ходим ба санҷиш тоб меоварад, ва ӯ подош мегирад.

**3:15** Хели дуюми хизмат хизматест, ки ба ҳеҷ кас фоида наоварД. Дар чунин маврид ходим зарар мебинад, валекин худаш наҷот меёбад, аммо гӯё аз байни оташ гузашта бошад. «Зарар дар ин ҷо на маҳрум шудан аз чизест, ки шахс ягон вақт дошт, балки аз даст додани чизест, ки ба даст оварда метавонист!» (И.У. Роҷерс). Аз ин оят бояд аниқ шавад, ки доварии Масеҳ бо гуноҳҳои бовардорон ва ҷазо барои он робитае надорад. Сарвар Исои Масеҳ ҷазоро барои гуноҳҳои бовардорон ба Худ гирифт, ҳангоме дар Ҷолҷолто ба салиб кашида шуд. Ҳамин тариқ, наҷоти бовардорон тамоман масъалаи доварии Масеҳ нест; дар ин ҷо Сарвар хизмати ҳар як бовардорро доварӣ мекунад.

Фарқи байни наҷот ва подошро фаҳмида натавониста, ҷамоати католикӣ дар асоси ин порча таълимотро оиди аъроф (ҷои покшавӣ) ба вуҷуд овардааст. Аммо ҳангоми омӯзиши бодиққати ин оят мо ишораеро ба аъроф намебинем. Ин ҷо фикр  оиди он нест, ки оташ хислати одамонро пок мекунад. Оташ меҳнат  ё хизмати одамон, амали онҳоро тафтиш мекунад. Одам новобаста ба он ки корҳояш аз санҷиши оташ мегузаранд ё не, наҷот меёбад.

Дар робита бо ин оят фикри шавқоваре пайдо мешавад, ки Каломи Худо гоҳо ба оташ  монанд карда мешавад (ниг. Ишаъё 5:24 ва Ирмиё 23:29). Худи ҳамон Калом, ки хизмати моро ҳангоми доварӣ тафтиш мекунад, ҳозир ба мо дастрас аст. Ва агар мо ҳаёти худро мувофиқи таълимоти Китоби Муқаддас бунёд намоем, дар он рӯз меҳнати мо аз санҷиш мегузарад.

**3:16** Павлус ба бовардорон ёдрас мекунад, ки онҳо парастишгоҳи Худо ҳастанд ва Рӯҳи Пок дар онҳо сокин аст. Ҳақиқатан, ҳар як бовардор дар алоҳидагӣ парастишгоҳи Худост, ки дар он Рӯҳи Худо сокин аст, аммо ин ҷо дар навбати аввал Павлус чизи дигарро таъкид кардан мехоҳад. Фириста ҷамоатро коллектив меҳисобад ва мехоҳад, ки онҳо тамоми маънои рӯҳонии чунин даъватро  фаҳманд.

**3:17** Хели сеюми хизмат дар ҷамоати маҳаллӣ хизматест, ки онро вайронкунанда номидан мумкин аст. Аз афташ, дар замонҳои Павлус муаллимони дурӯғин буданд, ки ба ҷамоат аз муқаддасӣ дида бештар гуноҳро ворид менамуданд. Қӯринтиён дар ин ҳеҷ хатари вайронкунандаро намедиданд, бинобар ин Павлус онҳоро қатъиян огоҳ мекунад: «Агар касе маъбади Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон хоҳад кард...». Дигар хел карда гӯем, ин оят маънои онро дорад, ки агар касе ба ҷамоати маҳаллӣ омада, гувоҳии онҳо вайрон кунад, Худо ӯро ҷазо медиҳад. Дар ин ҷо оиди муаллимони дурӯғин гуфта мешавад, ки дар ҳақиқат ба Исои Масеҳ бовар надоштанд. Ҷиддӣ будани чунин гуноҳро Павлус дар суханони охирини ояти 17 таъкид мекунад: «...зеро ки хонаи Худо муқаддас аст, ва он шумо ҳастед».

## ҲИКМАТИ ҲАҚИҚӢ (3:18-23)

**3:18** Дар хизмати масеҳӣ, чун дар ҳамаи ҳаёти масеҳӣ, ҳамеша хатари худфиребӣ ҳаст. Шояд баъзе муаллимони ба Қӯринт омада худро ҳаким меномиданд. Ҳар касе ки худро дар ин ҷаҳон ҳаким меҳисобад, бояд дар ёд дошта бошад, ки барои дар назари

Худо ҳаким шудан ӯ бояд дар назари ин ҷаҳон ҷоҳил шавад. Годе ин фикрро чунин баён мекунад: «Агар касе, хоҳ қӯринтӣ ё дигар, Хушхабарро дар ҷамоати шумо панд дода, худро ҳаким ё мутафаккири оличаноб ҳисибад, бигузор шубҳае надошта бошад: то аз бӯҳроне нагузарад, ки ҳикмати ӯ дар он нобуд мешавад, ӯ ба ҳикмати ҳақиқӣ расида наметавонад. Танҳо ҳамон вақт ӯ ягона ҳикматеро ба даст меоварад, ки аз олами боло бармеояд».

**3:19** Ҳикмати ин ҷаҳон барои Худо беақлист. Бо роҳи тадқиқ одам ҳеҷ гоҳ Худоро дарк карда наметавонад, ва ҳикмати инсонӣ наметавонад нақшаи наҷотро тартиб диҳад, ки мувофиқи он Худо Одам шуд, то барои мо, ки гуноҳкорони айбдор, бераҳм ва исёнкорем, бимирад. Ин ҷо иқтибос аз китоби Айюб 5:13 барои нишон додани он оварда мешавад, ки Худо дар ҳалли мақсадҳои Худ аз ҳикмати хаёлии инсон тавонотар аст. Одам бо тамоми донишҳои худ нақшаҳои Сарварро дигаргун карда наметавонад; дар айни замон Худо бисёр вақт ба онҳо нишон медиҳад, ки бо вуҷуди ҳикмати заминиашон, онҳо дар асл бечора ва нотавонанд.

**3:20** Дар ояти 20 Забур 91:11 иқтибос оварда мешавад, ва ин бори дигар он фикрро тасдиқ мекунад, ки Сарвар «афкор»-и ҳакимони ин ҷаҳонро медонад, ва низ медонад, ки онҳо ҳеҷу пуч ва бесамаранд. Аммо чаро Павлус чунин ҳукми қатъӣ мебарорад ва ҳикмати ин ҷаҳонро беэътибор мекунад? Сабаб ин аст – қӯринтиён ин ҳикматро дар ҷои аввал мегузоштанд ва аз пайи ифодакунандагони ин ҳақиқат, ки аз афти кор, онро бо маҳорати зиёд пешкаш менамуданд, мерафтанд.

**3:21** Дар партави гуфтаҳои боло аён мегардад, ки одамонро болобардор кардан мумкин нест. Ва азбаски сухан дар бораи ходимони Худо меравад, мо набояд аз он фахр кунем, ки аз ҷумлаи пайравони онҳоем, – мо бояд дарк кунем, ки онҳо ба мо тааллуқ доранд: «...зеро ки ҳамааш аз они шумост».

**3:22** Касе ояти 22-ро «рӯйхати амволи фарзандони Худо» номидааст. Кормандони масеҳӣ ба мо тааллуқ доранд: хоҳ панддиҳанда Павлус, муаллим Апӯллӯс, ё шубон Кифо бошад. Ва азбаски ҳамаи онҳо ба мо тааллуқ доранд, гуфтани он ки мо ба ягон нафари онҳо тааллуқ дорем, беақлона аст. Охир, ҷаҳон низ ба мо тааллуқ дорад. Чун ҳамирсони Масеҳ, мо боре ин ҷаҳонро тасарруф хоҳем намуд, он ба шарофати таъиноти илоҳӣ аз они мо хоҳад шуд. Касоне ки маънои ин суханонро намефаҳманд, ҳамчунин намефаҳманд, ки ҳамаи ин ба нафъи мо карда шудааст. Ҳаёт ба мо

тааллуқ дорад. Ва ҳаёт гуфта, мо мавҷудияти соф табииро дар назар надорем – мо оиди ҳаёт ба маънои ҳақиқӣ ва пурраи он мегӯем. Марг низ ба мо тааллуқ дорад. Он акнун барои мо душмани даҳшатовар нест, ки моро ба торикии номаълум мебарад; акнун он барои мо – қосиди Худост, ки ҷонҳои моро ба осмонҳо мебарад. Ҳозира ва оянда низ ба мо тааллуқ дорад. Хуб гуфта шудааст, ки барои касе ки ба Масеҳ хизмат мекунад, ҳама чиз дар хизмати ӯст. Э.Т. Робертсон боре гуфта буд: «Ситораҳо дар роҳи худ барои одаме мубориза мебаранд, ки дар бозхарид намудани ҷаҳон ҳамкори Худост».

**3:23** Ҳамаи масеҳиён ба Масеҳ тааллуқ доранд. Баъзе бовардорони Қӯринт мегуфтанд, ки танҳо онҳо ба Ӯ тааллуқ доранд. Онҳо як навъ ҳизби «Масеҳ»-ро ташкил дода буданд. Аммо Павлус ҳамаи ин гуна изҳоротро рад мекунад. Ҳамаи мо ба Масеҳ тааллуқ дорем, Масеҳ бошад – ба Худо. Ҳамин тариқ таъиноти ҳақиқии бовардоронро баён намуда, Павлус нишон медиҳад, ки дар ҷамоат ба ҳизбҳо ҷудо шудан аблаҳона аст.

## РОҲБАРОНИ МАСЕҲӢ ВА МУВАККАЛОН (4:1-5)

**4:1** Барои он ки бовардорон Павлусро ва дигар фиристагонро дуруст фаҳманд, Павлус ба онҳо мегӯяд, ки онҳо бояд ба фиристаҳо чун ба ходимони Масеҳ ва муваккалони асрори Худо нигаранд. Калимаи «ходим» маънои «хизматгор»-ро дорад, ва бар хилофи маъное ки ҳозир ба он медиҳанд, ҳеҷ гоҳ роҳбарияти ҷамоати маҳаллиро ифода намекард. Муваккал хизматгорест, ки оиди каси дигар ё моликияти ӯ ғамхорӣ мекунад. Ин асрори Худо дар аввал ниҳон буданд, ва Худо онҳоро ба фиристаҳо ва пайғамбарони замони Паймони Навин ошкор намуд.

**4:2** Талаботи асосӣ ба муваккалон аз он иборат аст, ки ӯ вафодор бошад. Одам лаёқатмандӣ, ҳикмат ва саломатиро қадр мекунад; аммо Худо касонеро меҷӯяд, ки дар ҳама чиз ба Исо вафодоранд.

**4:3** Он вафодориеро, ки аз муваккал талаб карда мешавад, баҳо додани одам душвор аст. Барои ҳамин ҳам Павлус дар ин ҷо мегӯяд: «Барои ман хеле кам аҳамият дорад, ки шумо ё одамони дигар дар ҳаққи ман чӣ гуна ҳукм мекунед...» Павлус мефаҳмад, ки худи одам оиди вафодории ҳақиқӣ ба Худо ҳукми салоҳиятдор бароварда наметавонад. Ӯ илова мекунад: «...худи ман ҳам ҳукме дар ҳаққи худ намекунам». Ӯ мефаҳмид, ки дар оилаи оддии одамӣ

зода шудааст, ва ҳамон ҳукмҳоеро дошт, ки аз манфиатҳои ғаразноки ӯ бармеомаданд.

**4:4** Ҳангоме фириста Павлус «*...ман дар худ айбе намебинам*» мегӯяд, ӯ дар назар дорад, ки дар соҳаи хизмат ба Масеҳ ӯ ҳеҷ гуна бевафоиро, ки зидди ӯ равона карда шавад ва барои он ӯ ҷавобгар шавад, дар худ намебинад. Ӯ бо ин гуфтанӣ нест, ки дар ҳаёташ ҳеҷ гуноҳеро ё ягон чизеро, ки нокомил будани ӯро нишон диҳад, намедонад. Ин оятро дар алоқамандии матн хондан даркор аст, ва ин ҷо сухан дар бораи хизмати масеҳӣ ва вафодорӣ ба ин хизмат меравад. Аммо ҳатто агар Павлус ҳеҷ чизи зидди ӯ пешниҳод мешударо надонад ҳам, ба ҳар ҳол ӯ худро сафед намекунад. Фақат ӯ худро ҳукм карда наметавонад. Дар ниҳояти кор, танҳо Сарвар доварӣ карда метавонад.

**4:5** Бо назардошти ҳамаи он чи дар ин ҷо навишта шудааст, мо бояд ба худ савол диҳем, ки оё маънои хизмати масеҳиро дуруст мефаҳмем. Мо он чиро, ки ҷолиб ё комилан ғайриоддӣ метобад, болобардор мекунем, ва он чиро, ки хоксорона ва назарногир аст, паст меҳисобем. Ҳол он ки мо бояд оиди ягон чиз пеш аз вақт доварӣ накунем, балки омадани Сарварро интизор шавем. Ӯ на танҳо корҳои ба чашм намоёнро, балки водоркунандаҳои дилро низ доварӣ хоҳад кард: на танҳо он чиро, ки карда шудааст, балки барои чӣ карда шудани онро доварӣ хоҳад кард. Ӯ ҳамаи водоркунандаҳои дилро равшан хоҳад кард; ва одам барои ҳамаи корҳои ғаразнок ё он чи барои шӯҳрати худ карда буд, подоше нахоҳад гирифт.

Ҳангоме Павлус дар охири оят «...ва он гоҳ ҳар кас аз ҷониби Худо таҳсин хоҳад ёфт» мегӯяд, инро бевосита чун ваъдае қабул кардан даркор нест, ки хизмати ҳар як бовардор ба Худо хурсандӣ меоварад. Ин ҷо гуфта мешавад, ки шахси сазовори таҳсин на аз одамон, балки аз Худо таҳсин мегирад.

## ҒУРУР БОИСИ ҶУДОИҲО МЕШАВАД (4:6-13)

**4:6** Дар ҳашт ояти баъдина фириста Павлус оиди он мегӯяд, ки ғурур сабаби ҷудоиҳоест, ки ҷамоати Қӯринт аз он азият мекашад.

Дар навбати аввал ӯ дар ояти 6 мефаҳмонад, ки оиди хизмати масеҳӣ ва тамоюли пайравӣ ба сарварони заминӣ гап зада (3:5 – 4:5), ӯ худро ва Апӯллӯсро мисол меоварад. Албатта, қӯринтиён на танҳо дар атрофи Павлус ва Апӯллӯс, балки дар атрофи дигар

панддиҳандагон низ, ки баъд ба ин ҷамоат омаданд, ҳизбҳо ташкил карда буданд. Аммо Павлус бо назокат ва мулоимати масеҳӣ дар намунаи Апӯллӯс ва худ нишон медиҳад, ки бовардорон бояд ақидаҳои роҳбарони худро ба ҳукми қоида надароваранд ва бо ташкили ҳизбҳо боиси мағрур шудани онҳо нагарданд. Ӯ мехост, ки бовардорон ҳама чиз ва ҳама касро танҳо дар асоси Навишта баҳо диҳанд.

**4:7** Агар ягон муаллими масеҳӣ аз дигараш истеъдоди бештар дошта бошад, пас Худо хостааст ҳамин тавр бошад. Ҳамаи он чи ин муаллим дорад, аз Худо гирифтааст. Ва ин ба ҳамаи мо дахл дорад – ҳамаи он чи мо дорем, Худо ба мо додааст. Ва аз худ фахр кардани мо чӣ маъное дорад? Истеъдодҳо ва атоҳои мо натиҷаи лаёқатҳои мо нестанд.

**4:8** Бовардорони Қӯринт сер шудаанд, ҳама чизашон фаровон шудааст. Онҳо аз он фахр кардаанд, ки атоҳои рӯҳониашон бисёр шудааст; онҳо сарватманд буданд. Онҳо дар ҳашамат, роҳат ва танбалӣ мезистанд ва аз ҳеҷ ҷиҳат мӯҳтоҷӣ надоштанд. Ва чунон рафтор менамуданд, гӯё аллакай вақти подшоҳӣ кардан расида бошад, аммо ин корро бе фиристагон мекарданд. Павлус менависад, ки хеле мехост вақти подшоҳӣ аллакай фаро расад, он гоҳ ӯ низ ҳамроҳи онҳо подшоҳӣ карда метавонист. Аммо чуноне ки касе гуфтааст: «ҳаёт дар замин – тайёрӣ ба подшоҳӣ аст». Ҳангоме Масеҳ бозгашта, дар замин Подшоҳии Худро устувор менамояд, масеҳиён ҳамроҳи Масеҳ подшоҳӣ хоҳанд кард. Ҳоло бошад имтиёзи масеҳиён аз он иборат аст, ки ба ҳамон таъқиботе ки Наҷотдиҳанда аз сар мегузаронд, тоб оваранд. «Пеш аз Подшоҳи подшоҳон тоҷ бар сар гузоштани мо норавост. Аммо бовардорони Қӯринт маҳз ҳамин тавр мекарданд. Худи фиристагон ба монанди Масеҳ азоб мекашиданд. Аммо масеҳиёни Қӯринт дар “сарват” ва “фахр” мезистанд. Онҳо вақтгузаронии хушро меҷустанд, дар ҳоле ки Сарвари онҳо азоб кашида буд» (Ҳ. П. Баркер). Кайҳо боз маълум аст, ки ҳангоми тоҷгузории расмӣ, то даме ки подшоҳи ба тахт менишаста тоҷ ба сар напӯшад, ҳеҷ яке аз ашрофзодагони ҳузурдошта кулоҳи худро намепӯшид. Қӯринтиён бошанд ин тартибро чаппа карда буданд: онҳо аллакай подшоҳӣ мекарданд, дар ҳоле ки Худи Сарвар ҳанӯз радшуда буд.

**4:9** Бар хилофи худписандии қӯринтиён Павлус қисмати фиристагонро тасвир мекунад. Ӯ онҳоро чун касоне тасвир мекунад, ки ба саҳна назди ҳайвонҳои ваҳшӣ партофта шудаанд,

дар ҳоле ки одамон ва фариштагон тамошо мекунанд. Чуноне ки Годе гуфтааст: «Дар ҳоле ки ҷамоат дар тахт, ва фиристагон зери шамшер буданд, қӯринтиён худписандӣ ва худситоӣ мекарданд».

**4:10** Ба фиристагон чун ба ҷоҳилоне менигаристанд, ки барои Масеҳ азоб мекашанд, бовардорони Қӯринт бошанд чун масеҳиёни хирадманд шӯҳрат доштанд. Фиристагон дар нотавонӣ буданд, қӯринтиён бошанд тамоман намедонистанд, ки ин чист. Фиристагон аз хориву бешарафӣ азоб мекашиданд, қӯринтиён бошанд шукӯҳманд буданд.

**4:11** Фиристаҳо чунин намеҳисобиданд, ки замони тантана ва шукӯҳ расидааст. Онҳо аз гуруснагӣ ва ташнагӣ, бараҳнагӣ ва таъқибот азоб мекашиданд. Онҳоро шикор мекарданд, аз ҳама ҷо меронданд, дар ҳеҷ ҷой сарпаноҳе намедоданд.

**4:12** Фиристаҳо ҳама корро бо дастони худ карда, худро таъмин мекарданд. Ба дашномҳо бо баракатхоҳӣ ҷавоб медоданд. Онҳо ба зулм тоб меоварданд ва дар ҷавоби бадӣ бадӣ намекарданд.

**4:13** Ҳангоме ба онҳо тӯҳмат мекарданд, онҳо барои ин шахсон дуо карда, ба қабул кардани Исои Масеҳ даъват менамуданд. Дигар хел карда гӯем, фиристагон хасрӯбаи ин ҷаҳон шуда буданд. Чунин тасвири азобҳо барои Масеҳ моро бояд ба фикр водор намояд. Агар фириста Павлус дар замони мо мезист, оё ба мо низ ҳамон суханонеро намегуфт, ки ба қӯринтиён гуфта буд: «Шумо бе мо подшоҳӣ мекунед»?

## ОГОҲКУНИҲОИ ОХИРИНИ ПАВЛУС НИСБАТИ ҶУДОИҲО (4:14-21)

**4:14** Дар порчаи 4:14-21 Павлус бори охир бовардоронро аз ҷудоиҳо огоҳ мекунад. Павлус мефаҳмид, ки суханони ӯ дар ин мавзӯъ кинояомез буданд, ва мефаҳмонад, ки ин корро на барои шармсор намудани қӯринтиён, балки барои он кардааст, ки онҳоро чун фарзандони маҳбуби худ огоҳ намояд. Ӯ ин корро на аз талхиву алам, балки аз боиси таваҷҷӯҳи самимӣ ба ҳолати рӯҳонии онҳо мекард.

**4:15** Фириста ба онҳо ёдрас мекунад, ки ҳатто агар даҳ ҳазор муаллим дошта бошанд ҳам, падари рӯҳониашон ба ҳар ҳол якто аст. Павлус худаш онҳоро назди Сарвар овард, ва ӯ падари рӯҳонии онҳо буд. Бисёр касони дигар омада, онҳоро таълим дода метавонанд, аммо ҳеҷ каси дигар монанди касе ки ба онҳо сӯи Барра ишора намуд, чунин навозишкорона муносибат карда

наметавонад. Дар айни ҳол Павлус хизмати муаллимони дигарро паст задан̄ӣ нест, балки мегӯяд, ки ҳамаи мо ҳақиқати зеринро медонем: бисёр касон метавонанд дар хизмати масеҳӣ иштирок кунанд, аммо дар баробари ин ба худи бовардорон таваҷҷӯҳи шахсӣ надошта бошанд. Аммо ӯ ки онҳоро назди Масеҳ овардааст, ин тавр намекунад.

**4:16** Бинобар ин Павлус қӯринтиёнро даъват мекунад, ки ба намунаи ӯ пайравӣ кунанд, яъне ба хизмати беғаразона ба Масеҳ ва муҳаббати ҳамешагӣ ва хизмат ба бовардорон, ки оиди ин дар оятҳои 9-13 навишта буд.

**4:17** Павлус Тимотиюсро ба Қӯринт фиристод, то барои ба ин мақсад расидан ёрӣ расонад. Тимотиюс мебоист ба онҳо ёдрас менамуд, ки Павлус ба Масеҳ чӣ гуна хизмат мекунад, чӣ гуна дар ҳамаи ҷамоатҳо таълим медиҳад. Дар ояти 17 Павлус мегӯяд, ки ҳамеша ба панди худ пайравӣ менамуд, ва ҳар касе ки худро ба хизмати масеҳӣ бахшидааст, бояд чунин кунад.

**4:18-21** Ҳангоме Павлус менавишт, ки Тимотиюсро назди онҳо мефиристад, шояд баъзе аз бовардорони Қӯринт дарҳол фикр карданд, ки Павлус метарсад худаш биёяд. Ин одамон мағрур шудаанд. Аммо Павлус ваъда медиҳад, ки агар хости Сарвар бошад, ба қарибӣ назди онҳо меояд. Ва ҳангоме ки меояд, ғурури онҳоеро, ки ки чунин сухан мегӯянд, аммо ҳеҷ гуна қуввати рӯҳонӣ надоранд, нишон медиҳад. Дар ниҳояти кор, барои Подшоҳии Худо на суханон, балки амалҳо муҳиманд, бинобар он дар ин ҷо қуввати рӯҳонӣ чизи муҳимтарин аст. Бо кадом табъ назди онҳо омадани Павлус ба худи онҳо вобаста аст. Агар қӯринтиён рӯҳи мухолифат, зиддият зоҳир кунанд, ӯ бо калтак назди онҳо меояд. Аз тарафи дигар, агар онҳо дар рӯҳи фурӯтанӣ бошанд, ӯ бо муҳаббат ва рӯҳи мулоимат меояд.

ДАРСИ СЕЮМ

# Бадии ахлоқӣ ва моддӣ 5:1 – 6:20

**Нақшаи дарс:**

IV. Интизом дар ҷамоат (5:1-13)
- А. Зарурати интизом, зино дар ҷамоат (5:1).
- Б. Муносибати ҷамоат – ғурур ба ҷои гиря (5:2).
- В. Муносибати Павлус ба ин – гуноҳкор ба шайтон супурда шавад (5:3-5).
- Г. Хатари таъхир – гуноҳ чун хамиртуруш амал мекунад (5:6-8).

1. Гуноҳ ба тамоми ҷамоат таъсир мерасонад (5:6).
2. Он бояд тарк карда шавад (5:7).
3. Ҳаёти мо бояд ҷашни нони бехамиртуруши покӣ ва ростӣ бошад (5:7-8).

Д. Дар ҳаёти ҳаррӯза аз одамони бад пурра барканор будан ғайриимкон аст (5:9-10).

Е. Аммо бо онҳое ки ба ҷамоат даромада, гуноҳ мекунанд, муошират кардан мумкин нест (5:11).

Ж. Худо беимононро доварӣ мекунад (5:12-13).

З. Касонеро, ки худро бовардор меҳисобанд, аммо дар асл чунин нестанд, мо бояд доварӣ кунем, аз ҷамоат ронем ва бо онҳо муошират накунем (5:12-13).

V. Мурофиаҳо дар байни бовардорон (6:1-11).

А. Носозгории бовардорон боиси мурофиаҳо дар назди нобоварон мешавад (6:1-5).
1. Бовардорон ин ҷаҳонро доварӣ хоҳанд кард (6:2).
2. Бовардорон фариштагонро доварӣ хоҳанд кард (6:3).
3. Онҳо бояд корҳои маиширо доварӣ карда тавонанд (6:3-4).
4. Дар ҷамоати маҳаллӣ бояд ақаллан як шахси хирадманд бошад (6:5).

Б. Хатои бовардорон он аст, ки онҳо бо бародарони ҳамбовари худ мурофиа мекунанд (6:6-11).
1. Мазлум ва маҳрум будан беҳтар аст (6:7).
2. Аммо ба ҷои ин бовардорон худашон мазлум ва маҳрум мекунанд (6:8).
3. Чунин одамон ворисони Подшоҳии Худо намешаванд (6:9-10).
4. Қӯринтиён аз гуноҳ ва норостӣ ҷудо шуданд ва набояд ба он баргарданд (6:11).

VI. Баъзе принсипҳое ки барои ҳукм кардан оиди он ки чӣ дуруст аст ва чӣ не, ёрӣ медиҳанд (6:12-20).

А. Баъзе чизҳо ҷоизанд, аммо фоиданок нестанд (6:12).

Б. Баъзе чизҳо ҷоизанд, аммо бандаи худ карда метавонанд (6:13).

В. Баъзе чизҳо ҷоизанд, аммо арзиши гузарон доранд (6:13).

Г. Нопокии ҷинсӣ бадии зиёд аст (6:13-20).
1. Ҷисм барои Сарвар аст (6:13).
2. Сарвар барои ҷисм аст (6:13).

3. Ҷисмҳои мо аз нав зинда мешаванд (6:14).

4. Ҷисмҳои мо узвҳои Масеҳанд (6:15-17).

5. Зино, бар хилофи гуноҳҳои дигар, гуноҳест зидди ҷисми худ (6:18).

6. Ҷисм парастишгоҳи Рӯҳи Пок аст (6:19).

7. Ҷисмҳои мо аз ҷониби Масеҳ бозхарид шудаанд ва ба Худо тааллуқ доранд (6:20).

ГУНОҲ БОЯД МАҲКУМ КАРДА ШАВАД (5:1-8)

Дар боби 5-ум сухан дар бораи зарурати мустаҳкам намудани интизом дар ҷамоат меравад, ҳангоме яке аз аъзоёни ин ҷамоат гуноҳи вазнини зиноро содир мекунад. Интизом барои он даркор аст, ки ҷамоат покии худро дар пеши назари ҷаҳониён барқарор карда тавонад ва Рӯҳи Пок андӯҳгин нашуда, кори Худро давом дода тавонад.

**5:1** Аз афташ, Павлус барои он дар ин мавзӯъ гап сар кард, ки зинокории яке аз аъзоёни ҷамоат ба ӯ маълум шуд. Калимаи «зино» дар ин оят ба маънои умумии худ истифода мешавад – бадахлоқии ҷинсӣ. Ин ҷо сухан дар бораи шакли бадтарини гуноҳ меравад, ки ҳатто дар байни бутпарастон маъмул набуд. Агар аниқтар гӯем, гуноҳ аз он иборат буд, ки мард бо зани падари худ алоқаи ҷинсӣ кардааст. Шояд модари ӯ он вақт вафот карда, падараш бори дуюм зан гирифта буд. Ва зани дуюм ба он мард модарандар буд. Аз афташ, он зан нобовар буд, чунки дар ин ҷо барои маҳкумияти вай чизе гуфта нашудааст. Ҷамоат дар ин маврид ҳақ надошт вайро маҳкум кунад.

**5:2** Ҷамоати Қӯринт ба ин чӣ аксуламал нишон дод? Ба ҷои он ки ғамгин шаванд, онҳо хеле мағрур шуданд. Шояд, онҳо аз пурсабрии худ, ки гуноҳкорро ҷазо надоданд, мағрур шуда буданд. Ё шояд онҳо аз афзунии атоҳои рӯҳонии худ дар ҷамоат чунон мағрур шуда буданд, ки ба ин воқеа аҳамияти ҷиддӣ надоданд. Ин гуноҳ ба онҳо ягон таассурот нагузошт.

«*Ва шумо мағрур шудаед, ба ҷои он ки мотам гиред, то он касе ки чунин коре кардааст, аз миёни шумо бадар шавад*». Павлус дар ин ҷо оиди он мегӯяд, ки агар бовардорон дар назди Сарвар фурӯтан мешуданд, Ӯ Худ ин масъаларо ҳал мекард ва гуноҳкорро ҷазо медод. «Онҳо бояд мефаҳмиданд, ки шукӯҳи ҳақиқии ҷамоати масеҳӣ на дар хушбаёнӣ ва атоҳои муаллимони бузурги он, балки дар покии ахлоқӣ ва ҳаёти шоистаи аъзоёни он аст» (Эрдман).

**5:3-4** Бар хилофи бепарвоии онҳо, фириста мегӯяд, ки агарчи ӯ он вақт дар Қӯринт набуд, ӯ ба ҳар ҳол ин гуноҳро айнан монанди он ки дар байни қӯринтиён бошад, маҳкум мекунад. Ӯ тасаввур мекунад, ки ҷамоат ҷамъ мешавад, то зидди гуноҳкор чорае андешад. Ва агарчи Павлус дар Қӯринт нест, ӯ дар ин ҷамоат рӯҳан ҳузур дорад, ҳангоме онҳо ба номи Сарвар Исо ҷамъ мешаванд. Сарвар Исо ба ҷамоат ва фиристаҳо қудрат додааст, ки дар чунин мавридҳо интизомро мустаҳкам намоянд. Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки бо қувваи Сарвари мо Исо амал хоҳад кард.

**5:5** Петрус кадом чораҳо андешиданро пешниҳод мекунад? «*Барои ҳалокати ҷисмаш ба шайтон супурда шавад, то ки рӯҳаш дар рӯзи Сарвари мо Исои Масеҳ наҷот ёбад*». Муҳаққиқон нисбати маънои ин суханон ихтилофи ақида доранд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки сухан дар бораи аз ҷамоати маҳаллӣ дур кардан меравад. Берун аз ҳудуди ҷамоат шайтон ҳукмронӣ мекунад (1Юҳанно 5:19). Пас, «ба шайтон супурдан» – танҳо аз ҷамоат дур кардан аст. Дигарон чунин меҳисобанд, ки қудрати ба шайтон супурданро танҳо фиристагон доштанд, бинобар ин ҳозир ҳеҷ кас аз ин қудрат истифода бурда наметавонад.

Ҳамчунин оиди маънои «ҳалокати ҷисм» ҳамфикрӣ нест. Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки дар ин ҷо оиди азобҳои ҷисмонӣ гуфта мешавад, ки ба воситаи онҳо Худо қувваи ҳавасҳо ва амалҳои гуноҳолуди инсонро фурӯ меғалтонад. Дигарон чунин меҳисобанд, ки ҳалокати ҷисм дар ин ҷо марги тадриҷиро ифода мекунад; он гоҳ одам вақти кофӣ хоҳад дошт, то ки тавба кунад ва маҳкум нашавад.

Дар ҳама ҳолат мо бояд дар ёд дошта бошем, ки интизоми бовардорон ҳамеша ба барқарор намудани муносибатҳои онҳо бо Сарвар равона карда шудааст. Аз ҷамоат дур кардан худ аз худ амали ниҳоӣ буда наметавонад, он ба мақсади муайян нигаронида шудааст. Мақсади ниҳоӣ аз он иборат аст, ки «рӯҳ дар рӯзи Сарвари мо Исои Масеҳ наҷот ёбад». Дигар хел карда гӯем, ин ҷо тамоман сухан дар бораи лаънати ҷовидонии одам намеравад. Ӯ дар ин зиндагӣ барои гуноҳе ки кардааст, аз ҷониби Сарвар ҷазо дода мешавад, аммо дар рӯзи Сарвар Исо наҷот меёбад.

**5:6** Сипас Павлус қӯринтиёнро таъна мезанад, ки онҳо худситоӣ мекунанд. Шояд онҳо худро сафед карда, мегуфтанд, ки ин гуна гуноҳ танҳо як бор содир шудааст. Онҳо бояд медонистанд, ки андак хамиртуруш тамоми хамирро метуршонад. Хамиртуруш дар ин ҷо тасвири гуноҳи ахлоқӣ аст. Фириста мегӯяд, ки агар

бовардорон ба гуноҳи хурди ахлоқӣ аҳамият надиҳанд, ин гуноҳ калон шуда, ба зудӣ тамоми ҷамоатро фаро мегирад. Интизоми ростторона ва тақводорона барои дар ҷамоат нигоҳ доштани тозагӣ даркор аст.

**5:7** Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки хамиртуруши кӯҳнаро тоза кунанд. Дигар хел карда гӯем, онҳо бояд зидди бадӣ чораҳои қатъӣ андешанд, то ки хамири нав, хуб, "пок" бошанд. Сипас Павлус илова мекунад: «...чунки шумо бе хамиртуруш ҳастед». Ин ҷо ӯ дар назар дорад, ки ҳангоме бовардорон назди Худо ҳозир мешаванд, Ӯ онҳоро дар Масеҳ муқаддас, росткор, пок мебинад. Ва акнун ҳаёти онҳо бояд дар ҳаёти худ бояд бе хамиртуруш бошанд. Табиати онҳо бояд ба номҳояшон мувофиқат кунад, рафторашон бошад – ба боварашон.

«*Зеро ки Фисҳи мо, Масеҳ, барои мо забҳ шудааст*». Оиди нони бе хамиртуруш гуфта, Павлус фикран ба иди Фисҳ бармегардад. Яҳудӣ дар рӯзи якуми ид аз хонаи худ ҳама чизи хамиртурушдорро дур мекард. Ӯ зарферо, ки дар он хамиртуруш нигоҳ дошта мешуд, хуб мешуст. Ғайр аз ин, ӯ он ҷоеро, ки хамиртутуш нигоҳ дошта мешуд, пок мекард. Сипас ӯ чароғдонро даргиронда, хонаро бо диққат аз назар мегузаронд, то боварӣ ҳосил кунад, ки аз хамиртуруш дар хона нишоне ҳам намондааст. Баъди ин ӯ дастонашро сӯи Худо боло бардошта, мегуфт: «Худоё, ман хонаамро аз ҳама чизи хамиртурушдор пок кардам, ва агар ягон хамиртуруше бошад, ки оиди он намедонам, ман онро ҳам берун мепартоям». Ин маросим рамзи ҷудошавӣ аз ҳама гуна бадӣ буд, ки ин ҷо Павлус ба он низ даъват мекунад.

Ҳангоме яҳудиён барраи фисҳро мекуштанд, ин ҳамчунин рамзи марги Сарвари мо Исои Масеҳ дар салиб буд. Ин оят яке аз ҷойҳои зиёди Паймони Навин аст, ки принсипи таълимоти тимсолиро устувор мекунад. Бо ин мо дар назар дорем, ки шахсон ва воқеаҳое ки дар Паймони Куҳан оиди онҳо гуфта шудааст, тимсолҳои оянда буданд. Бисёрии онҳо бевосита ба омадани Сарвар Исо ишора мекарданд, ки бо қурбонии Худ моро аз гуноҳҳо пок мекунад.

**5:8** Ид дар ояти 8 ба Фисҳ ё пора кардани нон дахле надорад, ин ҷо сухан дар бораи тамоми зиндагии шахси бовардор меравад. Тамоми мавҷудияти заминии мо бояд иди хурсандӣ бошад, ва онро на бо хамиртуруши кӯҳнаи гуноҳ ва на бо хамиртуруши хашм ё нафрат ҷашн гирифтан даркор аст. «Ҳангоме ки мо ҳамроҳи

Наҷотдиҳандаи худ шодӣ мекунем, дар дилҳои мо набояд нисбати наздиконамон фикрҳои бад бошанд» (Дейлӣ Ноутс). Дар ин ҷо фириста Павлус на ба маънои таҳтуллафзӣ оиди он хамиртуруше мегуфт, ки мо барои тайёр кардани нон истифода мебарем, балки оиди он ба таври маҷозӣ мегуфт, то нишон диҳад, ки чӣ тавр гуноҳ ба касе ки бо он дар тамос мешавад, таъсир мерасонад. Ва мо дар ин зиндагӣ бояд бо нони покӣ ва ростии бе хамиртуруш зиндагӣ кунем.

## ОНҲОЕ КИ ДАР БЕРУНАНД ВА ОНҲОЕ КИ ДАР ДОХИЛАНД (5:9-13)

**5:9** Акнун Павлус ба қӯринтиён он чиро, ки пештар оиди он навишта буд, ёдрас мекунад: онҳо набояд бо зинокорон муошират кунанд. Гум шудани номае ки Павлус пештар навишта буд, ба илҳоми илоҳӣ доштани Навишта таъсире намерасонад. На ҳамаи номаҳое ки Павлус дар ҳаёти худ навишта буд, балки танҳо ҳамонҳое ки Худо ба Китоби Муқаддас ҳамроҳ кардааст, илҳоми илоҳӣ доранд.

**5:10** Фириста боз ҳам аз муошират бо зинокорон огоҳ кардани қӯринтиёнро давом медиҳад, аммо дар айни замон гуфтан намехоҳад, ки онҳо ҳама гуна робитаҳоро бо нобоварон барканад. Азбаски мо дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекунем, ба мо лозим меояд бо одамони наҷотнаёфта сару кор дошта бошем, ва мо наметавонем оиди амиқии гуноҳе ки онҳо дар он фурӯ рафтаанд, донем. Барои аз ин гуна одамон ҷудо будан ба мо лозим меомад, ки ин ҷаҳонро тарк кунем.

Павлус дар ин оят мегӯяд, ки ҷудоии пурраро аз зинокорон, ҳаромризқон, ғоратгарон ва бутпарастон дар назар надошт. Зинокорон касоне мебошанд, ки ба бадахлоқии ҷинсӣ ғӯтавар шудаанд. Ҳаромризқон касоне мебошанд, ки дар соҳибкорӣ ва амалиёти молиявӣ ноинсофона рафтор менамоянд. Масалан, ҳар касе ки андозҳоро намесупорад, аз ҷамоат дур карда мешавад. Ғоратгарон онҳое мебошанд, ки бо ёрии зӯроварӣ масалан, ба касе таҳдиди нохушиҳо ва марг намуда, бой шудаанд. Бутпарастон касоне мебошанд, ки ҳар кас ё ҳар чизро парастиш мекунанд, аммо на Худои ҳақиқиро, ва ҳангоми бутпарастӣ амалҳои даҳшатовару бадахлоқона мекунанд.

**5:11** Павлус қуӯринтиёнро ҳақиқатан дар мавриди муоширaт бо касоне огоҳӣ медиҳад, ки худро бовардор меноманд, аммо

гуноҳҳои сахт мекунанд. Суханони ӯро чунин баён кардан мумкин аст: «Он чи ман гуфтан мехоҳам ва ҳозир ҳам такрор кардан мехоҳам: шумо набояд бо шахсоне сари як дастурхон шинед, ки худро масеҳӣ меноманд, аммо зинокор, ё ҳаромризқ, ё бутпараст, ё бадзабон, ё бадмаст, ё ғоратгар мебошанд».

Ба мо бисёр вақт лозим меояд, ки бо наҷотнаёфтагон муошират кунем, аз ҷумла барои он ки ба онҳо гувоҳӣ диҳем. Чунин муошират барои шахси бовардор он қадар хатар надорад. Муошират бо касе ки худро бовардор меномад ва дар айни ҳол дар гуноҳ зиндагӣ мекунад, хатари бештар дорад. Мо ҳеҷ гоҳ набояд кореро кунем, ки одам чун сафедкунии гуноҳи худ маънидод карда метавонад.

Ба гуноҳкороне ки дар ояти 10 сухан дар бораи онҳо мерафт, Павлус дар ояти 11 бадзабонҳо ва бадмастонро илова мекунад. Бадзабон шахсест, ки зидди ягон кас суханони дағалона мегӯяд. Аммо дар ин ҷо бояд истисное кард. Агар касе боре худдорӣ накарда, суханони дағалона гуфта бошад, оё ӯро аз ҷамоат рондан даркор аст? Не. Тахмин кардан мумкин аст, ки ин ҷо гап дар бораи майли доимӣ ба суханони дағалона аст. Дигар хел карда гӯем, бадзабон касест, ки доимо ба дигарон дағалона сухан мегӯяд. Дар ҳар ҳол, ин оят бояд моро водор намояд, ки забони худро назорат кунем. Чуноне ки доктор Айронсайд гуфтааст, бисёр касон мегӯянд, ки гоҳо *фикр намекунанд*, чӣ мегӯянд, аммо онҳо бо ҳамин гуна муваффақият гуфта метавонистанд, ки фикр намекунанд бо пулемёт чӣ гуна муомила кардан даркор аст.

Бадмастон, албатта, касоне мебошанд, ки дар истеъмоли май меъёрро намедонанд.

Оё Павлус ин ҷо мегӯяд, ки мо бояд бо масеҳиёне ки ба чунин гуноҳ меафтанд, сари як дастурхон нашинем? Ҳа, дар ин оят маҳз оиди ҳамин гуфта шудааст. Мо бояд ҳангоми пора кардани нон ва ё ягон хӯрокхӯрии умумии дигар бо онҳо сари як дастурхон нашинем. Агарчи истисноҳо буда метавонанд. Масалан, зани бовардор метавонад бо шавҳари худ, ки аз ҷамоат дур карда шудааст, сари як дастурхон шинад. Аммо қоидаи умумӣ ин ҷо он аст, ки ҷамъият бояд аз бовардороне ки дар гуноҳҳои зикршуда айбдоранд, нафрат кунад, то онҳо тамоми вазнинии ҳолати худро ҳис карда, тавба кунанд. Агар ба ёд оварем, ки Сарвар бо зинокорон ва гуноҳкорон сари як дастурхон нишаста, хӯрок мехӯрд, ҳамчунин бояд ба ёд оварем, ки ин одамон пайравони Ӯ набуданд, ва,

ҳамроҳи онҳо сари як дастурхон нишаста, Ӯ онҳоро шогирдони худ намеҳисобид. Ояти 11 таълим медиҳад, ки мо бояд касонеро ки зиндагии гуноҳкорона ба сар мебаранд, масеҳӣ наҳисобем.

**5:12** Ду савол, ки Павлус дар ояти 12 мегузорад, маънои онро дорад, ки масеҳиён барои маҳкум шудани наҷотнаёфтагон ҷавобгар нестанд. Он гуноҳкоронеро, ки дар атрофи мо ҳастанд, Худи Сарвар дар рӯзи меомада ба доварӣ мефиристад. Аммо дар айни замон мо бояд онҳоеро, ки дар ҷамоат мебошанд, доварӣ кунем. Ва аъзоёни ҷамоати маҳаллӣ бояд дар ҷамоати худ тартиби тақводоронаро нигоҳ доранд.

Боз ҳам, агар ба ёд оварем, ки Сарвар таълим медод: «Ҳукм накунед, то ки ҳукм карда нашавед», дар ин ҷо бояд таъкид намуд, ки Ӯ оиди сабабҳои водоркунанда мегуфт. Мо набояд сабабҳои водоркунандаи одамонро ҳукм кунем, чунки дар ин ҷо доварӣ карда наметавонем. Мо ин сабабҳои водоркунандаро хонда ё дида наметавонем. Аммо Каломи Худо равшан мегӯяд, ки дар ҷамъомади Худо гуноҳеро, ки ҳама медонанд, доварӣ кунем, то ки эътибори ҷамоатро дар муқаддасӣ устувор намоем ва бародари хатокардаро ба мушоракат бо Сарвар бозгардонем.

**5:13** Павлус мегӯяд, ки Худо дар берун будагонро, яъне нобоваронро доварӣ мекунад. Дар айни замон, қӯринтиён бояд довариеро, ки Худо ба онҳо додааст, иҷро намуда, гуноҳкоронро аз байни худ дур кунанд. Албатта, барои ин ба тамоми ҷамоат эълон кардан лозим меояд, ки ин ё он бародар акнун узви ҷамоати онҳо нест. Чунин амал бояд дар фурӯтанӣ ва бо таассуфи талх ба ҷо оварда шавад, ва баъди он бояд ҷамоат ҳамеша оиди барқароршавии шахси дуркардашуда дуо кунад.

## МАСЕҲӢ ВА ҚОНУН (6:1-11)

Ёздаҳ ояти ин боб ба мурофиаҳои байни бовардорон бахшида шудаанд. Фириста Павлус фаҳмид, ки баъзе масеҳиёне ки ба ҳамбоварони худ даъво доранд, мурофиаҳои худро назди аҳли ин ҷаҳон мебаранд. Бинобар ин ӯ ба бовардорони Қӯринт насиҳатҳои муайян мекунад. Ба ибораи такроршавандаи «магар намедонед» ва «оё намедонед» диққат диҳед (6:2,3,9,15,16,19).

**6:1** Фириста хеле ҳайрон аст, ки баъзе бовардорон бародарони ҳамбовари худро ба маҳкамаи гуноҳкорон, яъне доварони нобовар мекашанд. Касоне ки росткории ҳақиқиро медонанд, назди наҷотнаёфтагон мераванд – ба фикри Павлус, ин

амали онҳо мантиқӣ нест. «Тасаввур карда наметавонам, ки масеҳиён дар ҷустуҷӯи ҳақиқат назди касоне меравандм, ки онро дода наметавонанд!»

**6:2** Бемантиқии дуюмро Павлус дар он мебинад, ки касоне ки замоне ҷаҳонро доварӣ хоҳанд кард, даъвоҳои оддиеро, ки дар байнашон пайдо мешаванд, ҳаллу фасл карда наметавонанд. Мувофиқи Навиштаҳо, ҳангоме ки Масеҳ дар ҷалол ва қудрат бозмеояд, бовардорон ҳамроҳи Ӯ бар замин ҳукмронӣ хоҳанд кард. Аммо агар масеҳиён ҷаҳонро доварӣ мекарда бошанд, магар ихтилофоти оддиеро, ки дар байнашон пайдо мешаванд, ҳаллу фасл карда наметавонанд?

**6:3** Павлус ба қӯринтиён ёдрас мекунад, ки онҳо фариштаҳоро доварӣ хоҳанд кард. Ӯ ин факти ҳайратоварро хеле содда ва кӯтоҳ, бе ҳеҷ тантананокӣ изҳор менамояд – масеҳиён фариштагонро доварӣ хоҳанд кард. Аз ояти 6-уми Номаи Яҳудо, ва низ аз 2Петрус 2:4,9 мо медонем, ки Исо Довар хоҳад буд (Юҳанно 5:22). Ва маҳз ба шарофати иттиҳод бо Ӯ мо пурра ҳақ дорем ягон вақт, дар оянда, фариштагонро доварӣ кунем. Ва агар мо фариштагонро доварӣ карда метавониста бошем, алалхусус бояд он мушкилоти оддиеро, ки дар сари роҳи мо пайдо мешаванд, ҳаллу фасл карда тавонем.

**6:4** Ояти 4-умро фаҳмидан хеле душвор аст. Метавонад чунин тобад, ки фириста Павлус ба бовардорони Қӯринт мегӯяд, ки онҳо дар ҷамоат шахсони бесалоҳиятро барои доварӣ кардани дигарон гузоштаанд. Аммо мо чунин меҳисобем, ки ин ҷо тамоман на дар бораи ин гуфта шудааст. Агар ба ҷои нуқта аломати савол гузорем, фаҳмидани ин оят осонтар мешавад: «Лекин оё шумо, вақте мурофиаи маишӣ доред, онҳоеро, ки дар ҷамоат ҳеҷ эътиборе надоранд, ба доварӣ мешинонед?» Доварони наҷотнаёфта набояд дар ҷамоати маҳаллӣ доварӣ кунанд. Албатта, онҳоро дар ҷаҳон барои кори мекардаашон эҳтиром менамоянд, аммо ба онҳо ҳуқуқ дода нашудааст дар корҳои ҷамоат доварӣ кунанд. Бинобар ин Павлус аз бовардорони Қӯринт мепурсад: «Ҳангоме дар байнатон баҳсҳое пайдо мешаванд, ки ҷониби сеюм ҳал карда метавонад, оё аз ҷамоат рафта, шахсеро, ки ҷамоат дар ӯ нуктасанҷии рӯҳониро намебинад, довари худ мегузоред»?

**6:5** Саволи навбатии худро Павлус барои хиҷил намудани қӯринтиён медиҳад. Наход ҷамоате ки аз хирадмандии худ ва

афзунии атоҳои аъзоёнаш фахр мекард, ягон шахси ба қадри кофӣ хирадмандро наёфтааст, ки баҳсҳоро дар байни худ ҳал намояд?

**6:6** Аз афташ, чунин одамони хирадманд дар ҷамоат набудаанд, чунки бародаре ки бо бародари ҳамбовари худ мурофиа дорад, барои доварӣ ба ҷаҳони гуноҳкор муроҷиат мекунад. Ин вазъияти аламовар аст.

**6:7** Дар ин оят Павлус мавзӯъро давом медиҳад. Бовардорони Қӯринт аз он ҷиҳат низ ноҳақ буданд, ки зидди ҳам мурофиа доштанд. «Худи ҳамин ҳам барои шумо зиллатовар аст» дар асл чунин маъно дорад: «Шумо аз он ҷиҳат комилан ноҳақ ҳастед». Бовардорон бояд оиди мурофиа байни якдигар ҳатто фикр ҳам накунанд. Шояд ягон бовардор дар ин бобат бо Павлус баҳс кардан хоҳад: «Павлус, ту намефаҳмӣ. Бародар маро дар фалон ва фалон чиз фиреб дод». Павлус чунин ҷавоб медод: «Шояд мазлум ва маҳрум буданатон беҳтар буд?» Ин рафтори ҳақиқатан масеҳиёна мебуд. Мазлум будан беҳтар аз он аст, ки ба касе зулм кунед.

**6:8** Аммо бовардорони Қӯринт дигар хел рафтор мекарданд. Ба ҷои он ки мазлум ва маҳрум бимонанд, худашон дигаронро мазлум ва маҳрум мекарданд, он ҳам бародарони ҳамбовари худро.

**6:9** Магар онҳо фаромӯш кардаанд, ки шахсоне ки росткорона зиндагӣ намекунанд, ворисони Подшоҳии Худо нахоҳанд шуд. Агар онҳо фаромӯш карда бошанд, Павлус ба онҳо гуноҳкоронеро ёдрас мекунад, ки ворисони Подшоҳии Худо нахоҳанд шуд. Ӯ гуфтан намехоҳад, ки агар масеҳиён чунин гуноҳҳо кунанд, барои Худо гумшуда хоҳанд буд, – аниқтараш, ӯ дар ин ҷо мегӯяд, ки касоне ки доимо чунин гуноҳҳо мекунанд, масеҳӣ нестанд.

Дар ин рӯйхат зинокорон ва фосиқон алоҳида зикр шудаанд. Зино алоқаи ҷинсии ғайриқонунии шахсони беоила аст, фосиқӣ бошад – амали шахси оиладор. Павлус боз ҳам, чун дар ду рӯйхати гузашта дар боби 5-ум, бутпарастонро номбар мекунад. Сипас Павлус оиди «бачабозон» ва «ливотагарон» мегӯяд. «Бачабозон» касоне мебошанд, ки ҷисми худро дастраси ҳомосексуалистон мегардонанд, «ливотагарон» бошанд касоне мебошанд, ки хоҳишмандони фаъоли алоқаҳои ҳомосексуалӣ ҳастанд. «Бачабозон», агар ба забони фаҳмо гӯем, – фоҳишаҳои ҷинси мардона мебошанд.

**6:10** Сипас Павлус оиди дуздон, ҳаромризқон, бадмастон, бадзабонон ва ғоратгарон гап мезанад. Дуздон, албатта, касоне

мебошанд, ки чизи ба онҳо тааллуқ надоштаро мегиранд. Ба он аҳамият диҳед, ки гуноҳи ҳаромризқӣ дар қатори гуноҳҳои бадтарин зикр шудааст. Ва агарчи одамон онро сафед карданӣ мешаванд ё нисбати он саҳлангорӣ менамоянд, Худо ин бадкирдориро қатъиян маҳкум мекунад. Ҳаромризқ шахсест, ки ба молу пул майли носолим дорад, ва ин ӯро ба амалҳои ғайриқонунӣ водор мекунад. Бадмастон, чуноне ки зикр шуда буд, шахсоне мебошанд, ки беҳад зиёд май менӯшанд. Бадзабонон касоне мебошанд, ки алфози қабеҳро бисёр истифода мебаранд. Ғоратгарон касоне мебошанд, ки аз камбағалӣ ё мӯҳтоҷии дигарон истифода бурда, ба худ сарвати зиёд ғун мекунанд.

**6:11** Павлус тамоман гуфтан намехоҳад, ки чунин гуноҳҳо дар байни бовардорони Қӯринт ҷой доранд. Ӯ танҳо қӯринтиёнро огоҳ мекунад, ки ин ба онҳо пеш аз наҷот ёфтанашон хос буд: «Ва баъзе аз шумо чунин будед». Аммо баъд ин одамон пок, муқаддас ва сафед карда шуданд. Онҳо ба воситаи хуни гаронбаҳои Сарвар Исои Масеҳ аз гуноҳҳои худ пок карда шудаанд, онҳо доимо ба воситаи Каломи Худо аз нопокӣ шуста мешаванд. Аз ҷаҳон барои Худо ҷудо гардида, онҳо аз ҷониби Рӯҳи Пок муқаддас гардонда мешаванд; яъне баъди ҳамаи он чи Сарвар Исои Масеҳ дар салиб барои онҳо кард, онҳо дар назари Худо муқаддас гардиданд. Павлус дар ин ҷо чӣ гуфтан мехоҳад? Он чи Годе хеле хуб ифода намудааст: «Чунин файзи беандоза амиқро аз нав дида баромадан ғайриимкон аст».

## ТАРЗИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОН, КИ ЧӢ ХУБ АСТ ВА ЧӢ БАД (6:12–20)

**6:12** Дар оятҳои хотимавии ин боб фириста Павлус баъзе принсипҳоеро номбар мекунад, ки хуб ва бадро аз рӯи онҳо бояд муайан кард, принсипҳое ки махсусан нисбати суиистифодаҳои ҷисмонӣ қобили истифодаанд. Принсипи якум он аст, ки агар ягон чиз дуруст ҳисобида шавад, ин ҳанӯз чунин маъно надорад, ки он мувофиқи мақсад ё фоиданок аст. Ҳангоме фириста мегӯяд, ки ҳама чиз барояш ҷоиз аст, ӯ дар назар надорад, ки ҳамаи гуноҳҳои зикршуда барояш ҷоиз мебошанд. Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки ин ҷо сухан танҳо дар бораи он чизҳое меравад, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ бадӣ надоранд. Масалан, масъала оиди он ки оё масеҳӣ гӯштро ё гӯшти хукро хӯрад, дар замони Павлус хеле ҷиддӣ буд. Дар асл ин масъала аз ҷиҳати ахлоқӣ на он қадар муҳим аст. Барои

Худо фарқ надорад, ки шахс гўшти гову хукро мехўрад ё не. Павлус дар ин ҷо мегўяд, ки чизҳои муайян метавонанд пурра ҷоиз бошанд, аммо фоиданок набошанд. Амалҳое ҳастанд, ки барои ман ҷоиз ҳастанд, аммо шахси дигаре ки инро мебинад, аз боиси онҳо пешпо хўрда метавонад.  Дар чунин ҳолат ман набояд ин корро кунам. Ибораи «мувофиқи мақсад»-ро дар замони мо гоҳо ба маънои манфӣ истифода мебаранд. Масалан, мо оиди шахсе мегўем, ки бо далели «мувофиқи мақсад» будан ҳама кори барояш фоиданокро мекунад ва оиди дурустӣ ё нодурустии он намеандешад. Аммо ин ҷо, дар ояти 12, ин калима маънои «фоиданок» ё «муносиб»-ро дорад.

Принсипи дуюм он аст, ки баъзе чизҳо метавонанд пурра ҷоиз бошанд, аммо шахсро ғуломи худ гардонанд. Павлус мегўяд: «... набояд ки чизе маро бандаи худ гардонад». Имрўзҳо ин суханон махсусан барои онҳое муҳиманд, ки бисёр май менўшанд ва сигор мекашанд. Ин одатҳо, чун бисёр одатҳои дигар, шахсро ғуломи худ карда метавонанд, ва масеҳӣ набояд ба чунин ғуломӣ афтад.

**6:13** Принсипи сеюм аз он иборат аст, ки баъзе чизҳо барои шахси бовардор ҷоиз ҳастанд, аммо арзишнокии онҳо гузарон аст. Павлус мегўяд: «Хўрок барои шикам аст, ва шикам барои хўрок; аммо Худо инро ва онро нест мекунад». Ин чунин маъно дорад, ки шиками одам чунон сохта шудааст, ки хўрокро қабул ва ҳазм намояд. Он барои ҳамин офарида шудааст. Хўрокро низ Худо ба таври ҳайратовар чунон офаридааст, ки меъда онро қабул карда тавонад. Аммо мо набояд барои хўрок зиндагӣ кунем, чунки хўрок арзиши гузарон дорад. Онро дар зиндагӣ ба ҷои аввал гузоштан даркор нест. Касе гуфтааст: «Мо на барои он зиндагӣ мекунем, ки хўрем, балки мехўрем, то ки зиндагӣ кунем».

Ва агарчи Худо ба таври мўъҷизаосо ҷисми одамро чунон офаридааст, ки он хўрокро қабул ва ҳазм кунад, як чиз муҳим аст: ҷисм на барои зино, балки барои Сарвар аст, ва Сарвар барои ҷисм. Ҷисми одамиро офарида, Худо ҳеҷ гоҳ намехост, ки он барои мақсадҳои бад ва нопок истифода шавад. Ў онро барои шукўҳи Худо ва хизмате ки Ў онро баракат медиҳад, офарид.

Ин оят як ҷиҳати ҳайратоваре дорад, ки набояд аз мадди назари донишҷў берун монад. На танҳо ҷисм барои Сарвар, балки аҷибтараш он аст, ки Сарвар низ барои ҷисм аст. Ин маънои онро дорад, ки Сарвар нисбати ҳолати ҷисмҳои мо, саломатии мо ва таъиноти ҷисмонии мо бепарво нест. Худо мехоҳад, ки мо

ҷисмҳоямонро ҳамчун қурбонии зинда тақдим намоем (Рум. 12:1). Чуноне ки Эрдман мегӯяд, «Бе Сарвар ҷисми одамӣ эътибор ва тақдири намирандаи худро доро шуда наметавонад».

**6:14** Фикр оиди он ки Сарвар барои ҷисм аст, дар ин оят инкишофи минбаъдаи худро меёбад. Худо на танҳо Сарвар Исоро аз мурдагон зинда кард, Ӯ моро низ бо қувваи Худ зинда хоҳад кард. Ҳангоме ки мо мемирем, Ӯ таваҷҷӯҳи Худро ба ҷисмҳои мо қатъ намекунад. Ӯ ҷисми ҳар як бовардорро зинда мекунад ва онро ба ҷисми пуршукӯҳи Сарвар Исо монанд мекунад. Дар ҷовидонӣ мо рӯҳҳои беҷисм нахоҳем буд. Рӯҳ ва ҷони ҳар як бовардор бо ҷисми шукӯҳмандшудаи ӯ муттаҳид мешаванд, то ки ҳар як бовардор аз шукӯҳи осмонҳо ҳаловат бурда тавонад.

**6:15** Зарурати дар покӣ нигоҳ доштани худ ва аз нопокии ин ҷаҳон ҳифз намудани худро таъкид намуда, фириста Павлус ба мо ёдрас мекунад, ки ҷисмҳои мо узвҳои Масеҳ мебошанд. Дигар хел карда гӯем, ҳар як бовардор узви ҷисми Масеҳ аст. Пас, оё узвҳои Масеҳро гирифта, узвҳои зино гардондан дуруст аст? Ҷавоби ин савол аён аст, ва Павлус лаҳзае ҳам шубҳа накарда, ҷавоб медиҳад: «Ҳошо ва калло (Ҳеҷ гоҳ)»!

**6:16** Ҳангоми амали ҷинсӣ ду ҷисм як мешаванд. Дар аввали офариниш маҳз дар бораи ҳамин гуфта шуда буд: «... ва як тан хоҳанд буд» (Ҳастӣ 2:24). Ҳангоме ки бовардор бо фоҳиша амали ҷинсӣ мекунад, айнан ҳамин чиз рӯй медиҳад, ва узви Масеҳ узви зино мегардад. Ду нафар як тан мешаванд.

**6:17** Монанди он ки амали ҷисмонӣ боиси як шудани ду тан мегардад, одаме ки ба Сарвар Исои Масеҳ бовар мекунад ва ба Ӯ муттаҳид мегардад, бо Ӯ чунон сахт мепайвандад, ки онҳо якҷоя чун як рӯҳ мегарданд. Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки касоне ки бо Масеҳ муттаҳид шудаанд, ҳеҷ гоҳ ба иттиҳоди дигаре роҳ намедиҳанд, ки мухолифи иттиҳоди рӯҳонӣ бошад.

«Гӯсфандон метавонанд аз чӯпони худ гурезанд, ва шоха метавонад аз ток канда шавад; узверо аз тан буридан, кӯдакро аз модар ва занро аз шавҳар дур кардан имкон дорад; аммо ҳангоме ки ду рӯҳ муттаҳид мешаванд, чӣ чиз онҳоро ҷудо карда метавонад? Ҳеҷ як робита, иттиҳоди берунӣ, ё ҳатто никоҳ боиси чунин якшавии комили ду ҳаёт гардида наметавонанд» (Э. Т. Пирсон).

**6:18** Бинобар ин фириста Павлус бовардорони Қӯринтро даъват мекунад, ки аз зино барканор бошанд. Онҳо набояд ҳатто гоҳ-гоҳ ба ин кор даст зананд, онро таҳқиқ кунанд ва ҳатто оиди он

гап зананд. Дар Китоби Муқаддас хеле хуб тасвир шудааст, ки чӣ тавр зани Фӯтифар Юсуфро водор менамуд, то бо вай гуноҳ кунад (Ҳастӣ 39). «Бисёриҳо мегӯянд, ки агар гоҳ-гоҳ гуноҳ кунем, хатар надорад, аммо мавридҳое ҳастанд, ки тамоман бо он машғул нашудан бештар бехатар аст», – гуфта мешавад дар тафсири Уиклиф ба Китоби Муқаддас.

Сипас фириста мегӯяд: «Ҳар гуноҳе ки одамизод мекунад, аз ҷисм берун аст, лекин зинокор бар зидди ҷисми худаш гуноҳ мекунад». Бисёрии гуноҳҳое ки одам мекунад, ба ҷисми ӯ таъсири бевосита надоранд, аммо зино аз он ҷиҳат беҳамтост, ки ба ҷисм бевосита таъсир мерасонад: натиҷаҳои онро одам дар ҷисми худ мебинад. Душвории ин оят аз он иборат аст, ки дар ин ҷо *"ҳар* гуноҳе ки одам мекунад, аз ҷисм берун аст", – гуфта шудааст. Аммо мо чунин меҳисобем, ки фириста дар ин ҷо маънои маҷозиро истифода мебарад. Агарчи пурхӯрӣ ё бадмастӣ, масалан, ҳақиқатан бевосита ба ҷисм таъсир мерасонанд, аммо бисёрии гуноҳҳо ин гуна таъсирро надоранд. Ва ҳатто пурхӯрӣ ва бадмастӣ ба ҷисм монанди бадахлоқӣ таъсири бевосита ва харобиовар намерасонанд. Амали ҷинсии берун аз никоҳ ҳатман ва ногузир ба ҳаёти гуноҳкор харобӣ меоварад.

**6:19** Фириста Павлус ба қӯринтиён ёдрас мекунад, ки онҳо вазифаи муқаддас ва наҷиб доранд. Наход онҳо фаромӯш карда бошанд, ки ҷисмҳояшон маъбади Рӯҳи Пок аст? Ҳақиқати асосии Навишта аз он иборат аст, ки дар ҳар як боваркарда Рӯҳи Худо сокин аст, ки он Рӯҳи Пок аст. Оё мо умуман метавонем оиди он фикр кунем, ки ҷисмеро, ки дар он Рӯҳи Пок сокин аст, барои мақсадҳои бад истифода барем?

Фириста Павлус на фақат оиди он мегӯяд, ки ҷисмҳои мо маъбади Рӯҳи Пок мебошанд, балки низ мегӯяд, ки мо аз они худ нестем. Мо ҳақ надорем ҷисмҳои худро мувофиқи хости худ истифода барем. Чунки, дар ниҳояти кор, ҷисмҳои мо аз они мо нестанд; онҳо ба Сарвар тааллуқ доранд.

**6:20** Мо ба Сарвар тааллуқ дорем, чунки Ӯ моро офарид ва бозхарид намуд. Павлус дар ин ҷо бозхарид намуданро дар назар дорад. Ба Ӯ тааллуқ доштани мо аз маслубшавии Масеҳ бармеояд. Мо бо нархи гарон харида шудаем. Исо одамро чунон баланд қадр мекунад, ки қарор дод бо хуни гаронбаҳои Худ музди гуноҳҳои моро пардохт намояд. «Исо маро то чӣ андоза дӯст медорад, ки

ҳангоме ба чӯб мехкӯб шуда буд, гуноҳҳоямро ба дӯши Худ гирифт».

Ва баъди ин ман аллакай оиди ҷисмам чун моликияти худ фикр карда наметавонам. Агар ман ҷисмамро мувофиқи хости худ истифода бурдан гирам, дузде хоҳам буд, ки чизи ба ман тааллуқ надоштаро гирифтаам. Ба ҷои ин ман бояд Худоро, ки ҷисмам ба Ӯ тааллуқ дорад, ҷалол диҳам.

«Сар! Оиди Касе фикр кун, ки пешонияш аз тоҷи хордор захмдор шуда буд. Дастҳо! Барои Касе меҳнат кунед, ки дастонаш ба салиб мехкӯб шуда буданд. Пойҳо! Барои иҷрои фармудаҳои Касе шитобед, ки пойҳояшро меххо сӯрох карда буданд. Ҷисми ман! Маъбади Касе бош, ки ҷисмаш аз дарди беандоза азоб мекашид» (Бейтс).

ДАРСИ ЧОРУМ

# Масъалаи никоҳ 7:1-40

**Нақшаи дарс:**

VII. Насиҳатҳо оиди никоҳ ва муҷаррадӣ (7:1-40).

А. Муҷаррад будан хуб аст (7:1).

Б. Аммо оиладор будан афзалтар аст, зеро ба ин восита аз нопокии ахлоқӣ барканор будан мумкин аст (7:2-6).

1. Танҳо бо як кас дар никоҳ будан лозим аст (7:2).
2. Ҳар кас бояд нисбати шарики худ вазифаҳои оиладориро софдилона иҷро кунад, чунки дар никоҳ одамон ба якдигар вобастаанд (7:3-4).
3. Истиснои ягона – худдорӣ аз муоширати заношӯӣ барои рӯза ва дуо (7:5-6).

а) Чунин худдорӣ бояд муваққатӣ бошад (7:5).

б) Чунин худдорӣ бояд тарафайн бошад (7:5).

в) Ин иҷозат аст, на фармон (7:6).

В. Маслиҳат ба шахсони муҷаррад (7:7-9).

1. Павлус мавқеи шахси муҷаррадро афзалтар меҳисобад, аммо эътироф мекунад, ки ин танҳо бо хости Худо буда метавонад (7:7).

2. Ӯ ба муҷаррадон ва бевазанон маслиҳат медиҳад, ки чунин бимонанд (7:8).
3. Аммо ӯ имконпазир меҳисобад, ки барои касоне ки худдорӣ карда наметавонанд, никоҳ афзалтар аст (7:9).

Г. Маслиҳат ба ҷуфтҳои оилавие ки дар онҳо ҳар ду ҳамсар бовардор ҳастанд (7:10-11).
1. Робитаҳои никоҳӣ набояд канда шаванд (7:10).
2. Агар ҳамсарон ҷудо шуда бошанд, муҷаррад мондан ё оштӣ шудан даркор аст (7:11).

Д. Маслиҳат ба ҷуфтҳои оилавие ки дар онҳо яке аз ҳамсарон наҷотнаёфта аст (7:12-24).
1. Бовардор набояд ҳамсари нобоварашро тарк кунад (7:12-13), чунки ҳамсари нобовар ба воситаи ҳамсари бовардораш тақдис меёбад (7:14).
2. Агар ҳамсари нобовар рафтан хоҳад, аз ӯ бо осоиштагӣ ҷудо шуда, дар айни замон ба наҷот ёфтани ӯ умед бастан лозим аст (7:15-16).
3. Қоидаи умумӣ аз он иборат аст, ки агар касе масеҳӣ шавад, робитаҳои мавҷуда набояд вайрон шаванд (7:17-24).
   а) Намунаи решаҳои миллӣ (7:17-20).
   б) Намунаи решаҳои иҷтимоӣ (7:20-24).

Е. Маслиҳат ба муҷаррадон – ҳам ба мардон, ҳам ба занон (7:25-27).
1. Умуман, муҷаррад будан беҳтар аст (7:25-28).
   а) Ин маънои онро надорад, ки одамони оиладор бояд ба ҷудошавӣ аз оилаҳояшон кӯшиш кунанд (7:25-27).
   б) Ин маънои онро надорад, ки оиладор шудан гуноҳ аст, ҳатто агар ба шахс лозим ояд, ки ҳамаи андӯҳҳои вобаста ба оиладориро аз сар гузаронад (7:28).
2. Сабаби дуюм, ки аз боиси он ҳаёти муҷаррадона афзалтар мебошад, – вақт танг аст (7:29-31).
3. Сабаби сеюм аз он иборат аст, ки муҷаррадон ба Сарвар беҳтар хизмат мекунанд, зеро ба мушкилоти дигар камтар ҷалб карда мешаванд (7:32-35).
4. Агар шахс дар синни балоғат муҷаррад буданро номуносиб донад, бигузор оиладор шавад (7:36).
5. Агар шахс дар муҷаррадӣ худдорӣ карда тавонад, беҳтараш оиладор нашавад (7:37-38).

Ж. Маслиҳат ба бевазанон (7:39-40).

1. Марг робитаҳои никоҳиро барҳам мезанад, ва бевазанон боз оиладор шуда метавонанд (7:39).
2. Аммо зан агар бева монад, хушбахттар хоҳад буд (7:40).

## ОЁ МАСЕҲӢ БОЯД ОИЛАДОР ШАВАД (7:1-6)

**7:1** То ин ҷои Нома Павлус оиди бисёр рафторҳои ношоиста дар ҷамоати Қӯринт, ки аз сарчашмаҳои гуногун фаҳмида буд, сухан меронд. Акнун ӯ ба саволҳое ки бовардорони Қӯринт дар номаҳояшон ба ӯ медоданд, ҷавоб мегӯяд. Саволи аввал ба ҳаёти муҷаррадона дахл дорад. Павлус аз он сар мекунад, ки ба зан даст нарасондани шахс беҳтар аст. «Ба зан даст расондан» дар ин ҷо маънои «никоҳ кардан»-ро дорад. Бо ин суханон фириста гуфтан намехоҳад, ки мавқеи шахси муҷаррад аз мавқеи шахси оиладор муқаддастар аст, – балки касе ки пурра худро ба Сарвар бахшидааст, беҳтараш муҷаррад монад. Дар оятҳои минбаъда Павлус тавзеҳоти муфассал медиҳад.

**7:2** Дар айни ҳол фириста эътироф мекунад, ки шахси муҷаррад бо васвасаи ҷиддии ба нопокӣ афтодан рӯ ба рӯ мешавад. Барои ҳамин ҳам ӯ дарҳол ба аввалин ҷумлаи ин боб илова мекунад: «Аммо барои пешгирӣ кардани зино, бигзор ҳар мард завҷаи худро дошта бошад, ва ҳар зан шавҳари худро дошта бошад». Зино гуфта, Павлус дар ин ҷо гуноҳи ҷинсиро дар назар дорад. Ҳар мард завҷаи худро дошта бошад маънои онро дорад, ки ӯ набояд зани бисёр дошта бошад. Ояти 2-юм принсиперо тасдиқ мекунад, ки мувофиқи он тартиби илоҳӣ барои халқи Худо тағйирнопазир аст – ҳар кас метавонад танҳо як ҳамсар дошта бошад.

**7:3** Агар шахс оиладор шуда бошад, ӯ бояд нисбати ҳамсараш ҳамаи вазифаҳои ҳаёти оилавиро иҷро кунад, чунки чунин зиндагӣ робитаи тарафайнро дар назар дорад. Касе гуфтааст: «Аҳамият диҳед, ки Павлус оиди ин масъала бо чӣ гуна назокат гап мезанад. Ҳеҷ гуна дағалӣ, ҳеҷ як сухани гӯшхарош. Тамоман на он тавре ки аҳли ҷаҳон дар ин бора гап мезананд!»

**7:4** Дар ояти 4-ум дар шакли андаке дигар фикре баён шудааст, ки дар иттиҳоди никоҳӣ зан ба мард вобаста аст ва баръакс. Ва барои он ки дар ин иттиҳоди муқаддас тартиби илоҳӣ бошад, ҳам зан, ҳам шавҳар бояд робитаи мутақобили худро эътироф кунанд.

**7:5** «Ба забони оддӣ ин маънои онро дорад, ки агар яке аз ҳамсарон муошарати заношӯӣ кардан хоҳад, дигарӣ бояд ба ин хоҳиш розӣ шавад. Он занону шавҳароне ки нисбати ҳаёти маҳрамона чунин муносибати заминӣ доранд, мебинанд, ки ин ҷиҳати беҳад қаноатбахши ҳаёти якҷояи онҳост – зеро чунин муносибатҳо на бо ғояҳои сунъӣ ва ғайриимкон, балки бо воқеият робитаи зич доранд» (Ларрӣ Кристенсон). Аз афташ, ҳангоме ки баъзе бовардорони Қӯринт наҷот ёфтанд, фикр карданд, ки ҳаёти ҷинсӣ ҳатто дар доираи ҳаёти оилавӣ бо муқаддасии масеҳӣ мувофиқат надорад. Павлус онҳоро даъват менамояд, ки чунин ғояҳоро аз сари худ дур кунанд. Ӯ ба онҳо мегӯяд, ки ҷуфтҳои оилавии масеҳӣ на барои он бунёд гардидаанд, ки ҳамсарон аз ҳамдигар канораҷӯӣ кунанд, яъне ҳаққи ҳамсари худро ба ҳаёти ҷинсӣ рад кунанд. Танҳо ду истисно ҳаст. Аввалан, худдорӣ бояд бо розигии тарафайн бошад, ҳангоме шавҳар ва зан муддате дар дуо машғул мешаванд. Бояд ба он диққат дод, ки калимаи «рӯза», ки мо дар ин ҷо мехонем, дар бисёр тарҷумаҳои Китоби Муқаддас партофта шудааст. Дуюм, чунин худдорӣ бояд муваққатӣ бошад. Шавҳар ва зан бояд дар чунин масъалаҳо ҳамраъй бошанд, то ки шайтон онҳоро ба худдорӣ накардан васваса накунад.

**7:6** Суханони фириста дар ояти 6-ум гӯё ноҳамсоз ва ихтилофнок мебошанд. Ӯ мегӯяд: «Лекин инро ман ба тариқи маслиҳат мегӯям, на ба тариқи фармоиш». Бинобар ин баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки гуфтаҳои Павлусро набояд чун дорои илҳоми илоҳӣ қабул кард. Чунин тафсир асос надорад, зеро дар 1Қӯринтиён 14:37 ӯ мегӯяд, ки ҳамаи он чи ӯ дар Нома навиштааст, фармудаҳои Худо мебошанд. Ба фикри мо, ояти 6-ум ба суханони пештараи фириста дахл доранд. Павлус гуфта буд, ки дар мавридҳои муайян аз наздикии ҷинсӣ худдорӣ кардан дуруст аст. Акнун ӯ илова мекунад, ки чунин худдорӣ иҷозат аст, на фармон. Ҳатмӣ нест, ки масеҳиён аз муносибатҳои маҳрамона даст кашанд, то барои якҷоя дуо кардан имконият пайдо намоянд. Аммо онҳо метавонанд бо розигии тарафайн муддате чунин кунанд. Чунин ақида низ ҳаст, ки ояти 6-ум ба тамоми ғояи никоҳ дахл дорад, яъне масеҳиён метавонанд оиладор шаванд, аммо ин фармон нест.

## МАСЛИҲАТ БА ОДАМОНИ МУҶАРРАД (7:7-9)

**7:7** Сипас Павлус ба муҷаррадон бо маслиҳат муроҷиат мекунад. Дарҳол аён аст, ки мақоми шахси оиладор барои ӯ

афзалтар аст, аммо ӯ илова мекунад, ки ин танҳо дар он мавриди дуруст аст, ки Худо барои ин қувват диҳад. Вақте ӯ мегӯяд: «Зеро мехоҳам, ки ҳамаи одамон мисли ман бошанд», – аз қаринаи матн аён мешавад, ки ӯ масеҳиёнро маҳз муҷаррад дидан мехоҳад. Дар байни муҳаққиқон ҳамфикрӣ нест, ки оё Павлус ҳангоми навиштани Нома муҷаррад буд ё занмурда. Аммо ҳатто агар мо чунин имконият медоштем, оиди ин мавзӯъ баҳс оростан маъно надорад. Ҳангоме Павлус мегӯяд: «...ҳар кас лаёқати ба худ хосе аз Худо дорад, яке ин тавр, дигаре ба таври дигар», ӯ дар назар дорад, ки Худо ба баъзеҳо баракат медиҳад муҷаррад монанд, дигаронро бошад ба оиладоршавӣ даъват мекунад. Ҳамаи ин хеле хусусӣ аст, ва ҳеҷ принсипи умумие нест, ки барои ҳама қобили истифода бошад.

**7:8** Бинобар ин Павлус ба муҷаррадон ва бевазанон маслиҳат медиҳад, ки мисли ӯ бимонанд.

**7:9** Аммо агар касе муҷаррад буда, худро идора карда натавонад, метавонад зан гирад, «зеро ки никоҳ кардан аз сӯхтан дар оташи шаҳват беҳтар аст». «Сӯхтан дар оташи шаҳват» дар ин ҷо маънои хоҳишеро дорад, ки боиси ба гуноҳ афтодан шуда метавонад.

## МАСЛИҲАТҲО БА ҶУФТҲОИ ОИЛАВӢ (7:10-24)

### 1. Маслиҳат ба ҷуфтҳое ки дар онҳо ҳар ду бовардорон мебошанд (7:10-11)

**7:10** Дар ду ояти навбатӣ фириста ба он ҷуфтҳои оилавӣ муроҷиат мекунад, ки дар онҳо ҳам шавҳар ва ҳам зан бовардор мебошанд. Ояти 10-ро хонда, боз ҳам тахмин кардан мумкин аст, ки ҳамаи он чи Павлус дар ин ҷо навиштааст, илҳоми илоҳӣ надорад. Ӯ мегӯяд: «Ба онҳое ки никоҳ кардаанд, на ман фармоиш медиҳам, балки Сарвар». Бо вуҷуди он, ин суханон танҳо маънои онро доранд, ки он чиро, ки Павлус ин ҷо таълим медиҳад, Сарвар Исо ҳангоми дар замин хизмат карданаш аллакай таълим дода буд. Масеҳ оиди ин масъала аллакай фармудаҳои комилан равшан додааст. Масалан, Ӯ талоқро манъ кардааст, ба истиснои мавриди хиёнат (Матто 5:32: 19:9; Марқӯс 10:11; Луқо 16:18). Дар ин ҷо бошад Павлус оиди он дастур медиҳад, ки зан аз шавҳараш ҷудо нашавад.

**7:11** Аммо Павлус эътироф мекунад, ки чунин мавридҳои фавқулодда буда метавонанд, ки зан бояд шавҳарашро тарк кунад.

Дар он ҳолат вай бояд ё бешавҳар монад, ё бо шавҳараш оштӣ кунад. Ҷудоӣ бандҳои никоҳро барҳам намезанад; он ба Сарвар имкон медиҳад, то он ихтилофотеро, ки байни ҳамсарон пайдо шудаанд, ҳал намояд ва мушоракати ҳамсаронро бо Ӯ ва бо ҳамдигар барқарор кунад. Шавҳар набояд зани худро тарк кунад. Дар ин маврид Павлус ягон хел истисно намедиҳад.

**2. Маслиҳат ба ҷуфтҳое ки дар онҳо яке аз ҳамсарон наҷот наёфтааст (7:12-24)**

**7:12** Дар оятҳои ишорашуда сухан дар бораи мушкилоти он оилаҳое меравад, ки дар онҳо танҳо яке аз ҳамсарон бовардор аст. Павлус бо чунин суханон сар мекунад: «Ба дигарон ман мегӯям, на Сарвар». Боз ҳам диққати шуморо ба он ҷалб кардан мехоҳам, ки ин маънои онро надорад, ки дар ин ҷо Павлус на аз Худо гап мезанад, балки танҳо фикри худро баён мекунад. Павлус бо ин суханон танҳо мефаҳмонад, ки Сарвар Исо дар ин бора ҳангоми хизмати заминии Худ чизе нагуфтааст. Дигар дар ҳеҷ як Инҷил чунин ишора ё фармонро намеёбед. Сарвар Исо оиди мавридҳое ки танҳо яке аз ҳамсарон бовардор аст, нагуфта буд. Аммо акнун Худо ба воситаи фириста фармонҳои Худро оиди ин медиҳад; ва он чи Павлус мегӯяд, Каломи Худост, ки илҳоми илоҳӣ дорад.

«Ба дигарон» яъне «ба онҳое ки ҳамсаронашон нобоваранд». Ин порча бо нобоварон оиладор шудани масеҳиёнро сафед намекунад. Аз афташ, ин ҷо мавриде дар назар дошта шудааст, ки яке аз ҳамсарон баъди оиладоршавӣ наҷот ёфтааст.

«Агар бародаре завҷаи беимон дошта бошад, ва он завҷа розӣ бошад бо ӯ зиндагӣ кунад, вай набояд аз ӯ ҷудо шавад». Барои дуруст фаҳмидани ин порча бояд он чиро, ки Худо дар Паймони Куҳан ба халқи Худ ваъда дода буд, фаромӯш накунем. Ба яҳудиёне ки аз бутпарастон зан мегирифтанд ва фарзанддор мешуданд, фармуда шуда буд, ки ин занҳо ва фарзандонро сар диҳанд. Порчаҳо аз Эзро 11:2-3 ва Наҳемё 13:23-25 дар ин бора мегӯянд.

Ва акнун дар Қӯринт масъалае ба миён омад, ки зани навбовар бо шавҳар ва кӯдаконаш чӣ кунад ва шавҳар бо зани беимонаш чӣ кунад? Оё ӯ бояд занашро тарк кунад? Ҷавоб манфӣ аст. Ин фармудаи Паймони Куҳан акнун барои одамони Худо, ки аз рӯи файз зиндагӣ мекунанд, қудрате надорад. Агар марди масеҳӣ зани ғайримасеҳӣ дошта бошад, ва он зан розӣ бошад, ки бо ӯ зиндагӣ кунад, масеҳӣ набояд вайро тарк кунад. Ин маънои онро надорад,

ки зани нобовар гирифтани марди масеҳӣ хуб аст, – ин маънои онро дорад, ки агар он зан ҳамсари ӯ бошад, ӯ набояд вайро тарк кунад.

**7:13** Зани бовардор низ, агар шавҳараш нобовар буда, бо вай зистан ва ҳаматарафа ёрӣ расондан хоҳад, бояд бо шавҳараш монад. Шояд вай бо гувоҳии фурӯтанона ва тақводорона шавҳарашро назди Сарвар оварда тавонад.

**7:14** Амалан агар дар оилаи ғайримасеҳӣ масеҳие бошад, ин оила муқаддас мегардад. Чуноне ки мо пештар зикр карда будем, муқаддас шудан маънои ҷудо шуданро дорад. Ин маънои онро надорад, ки шавҳари нобовар ба шарофати зани бовардораш наҷот меёбад, ва низ маънои онро надорад, ки вай аз ин муқаддас мешавад. Аниқтараш, ин маънои онро дорад, ки ӯ имтиёзи махсус дорад. Ин имтиёзи зани масеҳӣ доштан аст, ки ҳамеша барои ӯ дуо мегӯяд. Худи зиндагӣ ва гувоҳии ин зан амал кардани Худо дар ин оила аст. Агар аз нуқтаи назари одамӣ гӯем, агар шахс зани бовардор дошта бошад, имконияти наҷот ёфтанаш назар ба шахсе ки зани нобовар дорад, бештар аст. «Ӯ таъсири рӯҳониеро аз сар мегузаронад, ки дар назди ӯ имконияти ҳақиқатан бовар карданро мекушояд» (У.И. Вайн). Худи ҳаминро бо боварии комил оиди он вазъияте гуфтан мумкин аст, ки шавҳар бовардор ва зан нобовар аст. Дар чунин маврид зани нобовар бо шавҳари бовардор муқаддас мегардад.

Сипас фириста мегӯяд: «...вагарна фарзандони шумо нопок мебуданд, ва ҳол он ки дар асл онҳо муқаддас ҳастанд». Мо аллакай оиди он гуфта будем, ки мувофиқи Паймони Куҳан, занони ғайрияҳудӣ ва фарзандони аз онҳо ба дунё омадаро сар додан даркор буд. Акнун Павлус мефаҳмонад, ки аз рӯи файзи Худо фарзандон дар оилаҳое ки яке аз ҳамсарон бовардор буда, ҳамсари дигар беимон аст, муқаддас ҳастанд. Ифодаи «муқаддас ҳастанд» дар ин ҷо бо ифодаи «муқаддасӣ пайдо мекунанд» наздикӣ дорад. Ин тамоман маънои онро надорад, ки онҳо худ аз худ муқаддас мешаванд, яъне ҳаёти пок ва беолоиш ба сар мебаранд. Аниқтараш, ин маънои онро дорад, ки чунин кӯдакон имтиёзи махсус доранд. Онҳо ақаллан як волиде доранд, ки Сарварро дӯст медорад ва ба онҳо аз Инҷил қиссаҳо нақл мекунад. Ва бинобар ин имконияти калоне ҳаст, ки онҳо наҷот меёбанд. Хушбахтона онҳо дар як оила бо шахсе зиндагӣ мекунанд, ки Рӯҳи Пок дар ӯ сокин аст. Онҳо ба ҳамин маъно “муқаддасӣ пайдо кардаанд”. Албатта, ин ҷо он факт низ дар назар дошта шудааст, ки агар яке аз ҳамсарон бовардор ва

дигаре нобовар бошад, соҳиби фарзандон шудан ҳеҷ badӣ надорад. Худо чунин никоҳро эътироф мекунад, ва чунин фарзандон ҳаромзода ҳисобида намешаванд.

**7:15** Агар ҳамсари нобовар аз оила рафтан хоҳад, масеҳӣ чӣ бояд кунад? Павлус ҷавоб медиҳад, ки ба чунин ҳамсар бояд имконияти рафтан дода шавад. «Дар чунин вазъият бародар ё хоҳар дигар вобаста нест»-ро (7:15) маънидод кардан душвор аст. Мувофиқи ақиқаи баъзеҳо, Павлус бо ин суханон мегӯяд, ки агар шахси нобовар бовардорро тарк кунад ва канда шудани робита ниҳоӣ бошад, шахси бовардор пурра ҳақ дорад оилаи нав барпо кунад. Ҷонибдорони ин ақида мегӯянд, ки ояти 15 ҷумлаи туфайлӣ аст ва ояти 16 бо ояти 14 ин тавр алоқаманд мебошад:

а) Ояти 14 мегӯяд, ки дар ҳолати идеалӣ ҳамсари бовардор бояд бо ҳамсари нобовар монад, чунки Сарвар ба воситаи ӯ ба хонадон таъсири муқаддаскунанда мерасонад.

б) Ояти 16 дар назар дорад, ки дар оила монда, бовардор шахси нобоварро назди Масеҳ оварда метавонад.

в) Ояти 15 ҷумлаи туфайлӣ буда, ба бовардор иҷозат медиҳад, ки агар ҳамсари нобовар ӯро тарк кунад, вайро талоқ дода, оилаи нав барпо кунад.

Умед ба наҷоти ниҳоӣ на бо барҳам хӯрдани оила, балки бо нигоҳ доштани он вобаста аст.

Аммо дигар муҳаққиқони Китоби Муқаддас исрор менамоянд, ки дар ояти 15-ум сухан на дар бораи талоқ ё аз нав оиладор шудан, балки танҳо дар бораи ҷудошавӣ меравад. Мувофиқи ақидаи онҳо, ин ҷо гуфта шудааст, ки агар шавҳари нобовар аз оила равад, бигузор ин корро бо осоиштагӣ кунад. Зан пас аз ин набояд ба нигоҳ доштани оила кӯшиш кунад. Худо моро ба осоиштагӣ даъват намудааст, бинобар ин набояд аз ҳад зиёд эҳсосотӣ шуда, барои аз оила нарафтани шахси нобовар ба маҳкама муроҷиат кунем.

Пас кадоме аз ин тафсирҳо дуруст аст? Ба ин савол ҷавоб додан бароямон душвор аст. Он чи Сарвар дар Матто 19:9 ба мо таълим медод, возеҳу равшан аст – агар яке аз ҳамсарон дар бевафоӣ айбдор бошад (зино ё алоқаи ғайриникоҳӣ), талоқ иҷозат дода мешавад. Мо чунин меҳисобем, ки дар чунин маврид ҳансари бегуноҳ пурра ҳақ дорад оилаи нав барпо кунад. Дар мавриди худи ояти 1Қӯринтиён 7:15 бошад, мо пурра боварӣ надорем, ки агар ҳамсари нобовар аз оила равад, талоқ ва барпо намудани оилаи дигар иҷозат дода шудааст. Аммо мо мефаҳмем, ки ташаббускори

чунин ҷудоӣ оилаи нав барпо мекунад, ва бинобар ин никоҳи аввала барҳам мехӯрад. Д. У. Давйе менависад: «Ҳамсари нобоваре ки оилаи худро тарк мекунад, ба зудӣ оилаи нав барпо мекунад, ва ин ба таври автоматӣ оилаи аввалаи ӯро барҳам медиҳад. Исрор намудан дар он ки ҷониби таркшуда аз нав оиладор нашавад, ба он бор намудани юғе аст, ки дар аксари ҳолатҳо ба он тоб овардан ғайриимкон аст».

**7:16** Чуноне ки мо аллакай гуфтем, тафсири ояти 16 ба он вобаста аст, ки ояти 15-ро чӣ гуна тафсир мекунем.

Агар касе боварӣ дошта бошад, ки ояти 15 талоқро иҷозат намедиҳад, вай метавонад барои тасдиқи ҳаққонияти худ ба ояти 16 ишора кунад. Ӯ чунин меҳисобад, ки бовардор метавонад ба ҳамсари нобовараш имкон диҳад, ки аз хона равад, аммо талоқ надиҳад, чунки баъди талоқ умеди барқароршавии оила ва наҷот ёфтани ҳамсари нобовар тамоман барҳам мехӯрад. Аз тарафи дигар, агар касе боварӣ дошта бошад, ки баъди аз оила рафтани ҳамсари нобовар талоқ мумкин аст, ин оятро бо ояти 14 вобаста карда, ояти 15-ро чун ҷумлаи туфайлӣ ҳисобидан даркор аст.

**7:17** Аксаран дар одамони навбовар чунин ҳиссиёте пайдо мешавад, ки онҳо бояд бо ҳаёти пештара, аз ҷумла бо оила, ки худ аз худ гуноҳ нест, тамоми робитаҳоро кананд. Ҳисси хурсандии наҷот хатари онро дорад, ки навбовар робитаҳоро бо ҳамаи он чи пеш медонист, зӯран бармеканад. Дар асл, албатта, бовари масеҳӣ барои ба мақсад расидан ҳеҷ гоҳ зӯриро ба кор намебарад. Ҳамаи дигаргуниҳо дар ҳаёти бовардори ҳақиқӣ ба таври осоишта мегузаранд. Дар оятҳои 17-24 фириста Павлус принсипи умумиро баён мекунад: қабул кардани бовари масеҳӣ инқилоби бераҳмонаро нисбати робитаҳо ва муносибатҳои мавҷуда талаб намекунад. Дар навбати аввал, бе шубҳа, Павлус робитаҳои оилавиро дар назар дорад, аммо ин ҷо сухан на дар бораи анъанаҳои миллӣ ва иҷтимоӣ меравад.

Ҳар як бовардор дар зиндагӣ бояд мувофиқи даъвати илоҳии худ қадамгузор бошад. Агар Сарвар касеро даъват карда бошад, ки ҳаёти оилавӣ ба сар барад, чунин шахс бояд аз тарси Сарвар ба ин даъват пайравӣ намояд. Агар Худо касеро ба муҷаррадӣ баракат дода бошад, чунин шахс бояд ба даъвати Ӯ пайравӣ кунад. Ғайр аз ин, агар дар лаҳзаи бовар кардан шахс зани нобовар дошта бошад, ӯ бояд муносибатҳояшро бо вай наканад, балки ҳама кори имконпазирро кунад, то ки занаш низ наҷот ёбад. Он чи Павлус дар

номааш ба қӯринтиён мегӯяд, на танҳо ба онҳо дахл дорад; бо ҳамин суханон ӯ ба ҳамаи ҷамоатҳо муроҷиат карда буд. «Ҳангоме Павлус мегӯяд: “...дар ҳамаи ҷамоатҳо чунин дастур медиҳам” – ӯ аз кадом як марказ фармонҳо намедиҳад, балки ба ҷамоати Қӯринт хабар медиҳад, ки ӯ худи ҳамин дастурҳоро ба дигар ҷамоатҳо низ додааст» (У.И. Вайн).

**7:18** Дар оятҳои 18 ва 19 Павлус оиди анъанаҳои миллӣ сухан меронад. Агар кадоме аз боваркардагон яҳудии хатнашуда буд, ӯ набояд аз ин нафрат кунад ва ҳамаи нишонаҳои тарзи пештараи зиндагии худро аз байн бурданӣ шавад. Айнан ҳамин тавр, агар касе аз навбоварон бутпараст буд, набояд ба ифроти баръакс даст зада, тамоми нишонаҳои тарзи зиндагии пештараро аз байн бурда, шаҳодатҳои мансубият ба халқи яҳудиро ба даст оварад.

Ин оятро ба он маъно низ тафсир намудан мумкин аст, ки агар яҳудӣ масеҳӣ шуда бошад, набояд аз зиндагии минбаъда бо зани яҳудии худ даст кашад, ё агар бутпараст масеҳӣ шуда бошад, набояд аз он замина рӯ гардонад. Ин фарқиятҳои берунӣ ба самимияти бовар таъсир намерасонанд.

**7:19** Азбаски сухан дар бораи моҳияти масеҳият меравад, хатнашуда будан ё набудани бовардор ҳеҷ аҳамият надорад. Дар ин ҷо чизи асосӣ вафодорӣ ба фармудаҳои Худост. Дигар хел карда гӯем, Худо на ба зоҳир, балки ба ботини инсон менигарад. Ва муносибатҳои шахс бо атрофиён набояд аз сабаби масеҳӣ шудани ӯ комилан дигаргун шаванд. «Бовардори ҳақиқии масеҳӣ аз ҳамаи вазъиятҳои беруна болотар меистад».

**7:20** Қоидаи умумӣ аз он иборат аст, ки ҳар кас бояд ба даъвати худ вафодор монад. Ин, албатта, танҳо ба он даъвате дахл дорад, ки дар он ҳеҷ чизи гуноҳолуд нест. Агар шахс дар лаҳзаи бовар кардан бо ягон кори бад машғул бошад, албатта, бояд он корро тарк кунад. Аммо фириста дар ин ҷо оиди он чизе мегӯяд, ки ҳеҷ бадӣ надорад. Инро оятҳои баъдина, ки дар онҳо сухан дар бораи ғуломӣ меравад, тадқиқ мекунанд.

**7:21** Ғулом баъди наҷот ёфтан бояд чӣ кунад? Оё зидди соҳиби худ бархезад? Оё талаб кунад, ки ӯро озод кунанд? Оё масеҳият бо тамоми воситаҳо барои ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ мубориза бурданро таълим медиҳад? Павлус ҷавоб медиҳад: «Агар озод шуда тавонӣ, чунин имкониятро истифода бар». Мувофиқи ақидаи дигарон, фириста ин ҷо мегӯяд, ки ҳатто агар ғулом озод

шуда тавонад ҳам, бовари масеҳӣ аз ӯ талаб намекунад бо ҳар арзише ки бошад, озодиро ба даст оварад. Ӯ бояд ҳолати ғуломии худро чун гувоҳӣ ба Сарвар Исои Масеҳ истифода барад. Бисёрии муҳаққиқон ҷонибдори тафсири якум ҳастанд (ва шояд он дуруст бошад), аммо онҳо набояд аз хотир бароранд, ки тафсири дуюм ба намунае ки Сарвар Исои Масеҳ бароямон гузоштааст, бештар мувофиқат дорад.

**7:22** «Зеро ғуломе ки дар Сарвар даъват шудааст, озоди Сарвар аст...» Ин ҷо на калимаи «озод», балки «озодшуда» беҳтар мувофиқат мекунад. Чунки он на шахси дар озодӣ зодашуда, балки ғуломеро ифода мекунад, ки озодиро ба даст овардааст. Дигар хел карда гӯем, агар шахс дар лаҳзаи ба Худо бовар кардан ғулом бошад, мавқеи ғулом набояд ӯро безобита кунад, чунки ӯ шахси озодшудаи Сарвар аст. Ӯ аз гуноҳҳои худ ва бандҳои шайтон озод шудааст. Аз тарафи дигар, агар шахс дар лаҳзаи озодшавӣ озод бошад, ӯ бояд фаҳмад, ки акнун ӯ ғуломи Наҷотдиҳанда аст.

**7:23** Ҳар як масеҳӣ бо нархи муайян харида шудааст. Акнун ӯ ба Касе тааллуқ дорад, ки ӯро харидааст, – ба Сарвар Исо. Мо бояд на ғуломони одам, балки ғуломони Масеҳ бошем.

**7:24** Бинобар ин инсон дар ҳолати иҷтимоии пештарааш монда, дар айни замон дар Худо буда метавонад. Суханони охирин ҳамаи ҳақиқатро мекушоянд. Агар шахс бо Худо зиндагӣ кунад, ҳатто ғуломӣ озодии ҳақиқӣ шуда метавонад. «Маҳз ҳамин чиз ҳама гуна мақомро дар зиндагӣ наҷиб ва муқаддас мегардонад».

## МАСЛИҲАТИ ИЛОВАГӢ БА ШАХСОНИ МУҶАРРАД (7:25-38)

Дар оятҳои 25-38 фириста Павлус ба муҷаррадон – ба мардону занон муроҷиат мекунад. Калимаи «бокираҳо» дар ин ҷо ба ҳама дахл дорад.

**7:25** Ояти 25 боз як оятест, ки ба бисёриҳо имкон медиҳад тахмин намоянд, ки ин боб илҳоми илоҳӣ надорад. Баъзеҳо мегӯянд, ки Павлуси муҷаррад занҳоро бад медид, ва гӯё он чи ӯ дар ин ҷо мегӯяд, ифодаи ғаразнокии ӯст. Агар мо бо чунин ақида розӣ шавем, албатта илҳоми илоҳӣ доштани тамоми Навиштаҳоро зери шубҳа мегузорем. Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки аз Сарвар оиди бокирагӣ фармоне надорад, ӯ дар назар дорад, ки Сарвар ҳангоми хизмати заминии Худ оиди ин масъала ҳеҷ дастуре надодааст. Бинобар ин Павлус дар ин ҷо чун шахсе ки марҳамати вафодор

буданро аз Сарвар қабул намудааст, муҳокимарониҳои худро баён мекунад ва аз ҳамин сабаб муҳокимаронии ӯ илҳоми илоҳӣ доранд.

**7:26** Умуман, мегӯяд Павлус, агар тангии вазъияти ҳозираро ба назар гирем, муҷаррад будан беҳтар аст. Ибораи «тангии вазъияти ҳозира» умуман ба азобҳои ҳаёти заминӣ дахл дорад. Шояд дар замоне ки Павлус ин Номаро менавишт, ягон душвории махсусе буд. Бо вуҷуди ин, душвориҳо ҳамеша ҳастанд ва ҳамеша хоҳанд буд, то даме ки Сарвар биёяд.

**7:27** Маслиҳати Павлус дар қисми якуми ояти 27 аз он иборат аст, ки касоне ки аллакай оиладор ҳастанд, набояд ба вайрон кардани ҳаёти оилавии худ кӯшиш кунанд. Аз тарафи дигар, агар мард муҷаррад бошад, набояд ба оиладоршавӣ кӯшиш кунад. «Оё безан ҳастӣ» на танҳо ба ҷудошудагон ё занмурдагон, балки ба ҳамаи онҳое дахл дорад, ки ҳозир оиладор нестанд, аз ҷумла ба касоне ки ҳанӯз оиладор нашудаанд.

**7:28** Суханони Павлусро набояд ба он маъно фаҳмид, ки гӯё оиладор шудан гуноҳ бошад. Худо никоҳ ва оиларо дар боғи Адан ҳанӯз пеш аз пайдо шудани гуноҳ муқаррар намуда буд. Худи Худо гуфтааст: «... хуб нест, ки одам танҳо бошад» (Ҳастӣ 2:18). «Бигзор никоҳ аз ҳар ҷиҳат ҳалол бошад, ва ҷойхоби он беайб» (Ибриён 13:4). Дар ҷои дигари Навишта Павлус оиди онҳое ки никоҳҳоро манъ мекунанд, чун оиди аздингаштагони замонҳои охир гап мезанад (1Тимотиюс 4:1-3).

Сипас Павлус мегӯяд: «... аммо агар зандор ҳам шавӣ, гуноҳе намекунӣ; ва агар бокирае ба шавҳар расад, гуноҳе намекунад». Навбоварон набояд чунин фикр кунанд, ки дар муносибатҳои оилавии ҳамсарон ягон бадии меросӣ вуҷуд дошта бошад. Аммо Павлус илова мекунад, ки заноне ки ба шавҳар мерасанд, дар ҷисм азобҳо хоҳанд дошт. Шояд ин ҷо азобҳое дар назар дошта шудаанд, ки бо таваллуди кӯдакон ва ғайра дахл доранд. Ҳангоме ки Павлус «...ва ман ба шумо раҳмхӯрӣ мекунам» мегӯяд, шояд ин чизҳоро дар назар дорад: 1) ман барои шумо раҳмхӯрӣ мекунам, зеро дар ҷисм азобҳое хоҳед дошт, ки дар ҳаёти оилавӣ ҳастанд; 2) ман барои хонанда раҳмхӯрӣ мекунам, бинобар ин ҳамаи ин азобҳоро номбар намекунам.

**7:29** Павлус дар ин ҷо чунин мегӯяд: азбаски вақт кӯтоҳ аст, ҳатто муносибатҳои оилавиро чунон сохтан даркор аст, ки онҳо имкони ба Сарвар хизмат карданро диҳанд. Вақти бозгашти Масеҳ наздик аст, ва агарчи шавҳарону занон бояд ба ҳамдигар вафодор

бошанд, ба ҳар ҳол онҳо бояд Сарварро дар ҷои аввали ҳаёти худ гузоранд. Ҳ.Э. Айронсайд дар ин бора чунин мегӯяд: «Ҳар кас бояд бо ёди он зиндагӣ кунад, ки вақт зуд мегузарад ва бозгашти Сарвар наздик аст, ва ҳеҷ кӯшиши роҳатҷӯии инсон набояд ба иҷро намудани хости Худо монеъ шавад».

**7:30** Ба ғамҳо, шодиҳо ва дастовардҳо дар ҳаёт диққати асосӣ набояд дод. То даме ки имконият ҳаст, ҳама чиз бояд тобеи кӯшиши хизмат ба Сарвар бошад.

**7:31** То даме ки мо дар ин замин зиндагӣ мекунем, ногузир бо ҳаёти дунявӣ робитаҳо хоҳем дошт. Ва ин ҳеҷ бадӣ надорад. Аммо Павлус огоҳ мекунад, ки дар ҷаҳон буда, мо набояд онро меъёри асосии ҳаёти худ кунем. Масалан, масеҳӣ набояд барои хӯрок, пӯшок ва ҳаловатҳо зиндагӣ кунад. Ӯ хӯрок ва пӯшоки барояш даркорирo харида метавонад, аммо онҳоро худоёни ҳаёти худ кардан даркор нест. Ҳаёти оилавӣ, моликият, тиҷорат, фаъолияти илмӣ, бадеӣ низ муҳиманд, аммо набояд роҳ дод, ки онҳо рӯҳонияти одамонро вайрон кунанд.

«Сурати ин ҷаҳон гузарон аст» аз забони театр гирифта шудааст ва ба табдили декоратсияҳо дар саҳна дахл дорад. Он оиди тағйирёбанда будани ҳамаи он чи мо дар атрофи худ мебинем, мегӯяд. Тағйирпазирии ҷаҳоне ки мо дар он зиндагӣ мекунем, бо суханони зерин хуб ифода ёфтааст: «Тамоми ҷаҳон саҳнаест. Дар он марду зан нақшбоз. Баромад кунанд ҳар яке. Ва нақшҳо бозанд басе» (Шекспир).

**7:32** Павлус мехост масеҳиёнро аз ташвишҳо озод бинад. Дар ин ҷо ӯ, албатта, оиди он ташвишҳое мегӯяд, ки садди роҳи хизмат ба Сарвар мешаванд. Сипас ӯ мефаҳмонад, ки шахси муҷаррад оиди Сарвар ва писанд омадан ба Ӯ фикр мекунад. Павлус гуфтан намехоҳад, ки одамони муҷаррад худро пурра ба Сарвар мебахшанд, – ӯ мегӯяд, ки шахсони муҷаррад он имкониятҳои хизмат ба Сарварро доранд, ки оиладорон надоранд.

**7:33** Боз ҳам, ин маънои онро надорад, ки шахси оиладор нисбати хизмат ба Сарвар муносибати ҷиддӣ ва амиқ дошта наметавонад, – балки умуман ҳаёти оилавӣ талаб мекунад, ки шавҳар ба занаш бештар диққат диҳад. Ба ӯ лозим меояд, ки оиди ӯҳдадориҳои иловагӣ фикр кунад. Чуноне ки У.И. Вайн гуфтааст: «Агар мард зан дошта бошад, доираи муайяни ӯҳдадориҳо дорад. Агар муҷаррад бошад, метавонад то охири замин рафта, Хушхабарро мавъиза кунад».

**7:34** Дар Тарҷумаи Шоҳ Яъқуб ояти 34 чунин сар мешавад: «Дар миёни зани шавҳардор ва бокира ҳам фарқе ҳаст». Дар Тарҷумаи Нави Стандартии Амрикоӣ бошад оят чунин сар мешавад: «Ва манфиатҳои ӯ ҷудо мешаванд». Ҳамин тариқ, дар Тарҷумаи Нави Стандартии Амрикоӣ оятҳои 33 ва 34 ва ин тарз пайваст шудаанд: Аммо марди зандор оиди он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба завҷааш писанд афтад, ва манфиатҳои ӯ ҷудо мешаванд». Дигар хел карда гӯем, вақт ва фикрҳои ӯ аз як тараф ба зан бахшида шудаанд, аз тарафи дигар – ба хизмати Сарвар.

«Зани бешавҳар дар бораи он чи ба Сарвар оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба Сарвар писанд афтад, то ки ҳам дар ҷисм ва ҳам дар рӯҳ муқаддас бошад; аммо зани шавҳардор дар бораи он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба шавҳараш писанд афтад». Ин ҷо тавзеҳ додан даркор аст. Зани бешавҳар ба Сарвар вақти бештар ҷудо карда метавонад. «То ки ҳам дар ҷисм ва ҳам дар рӯҳ муқаддас бошад» маънои онро надорад, ки шахси муҷаррад муқаддасии бештар дорад, балки кадом зан имконияти бештар дорад, то ҷисм ва рӯҳашро ба меҳнат баҳри шукӯҳи Сарвар бахшад. Гап дар он нест, ки ӯ поктар аст, балки дар он аст, ки ӯ вақти бештар дорад.

«Аммо зани шавҳардор дар бораи он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад» маънои онро надорад, ки зани шавҳардор аз бешавҳар ҷаҳонитар аст, – ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ки ба зани шавҳардор лозим меояд ҳар рӯз вақти муайянеро ба ӯҳдадориҳои ҷаҳонӣ бахшад, масалан оиди корҳои рӯзғор ғамхорӣ кунад. Ҳамаи ин ғамхориҳо даркоранд, ва Павлус занҳои шавҳардорро барои ин танқид намекунад ва бовари онҳоро аз бовари бешавҳарон сусттар намеҳисобад; ӯ танҳо мегӯяд, ки занҳои бешавҳар барои хизмат вақти бештар доранд.

**7:35** Павлус намекӯшад, ки одамонро бо бандҳои кадом як системаи қатъӣ побанд кунад. Ӯ ба онҳо барои манфиати худашон насиҳат медиҳад, то оиди ҳаёти худ ва хизмат ба Сарвар фикр карда, дар партави ин насиҳатҳо оиди роҳнамоии Сарвар фикр кунанд. Павлус чунин меҳисобад, ки муҷаррадӣ дилпазир аст ва ба шахс имкон медиҳад, ки диққатро ба тарафи дигар равона накарда, ба Сарвар хизмат кунад. Дар худи ҳамин ҷо Павлус мегӯяд, ки шахс дар интихоби муҷаррадӣ ё оиладорӣ озод аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ намехоҳад касеро ба дом кашад ё банду боре ба ӯ андозад.

**7:36** Оятҳои 36-38 дар ин боб, ва дар тамоми Навишта нофаҳмотарин мебошанд. Маънидоди маъмулӣ чунин аст. Дар замони Павлус мард хонаводаи худро ба таври қатъӣ идора менамуд. Дар ниҳояти кор, ба шавҳар баромадани духтаронаш ба ӯ вобаста буд. Онҳо бе розигии ӯ наметавонистанд ин корро кунанд. Ҳамин тариқ, маънои ин оятҳо чунин аст: агар мард ба духтаронаш иҷозат надиҳад, ки ба шавҳар бароянд – хуб мекунад, ва агар иҷозат диҳад, ин ҳам гуноҳ нест. Рости гап, агар сухан дар бораи халқи онвақтаи Худо равад, чунин тафсир ба муаллифи китоб амалан бемаъно метобад. Ин маънидод ба қаринаи матн мувофиқат намекунад ва хонандаро бештар саргум мекунад.

Дар тарҷумаи ҳозиразамон калимаи «бокира»-ро «арӯси худ» тарҷума кардаанд. Он гоҳ маънои гуфтаҳо чунин аст: «агар мард арӯси худро ба занӣ гирад, гуноҳе намекунад; аммо беҳтар он аст, ки ӯ аз оиладоршавӣ бо ӯ худдорӣ кунад. Аммо ин тафсир низ на он қадар боварибахш метобад.

Вилям Келлӣ дар тафсири Номаи якум ба Қӯринтиён боз як ақидаеро пешкаш мекунад, ки ба фикри муаллифи китоб, шоёни диққат аст. Ӯ мегӯяд, ки калимаи «бокира»-ро чун «бакорат» низ тарҷума кардан мумкин аст, ва ин ҷо сухан на дар бораи духтарони мард, балки дар бораи бакорати худи ӯст. Агар ба ин маънодод пайравӣ кунем, ин оятҳо оиди он мегӯянд, ки агар мард безан монад, хуб мекунад, аммо агар оиладор шавад – гуноҳе намекунад.

Ҷон Нелсон дар тарҷумаи Китоби Муқаддас маҳз ҳамин маънододро пайравӣ мекунад. Кӯшиш мекунем тарҷумаи ин порчаро ба тариқи зайл маънидод кунем: «Агар касе гумон кунад, ки нисбати бакорати худ нодуруст рафтор мекунад, то дар синни балоғат чунин бимонад, бигузор мувофиқи хости худ кунад, – гуноҳе намекунад; бигузор зан гирад. Аммо касе ки дар дил устувор буда, зери фишори эҳтиёҷ нест, балки бо иродаи қавӣ қарор додааст, ки бакораташро нигоҳ дорад, – боз ҳам беҳтат мекунад».

Агар ба ояти 36 муфассалтар нигарем, дар он чунин тафсирро дида метавонем: агар мард муҷаррад монда натавонад, ҳеҷ бадие надорад, ки зан гирад. Агар эҳтиёҷи зангириро ҳис кунад – бигузор мувофиқи хости худ кунад.

**7:37** Аммо агар мард қарор диҳад, ки ба Сарвар хизмат намуда, диққаташро ба дигар тараф равона накунад, агар худдорияш ба ӯ имконияти безан монданро диҳад, ва агар худаш

қарор диҳад, ки безан монда, бо хизматаш Худоро шукӯҳ бахшад, кори беҳтар мекунад.

**7:38** Хулоса дар ин ҷо чунин аст: касе ки оиладор будан мехоҳад, хуб мекунад, аммо касе ки мехоҳад муҷаррад монад, то ба Сарвар фаъолонатар хизмат кунад, кори хубтар мекунад.

**МАСЛИҲАТ БА БЕВАЗАНОН (7:39,40)**

**7:39** Павлус дар ду ояти охири боби 7 ба бевазанон маслиҳат медиҳад. То даме ки шавҳар зинда аст, зан бо пайвандҳои никоҳӣ баста шудааст. Агар шавҳар вафот кунад, зан озод аст, ки ба шавҳар бароят. Дар Нома ба Румиён 7:1-3 низ худи ҳамин ҳақиқат баён гардидааст: марг муносибатҳои никоҳиро барҳам медиҳад. Аммо фириста Павлус илова мекунад, ки бевазан ихтиёр дорад ба ҳар касе ки хоҳад, никоҳ кунад, фақат дар Сарвар бошад. Пеш аз ҳама ин маънои онро дорад, ки шахсе ки ӯ ба никоҳи вай медарояд, бояд масеҳӣ бошад. Аммо ин ҳанӯз кофӣ нест. Ифодаи «дар Сарвар» маънои «дар хости Сарвар»-ро дорад. Ба ибораи дигар, имкон дорад, ки зан бо масеҳӣ никоҳ кунад, аммо дар айни замон берун аз хости Сарвар монад. Дар ин масъалаи муҳим зан бояд хости Худоро пайравӣ кунад ва танҳо бо ҳамон бовардоре никоҳ кунад, ки Сарвар барояш тайёр кардааст.

**7:40** Худи Павлус чунин меҳисобад, ки бева агар бева монад, хушбахттар аст. Ин бо 1Тимотиюс 5:14, ки он ҷо Павлус ба бевазанони ҷавонтар маслиҳат медиҳад, ки ба шавҳар бароянд, мухолифат надорад. Дар ин ҷо ӯ ғояи умумиро баён мекунад, дар 1Тимотиюс бошад истисчони махсусро зикр мекунад.

Сипас Павлус мегӯяд: «... ва ба гумонам, ман низ Рӯҳи Худоро дорам». Бисёриҳо ин ҷойро чунин мефаҳманд, ки гӯё Павлус ба ин на он қадар боварӣ дошт. Аммо мо ба чунин тафсирҳо қатъият зид ҳастем. Ба фикри мо, оиди илҳоми илоҳӣ доштани суханони Павлус ҳеҷ шубҳае набояд бошад. Мо чунин меҳисобем, ки Павлус дар ин ҷо киноя мекунад. Мақоми фиристагӣ ва таълимоти ӯ аз ҷониби баъзе касон дар Қӯринт мавриди ҳамла қарор мегирифт. Ин шахсон мегуфтанд, ки дар ҳамаи суханони худ ақидаи Худоро ба роҳбарӣ мегиранд. Павлус бошад гӯё ба онҳо ҷавоб медиҳад: «Дигарон дар ҳаққи ман ҳар чиз гӯянд ҳам, ба фикрам, ман низ Рӯҳи Худоро дорам. Шояд онҳо низ Рӯҳи Худоро доранд, аммо албатта, Ӯ махсус ба онҳо тааллуқ надорад».

Имрӯз мо медонем, ки Павлус ҳақиқатан дар ҳамаи он чи менавишт, ҳақиқатан Рӯҳро дошт, ва барои бо роҳи баракат рафтан мо бояд ба насиҳатҳои ӯ пайравӣ кунем.

**ДАРСИ ПАНҶУМ**

## Озодии масеҳиёна 8:1 – 9:27

**Нақшаи дарс:**

VII. Масъалаи истеъмоли гӯште ки ба бутҳо қурбонӣ овардаанд (8:1 – 11:1).

- А. Дониш худ аз худ ёрдамчии асосӣ нест (8:1-3).
  1. Дониш боиси ҳавобаландӣ мегардад (8:1-2).
  2. Муҳаббат даркор аст (8:3).
- Б. Ҳақиқат дар бораи бутҳо (8:4-6).
  1. Худоёне ки бутҳо гӯё онҳоро ифода мекунанд, вуҷуд надоранд (8:4).
  2. Бисёр ба ном худоён вуҷуд доранд, ки гӯё дар осмонҳо ва замин ҳастанд – дар асл онҳо худоёни афсонавӣ мебошанд (8:5).
  3. Аммо танҳо як Худои ҳақиқӣ ва як Сарвар Исои Масеҳ ҳаст (8:6).
- В. Гӯшти ба бутҳо қурбонишударо хӯрда, мо бародари нотавонро ранҷонида метавонем (8:7-13).
  1. Худдорӣ аз гӯшт дар чунин мавридҳо қурбонии на он қадар зиёд аст (8:7-8).
  2. Муҳим аст, ки мо барои бародари нотавон санги пешпо нашавем (8:9-12).
     - а) Ин метавонад ӯро ба коре водор намояд, ки виҷдонаш онро манъ мекунад (8:9-10).
     - б) Ҳамин тариқ, гувоҳии ӯ, ки Масеҳ барояш мурдааст, вайрон карда мешавад (8:11).
     - в) Ин гуноҳест зидди Масеҳ (8:12).

3. Тамоман гӯшт нахӯрдан беҳтар аз он аст, ки бародарро ранҷонем (8:13).

Г. Намунаи фидокории Павлус барои манфиати дигарон (9:1-3).

1. Павлус фиристагии худро ҳимоя мекунад (9:1-3).
   а) Ӯ Сарвар Исоро дидааст (9:1а).
   б) Сарвар меҳнати ӯро баракат додааст (9:1б-3).
2. Павлус чун фириста ба ёрии моддӣ ҳақ дошт (9:4-6).
   а) Намунаи фиристагони дигар (99:4-6).
   б) Намунаи ходимони дунявӣ (9:7).
      1) Сарбоз.
      2) Токдор.
      3) Чӯпон.
   в) Намунаи шариати Мусо (9:8-11).
   г) Дигарон аз ёрии моддии қӯринтиён истифода мебурданд (9:12).
   д) Намунаи ёрии онҳое ки дар маъбади яҳудӣ хизмат мекарданд (9:13).
   е) Фармудаи Худи Сарвар (9:14).
3. Сабаби аз ёрии моддӣ даст кашидани Павлус (9:15-18).
   а) Ӯ наметавонист бо мавъизаи Хушхабар худситоӣ кунад, чунки онро вазифаи худ меҳисобид (9:15-17).
   б) Бинобар ин ӯ шукргузор аст, ки метавонад худро аз ҷиҳати моддӣ таъмин карда, Хушхабарро ба одамон ройгон расонад (9:18).
4. Намунаи ба хотири Хушхабар аз ҳуқуқи қонунӣ даст кашидани Павлус (9:19-23).
   а) Дар байни яҳудиён (9:20).
   б) Дар байни аҳли шариат (9:20).
   в) Дар байни бешариатон (9:21).
   г) Дар байни нотавонон (9:22).
   д) Дар байни ҳама (9:22).
5. Хатари аз даст додани мукофот аз боиси норасоии интизомнокӣ (9:24-27).

   а) Чуноне ки давандагон барои гирифтани мукофот медаванд, мо низ бояд давем, то ки пирӯзӣ ба даст оварем (9:24).

б) Чуноне ки риёзаткашон барои ба даст овардани тоҷи фонӣ аз ҳама чиз даст мекашанд, мо низ бояд чунин кунем, то ки тоҷи ғайрифонӣ ба даст оварем (9:25).

в)

1) Ӯ беҳуда намедавид (9:26).
2) Ӯ ҳаворо намезад (9:26).
3) Ӯ ҷисми худро азоб медод ва ғулом мегардонд (9:27).
4) Ӯ нолоиқ будан намехост (9:27).

БА МО НА ТАНҲО ДОНИШ ДАРКОР АСТ (8:1-3)

Масъалаи истифодаи гӯште ки ба бутҳо қурбонӣ мекарданд, дар боби 8 ба миён гузошта мешавад, ва муҳокимаи он танҳо бо ояти якуми боби 11 ба охир мерасад. Ин барои касоне ки ба қарибӣ аз бутпарастӣ ба масеҳият гузашта буданд, масъалаи ҷиддӣ буд. Шояд онҳоро ба маросимҳои тантанавӣ дар бутхонаҳо даъват мекарданд, ки он ҷо ҳама гӯшти ба бутҳо қурбонишударо мехӯрданд. Ё шояд онҳо барои харидани гӯшт ба бозор рафта, медиданд, ки қассоб гӯшти ба бутҳо қурбонишударо мефурӯхт. Албатта, ин ба сифати гӯшт таъсире намерасонд, аммо оё масеҳӣ метавонад онро харад? Умуман ҳар касро метавонистанд ба меҳмонӣ даъват карда, бо хӯроке зиёфат кунанд, ки ба бутҳо қурбон карда шудааст. Ва агар бовардор донад, ки чунин аст, оё аз он хӯрок хӯрад ё не? Дар ин порча Павлус ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб мегӯяд.

**8:1** Фириста аз он сар мекунад, ки ҳам қӯринтиён ва ҳам ӯ оиди қурбониҳои бутҳо медонанд. Ҳама дар ин хусус каму беш маълумот доштанд. Масалан, ҳама медонистанд, ки худи амали ба бут тақдим намудани порчаи гӯшт чизеро дигаргун намекунад. Мазаи гӯшт ва сохти дарунии он баъди қурбонӣ кардан ҳамон тавре ки пеш аз маросим буд, боқӣ мемонад. Аммо Павлус ба он ишора мекунад ки «дониш мағрур мегардонад, аммо муҳаббат обод мекунад». Бо ин суханон ӯ дар назар дорад, ки дар чунин корҳо дониш чизи муҳимтарин нест. Агар дониш ягона принсипи даркорӣ мебуд, ин танҳо боиси ғурур мегардид. Ҳақиқатан, дар чунин масъалаҳо масеҳӣ бояд на танҳо бо дониш, балки ҳамчунин бо муҳаббат амал намояд. Ӯ бояд на танҳо он чиро ба назар гирад, ки барои ӯ мумкин аст, балки ҳамчунин он чиро, ки ба таври беҳтарин ҷавобгӯи манфиати дигарон аст.

**8:2** У.И. Вайн ояти 2-ро ба таври зерин баён намудааст: «Агар касе гумон кунад, ки пурра дониш ба даст овардааст, пас ӯ ҳанӯз намедонад, ки ин донишро чӣ гуна истифода барад». Бе муҳаббат дониши ҳақиқӣ буда наметавонад.

**8:3** Аз тарафи дигар, агар касе Худоро дӯст дорад, Худо ӯро медонад, ба он маъное ки Худо ӯро таҳсин мекунад. Албатта, Худо ҳамаи ин одамонро медонад, аммо ӯ махсусан онҳоеро медонад, ки ба Ӯ бовар доранд. Аммо калимаи «дониш» дар ин оят ба маънои «писандидан» ё «таҳсин намудан» омадааст. Ин оят мегӯяд, ки агар дар масъалаҳое чун гӯшти ба бутҳо қурбонишуда шахс на танҳо дар асоси дониш, балки дар асоси муҳаббат ба Худо ва одамон қарор қабул кунад, ӯ сазовори табассуми таҳсини Худо мегардад.

## ҲАҚИҚАТ ДАР БОРАИ БУТҲО (8:4-6)

**8:4** Дар масъалаи қурбонӣ ба бутҳо бошад, бовардорон медонанд, ки бут худои ҳақиқӣ нест, ки қудрат ва дониш дошта бошад ва дӯст дошта тавонад. Павлус дар ин ҷо мавҷудияти бутҳоро инкор намекунад; ӯ медонад, ки бутҳо предметҳое мебошанд, ки аз чӯб ё санг тарошида шудаанд. Сипас ӯ оиди он мегӯяд, ки дар паси ҳар як бут қувваи иблисона ҳаст. Аммо дар навбати аввал Павлус таъкид мекунад, ки дар асл ҳеҷ гуна худоёне ки ин бутҳо гӯё онҳоро ифода мекарда бошанд, вуҷуд надоранд. Танҳо як Худо ҳаст, Худо ва Падари Сарвари мо Исои Масеҳ.

**8:5** Павлус эътироф мекунад, ки дар асотирҳои бутпарастон бисёр ба ном худоён ҳастанд – Юпитер, Меркурий ва ғайра. Мувофиқи ин асотирҳо баъзеи ин худоён дар осмонҳо зиндагӣ мекунанд, дигаронашон бошанд, масалан, Нептун ё Вулкан, – дар замин. Бисёр чунин худоён ва Сарваронро, яъне мавҷудоти асотириро номбар кардан мумкин аст, ки одамон онҳоро мепарастиданд, ба ин ё он тарз тақдири худро ба онҳо вобаста мекарданд.

**8:6** Бовардорон медонанд, ки як Худои ҳақиқӣ ҳаст, Худо Падар, ки ҳама чизро офаридааст ва мо ба Ӯ тааллуқ дорем. Ин маънои онро дорад, ки Худо, Падари мо, Сарчашма ё Офаридгори ҳама чиз аст, ва мо барои Ӯ офарида шудаем, яъне Ӯ моро бо мақсади муайяне офаридааст. Мо ҳамчунин медонем, ки як Сарвар Исои Масеҳ ҳаст, ки «ҳама чиз ба воситаи Ӯст, ва мо ба воситаи Ӯ ҳастем». «Ҳама чиз ба воситаи Ӯст» маънои онро дорад, ки Сарвар Исо Миёнарав ё фиристодаи Худост, ва «ва мо ба воситаи Ӯ

ҳастем» бошад нишон медиҳад, ки мо маҳз ба воситаи Ӯ офарида ва кафорат карда шудаем.

Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки танҳо як Худо ва як Сарвар Исои Масеҳ ҳаст, ӯ дар назар надорад, ки Сарвар Исои Масеҳ Худо нест. Дар ин ҷо ӯ танҳо эҳтироми худро ба он чи ин ду шахсияти як Худо кардаанд, таъкид мекунад, – офаридан ва кафорат.

## БАРОДАРИ НОТАВОН (8:7-13)

**8:7** Аммо на ҳамаи масеҳиён он озодиеро, ки дар Исои Масеҳ доранд, мефаҳманд. Дар навбати аввал ин ба навбоварон дахл дорад. Аз бутпарастӣ ба масеҳият гузашта, ва одатҳои бутпарастонаро дар худ нигоҳ дошта, онҳо гумон мекунанд, ки гӯшти ба бутҳо қурбонишударо хӯрда, бутпарастӣ мекунанд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки бут худои воқеӣ аст, бинобар ин виҷдони нотавони онҳо нопок аст.

Калимаи «нопок» дар ин порчаи Навишта нотавонии ҷисмонӣ ё рӯҳониро дар назар надорад. Ин истилоҳ ба касоне дахл дорад, ки ба баъзе масъалаҳои ахлоқӣ, ки муҳимтарин нестанд, диққати зиёд медиҳанд. Масалан, азбаски сухан дар бораи бовар ба Худо меравад, ҳеҷ бадӣ надорад, ки бовардор гӯшти хукро хӯрад. Дар Паймони Куҳан яҳудӣ набояд ин корро мекард, аммо масеҳӣ пурра ихтиёр дорад, ки чунин гӯштро хӯрад. Аммо имкон дорад, ки яҳудии масеҳишуда чун пештара анъанаҳои кӯҳнаро бо ҷиддият риоя кунад. Шояд ӯ чунин ҳисобад, ки гӯшти хукро хӯрдан мумкин нест. Дар ин маврид ӯ он бародарест, ки Китоби Муқаддас ӯро нотавон меномад. Ин маънои онро дорад, ки ӯ ҳанӯз озодии худро дар Масеҳ дарк накардааст. Бинобар ин, азбаски ӯ чунин меҳисобад, ки гӯшти хукро хӯрдан мумкин нест, пас, агар ӯ онро хӯрад, ҳақиқатан гуноҳ мекунад. «Виҷдони онҳо, ки нотавон аст, наҷис мешавад» ҳамин маъноро дорад. Агар виҷдонам маро барои ягон хел корҳоям сарзаниш кунад, ва бо вуҷуди ин ман рафта, ин корро кунам, пас, ман гуноҳ мекунам. «Ҳар коре ки мувофиқи имон нест, гуноҳ аст» (Румиён 14:23).

**8:8** Хӯрок худ аз худ барои Худо аҳамияти зиёд надорад. Худдорӣ аз истеъмоли ягон хел хӯрок боиси муносибатҳои наздиктар бо Худо намешавад, ва низ истеъмоли чунин хӯрок моро масеҳиёни беҳтар намегардонад.

**8:9** Бо вуҷуди он ки истеъмоли чунин хӯрок ҳеҷ бадӣ надорад, агар дар натиҷаи ин амали мо масеҳии нотавон худро

таҳқиршуда ҳис кунад, рафтори мо нодуруст буда метавонад. Принсипи муҳаббат маҳз аз ҳамин сар мешавад. Масеҳӣ дар хӯрдани гӯшти ба бутҳо қурбонишуда озод аст, аммо агар бо ин амалаш бародари масеҳии нотавонро ранҷонад, кори бад мекунад.

**8:10** Хатар дар он аст, ки амалҳои шумо, ки бародар ба дурустиаи онҳо шубҳа дорад, метавонанд ӯро ба коре водор намоянд, ки виҷдонаш зидди он аст. Павлус дар ин оят истеъмоли хӯрокро дар бутхона маҳкум мекунад, зеро ин амал ба дигарон таъсир расонда метавонад. Албатта, Павлус сари суфраи бутхона нишастан гуфта, баъзе маросимҳои серодам, масалан, базми арӯсиро дар назар дорад. Агар чунин базмҳо бутпарастиро дар бар гиранд, дар бутхона хӯрок хӯрдан хуб нест. Сипас Павлус боз ба ин мавзӯъ бармегардад (10:15-26).

«Зеро, агар туро, ки соҳиби дониш ҳастӣ, бубинад...» маънои онро дорад, ки агар касе шахси дорои озодии масеҳиро, ки нопок будани гӯшти ба бутҳо қурбонишударо медонад, дар сари суфраи бутхона бинад, ... Гап на танҳо дар он аст, ки ин ба худи мо чӣ таъсир дорад, балки муҳимтар он аст, ки ин ба атрофиён чӣ таъсир мерасонад.

**8:11** Шахс аз донистани чизҳои барои масеҳӣ раво ҳавобаланд шуда, бародари масеҳиро парешонҳол карда метавонад. «Нобуд мешавад» маъно онро надорад, ки ӯ наҷоти ҷовидонро аз даст медиҳад. Маънои ин суханон на аз даст додани *ҳаёт*, балки аз даст додани *ҳаёти хурсандона* аст. Гувоҳии бародари нотавон суст мешавад, ва ҳаёти ӯ дар шубҳаҳо мегузарад, ки ин ё он чиз то кадом андоза барои Худо фоиданок аст. То кадом дараҷа ҷиддӣ будани ранҷидани бародар аз суханони зерини оят маълум мешаванд: «...ки Масеҳ барои онҳо мурд». Павлус бо ин суханон чунин мегӯяд: агар Исои Масеҳ ин шахсро чунон дӯст дошт, ки барои ӯ мурд, мо ҳақ надорем бо амалҳое ки ӯро ранҷонда метавонанд, инкишофи рӯҳонии ӯро паст кунем. Якчанд порча гӯшт худ аз худ на он қадар муҳим ҳастанд.

**8:12** Вас гап на танҳо дар бораи зидди бародари масеҳӣ гуноҳ кардан, ё ба фаҳмиши нотавони ӯ зарба задан аст. Ин гуноҳест зидди Худи Исои Масеҳ. Бо муносибати худ ба бародарони Ӯ мо муносибатамонро ба Худи Ӯ нишон медиҳем. Ҳар он чи ҷисмро ба дард меоварад, сарро низ ба дард меоварад. У.И. Вайн мегӯяд, ки Павлус хонандагонашро водор мекунад ин мавзӯъро дар партави марги кафораткунандаи Масеҳ дида бароянд. Барнс илова мекунад:

«Чунин муносибат дар муҳаббати навозишкорона, азобҳо ва фиғонҳои пешазмаргии Писари Худо асос ёфтааст». Годе гуноҳи зидди Масеҳро «ҷинояти вазнинтарин» меномад. Инро фаҳмида, мо бояд ба рафтори худ диққат диҳем, ва аҳамият диҳем, ки он ба дигарон чӣ таъсире мерасонад, ва аз амалҳое ки атрофиёнро ранҷонда метавонанд, худдорӣ намоем.

**8:13** Ҷаҳон чунин созмон ёфтааст, ки чунин амалҳо боиси ранҷидани бародар мешаванд, ва азбаски ба васваса андохтани бародар гуноҳест зидди Исои Масеҳ, Павлус изҳор мекунад, ки аз хӯрдани гӯшт умуман даст мекашад. Меҳнати Худо дар ҳаёти шахси дигар аз порчаи гӯшт муҳимтар аст. Ва агарчи масъалаи гӯшти ба бутҳо қурбонишуда имрӯз барои бисёрии масеҳиён мушкилие надорад, он принсипҳое ки Рӯҳи Пок дар ин порча ба мо медиҳад, чун пештара бароямон арзиши ҳамешагӣ доранд. Имрӯзҳо дар ҳаёти масеҳӣ бисёр падидаҳое ҳастанд, ки Каломи Худо онҳоро манъ накардааст, аммо масеҳиёни нотавонтарро ранҷонда метавонанд. Ва агар мо бо чунин падидаҳо рӯ ба рӯ шавем, дар ёд доштани касоне ки мо онҳоро дар Масеҳ дӯст медорем, хеле муҳимтар аст.

## НАМУНАИ ФИДОКОРИИ ПАВЛУС (9:1-27)

Дар назари аввал метавонад чунин тобад, ки боби 9-ум ба мавзӯи нав бахшида шудааст. Аммо онро бодиққаттар хонда, мо пай мебарем, ки масъалаи истеъмоли гӯшти ба бутҳо қурбонишуда боз ду бобро фаро мегирад. Павлус дар ин ҷо намунаи фидокориро ба нафъи дигарон нишон медиҳад. Ӯ тайёр аст аз ҳуқуқи худ даст кашад, то ки мувофиқи принсипҳои дар ояти 13-уми боби 8 баёншуда, атрофиёнро чун фириста дастгирӣ намояд. Ҳамин тариқ, ин боб ба он мавзӯе ки мо ҳозир муҳокима намудем, муносибати бевосита дорад.

### 1. Павлус ҳуқуқи фиристагии худро ҳимоя мекунад (9:1-3)

**9:1** Чуноне ки мо аллакай медонем, дар Қӯринт касоне буданд, ки эътибори Павлусро зери шубҳа мегузоштанд. Онҳо мегуфтанд, ки ӯ аз ҷумлаи дувоздаҳ шогирдони Масеҳ набуд, бинобар ин ӯ фиристаи ҳақиқӣ нест. Павлус ин гуна изҳоротро рад намуда, мегӯяд, ки ӯ фиристаи ҳақиқии Сарвар Исо буда, аз нуфузу эътибори инсонӣ озод аст. Чунин изҳоротро ӯ бо ду факт собит менамояд. Аввалан, ӯ Исои Сарвари моро зиндашуда дидааст. Ин

дар роҳи Димишқ рӯй дод.  Ғайр аз ин, ӯ ба худи қӯринтиён ҳамчун исбот савол медиҳад: «Оё шумо амали ман дар Сарвар нестед?» Агар онҳо оиди фиристагии ӯ шубҳае дошта бошанд, бояд худро санҷанд. Оё онҳо наҷот ёфтаанд? Албатта, онҳо мегӯянд, ки ҳа. Аммо кӣ ба онҳо сӯи Масеҳ роҳ нишон дод? Фириста Павлус. Ҳамин тариқ, худи онҳо далели он ҳастанд, ки ӯ фиристаи ҳақиқии Сарвар аст.

**9:2** Дигарон метавонанд фиристагии ӯро эътироф накунанд, аммо на қӯринтиён. Маҳз масеҳиёни Қӯринт мӯҳри фиристагии ӯ дар Сарвар ҳастанд.

**9:3** Ояти 3 на ба он чи мешавад, балки ба он чи аллакай шудааст, муносибат дорад. Павлус мегӯяд, ки он чи ӯ гуфтааст, ҳимояи ӯст дар назди касоне ки ба эътибори фиристагии ӯ шубҳа мекарданд.

**2. Ба ёрии моддӣ ҳақ доштани Павлус (9:4-14)**

**9:4** Дар оятҳои 4:14 Павлус оиди он мегӯяд, ки ҳамчун фириста ба ёрии моддӣ ҳақ дорад. Чун фиристаи Сарвар Исо Ӯ ҳақ пайдо намудааст аз бовардорон ёрии моддӣ гирад. Бо вуҷуди ин, ӯ на ҳамеша аз ин ҳаққи худ истифода мебурд. Бисёр вақт ӯ бо дастони худ меҳнат карда, хайма медӯхт, то бе ёрии моддии дигарон имкони расондани Хушхабарро дошта бошад. Бе шубҳа, касоне ки ӯро танқид менамуданд, ҳамеша ин вазъиятро истифода бурда, фикреро баён мекарданд, ки гӯё ӯ фиристаи ҳақиқӣ набудани худро медонист ва бо ҳамин сабаб чунин ёриро рад менамуд.

Павлус сӯҳбатро дар ин мавзӯъ бо саволе сар мекунад: «Оё мо ҳаққи хӯрдан ва нӯшидан надорем?» Ҳамин тариқ, Павлус гӯё мепурсад: «Магар мо ҳақ надорем, ки ба мо хӯрданӣ ва нӯшиданӣ диҳанд ва талаб накунанд, ки ҳамаи инро бо меҳнат дарёбем? Магар мо ҳақ надорем аз ёрии ҷамоат истифода барем?»

**9:5** Шояд баъзе танқидкунандагони Павлус чунин меҳисобиданд, ки Павлус барои он зан намегирад, ки медонист: ӯ ва занаш ҳақ намедоштанд аз ҷамоатҳо ёрии моддӣ гиранд. Петрус, фиристаҳои  дигар ва бародарони Сарвар зандор буданд. Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки ӯ бо фиристаҳои дигар ҳуқуқи баробар дорад, то барои худаш ва занаш аз ҷамоатҳо ёрии моддӣ гирад. «Оё ҳақ надорем завҷаи имондорро бо худ бибарем?» на танҳо ба ҳуқуқи зангирӣ, балки ба ҳуқуқи гирифтани ёрии моддӣ барои худ ва зани худ дахл дорад. Бародарони Сарвар дар ҳақиқат аз тарафи модар

бародарони Ӯ буданд, ё амакбачаҳои Ӯ. Дар худи матн оиди ин масъала чизе гуфта нашудааст, агарчи дар дигар ҷойҳои Навишта ишора шудааст, ки баъди зода шудани Исои Нахустзода Марям боз фарзандон дошт (Луқо 2:7). (Ҳамчунин ба Матто 1:25; 12:46; 13:55; Марқӯс 6:3; Юҳанно 2:12: Ғалотиён 1:19 нигаред).

**9:6** Аз ояти 6 аён аст, ки Барнаббо монанди Павлус барои дарёфти ризқу рӯзӣ меҳнат мекард, ва дар баробари ин Хушхабарро мавъиза менамуд. Павлус дар ин ҷо мепурсад, ки оё вай ва Барнаббо ҳақ доранд корро бас карда, ба ёрии моддии халқи Худо умед банданд.

**9:7** Дар аввал Павлус ба ёрии моддӣ ҳақ доштани худро бо мисоли фиристаҳои дигар асоснок мекард. Акнун ӯ аз зиндагии одамони оддӣ мисолҳо меоварад. Сарбоз аз ҳисоби худ ба муҳориба намеравад. Касе ки токзор бунёд мекунад, пурра ҳақ дорад як қисми ҳосилро ба худ гирад. Ва ниҳоят, ҳақ дорад як қисми шири модаговонеро, ки ӯ нигаҳбонӣ мекунад, ба худ гирад. Ва хизмати масеҳӣ дар ин ҷо ба хизмати ҳарбӣ, кишоварзӣ ва чӯпонӣ монанд аст. Ба ходими Худо лозим меояд ба душманон муқобилат намояд, дар ҳаққи меваи боғи Худо ғамхорӣ кунад ва гӯсфандони Ӯро нигаҳбонӣ намояд. Агар кормандони дунявӣ ба ёрии моддӣ ҳақ дошта бошанд, ходимони Худо алалхусус бояд чунин ҳақро дошта бошанд!

**9:8** Дар ин ҷо Павлус ба Паймони Куҳан муроҷиат мекунад, то нуқтаи назари худро тасдиқ намояд. Оё ӯ метавонад бо чунин намунаҳои ҳаёти дунявӣ, ба монанди хизмати ҳарбӣ, кишоварзӣ ва меҳнати чӯпон маҳдуд шавад? Магар дар Навиштаҳои Паймони Куҳан оиди худи ҳамин чизҳо гуфта нашудааст?

**9:9** Дар Такрори Шариат 25:4 гуфта шудааст, ки ҳангоме барзагов хирман мекӯбад, даҳони ӯро набояд баст. Агар фаҳмотар карда гӯем, ба барзагове ки дар ҷамъоварии ҳосил меҳнат мекунад, истеъмол намудани як қисми ҳосилро набояд манъ кард. Худо дар ҳаққи барзаговҳо ғамхорӣ мекунад? Ҳа, Худо дар ҳаққи барзаговҳо ғамхорӣ мекунад, аммо дар Паймони Куҳан Ӯ на танҳо дар ҳаққи ҳайвоноти безабон ғамхорӣ карданро мефармояд. Ин принсипи рӯҳонӣ ҳамчунин ҳаёти мо ва хизмати моро дар назар дорад.

**9:10** Суханони «ё ки, албатта, дар бораи мо гуфта шудааст?» чунин маъно доранд: «Магар Худо ин суханонро ба нафъи мо нагуфтааст?» Ҷавоб аниқ аст – ҳа, ҳангоме ки ин суханон навишта мешуданд, некӯаҳволии мо дар мадди назари Худо буданд.

Ҳангоме ки одам шудгор менамояд, ӯ ин корро дар интизори подоши муайян мекунад. Айнан ҳамин тавр, ҳангоме одам хирман мекӯбад, ҳақ дорад интизори он бошад, ки як қисми ҳосил ҳамчун подош ба ӯ дода шавад. Хизмати масеҳӣ ба шудгор ва хирманкӯбӣ монанд аст, ва Худо фармудааст, ки касоне ки ҳаёти худро ба хизмати Ӯ бахшидаанд, инро набояд аз ҳисоби худ кунанд.

**9:11** Павлус мегӯяд, ки ӯ дар байни масеҳиёни Қӯринт тухми рӯҳонӣ кошт. Дигар хел карда гӯем, ӯ ба Қӯринт омада, ба онҳо Хушхабарро мавъиза менамуд ва ҳақиқатҳои гаронбаҳои рӯҳониро ба онҳо таълим медод. Магар баъди ин ҳама ӯ ҳақ надорад хоҳиш кунад, ки онҳо ба ӯ бо пули худ ё бо дигар неъматҳои моддӣ хизмат кунанд? Ҷавоб чунин аст: «Ҳеҷ подоше ки ба воиз дода мешавад, бо он чи ӯ медиҳад, баробар шуда наметавонад. Неъматҳои моддӣ дар муқоиса бо баракатҳои рӯҳонӣ арзиши кам доранд».

**9:12** Павлус медонист, ки ҷамоати Қӯринт ҳамчунин ба онҳое ки дар он ҷо таълим медоданд ё мавъиза менамуданд, ёрии моддӣ мерасонд. Бовардорони Қӯринт ӯҳдадории худро дар назди воизони дигар мефаҳмиданд, аммо на дар назди Павлус, бинобар ин ӯ мепурсад: «Агар дигарон дар назди шумо ҳақ дошта бошанд, оё ҳаққи мо зиёдтар нест?» Дигар хел карда гӯем, агар қӯринтиён ба ёрии моддӣ ҳақ доштани дигаронро эътироф мекарда бошанд, чаро чунин ҳақ доштани ӯро, ки падари рӯҳонии онҳост, эътироф намекунанд? Шубҳае нест, ки касоне ки аз ёрии масеҳиёни Қӯринт истифода мекарданд, муаллимони яҳудӣ буданд. Павлус илова мекунад, ки агарчи ӯ чунин ҳақ дорад, ӯ дар Қӯринт аз он истифода набурда, ба ҳамаи душвориҳо тоб меовард, то ки ба башорат оиди Масеҳ монеъ нашавад. Аммо ӯ исрор накард, ки ба гирифтани ёрии моддӣ ҳақ дорад, балки ба ҳамаи душвориҳо ва маҳрумиятҳо тоб меовард, танҳо ба хотири он ки Хушхабар бештар паҳн шавад.

**9:13** Сипас Павлус оиди ёрӣ ба онҳое мегӯяд, ки дар маъбади яҳудӣ хизмат мекунанд. Касоне ки расман вазифаҳои вобаста ба хизмати маъбадро ба ҷо меоварданд, як қисми фоидаи маъбадро доштанд. Ғайр аз ин, худи коҳиноне ки дар назди қурбонгоҳ хизмат мекарданд, қисми муайяни қурбониҳоро мегирифтанд. Дигар хел карда гӯем, ҳам левизодагоне ки дар атрофи маъбад хизмат мекарданд, ҳам коҳиноне ки қисми муҳимтарини хизмат дар ӯҳдаи онҳо буд, барои меҳнати худ неъматҳои моддӣ мегирифтанд.

**9:14** Дар ин ҷо Павлус ба фармудаи Худи Сарвар мегузарад. Сарвар фармудааст, ки касоне ки Хушхабарро мавъиза мекунанд, аз

ҳисоби Хушхабар зиндагӣ кунанд. Ҳамин аст гувоҳии ниҳоии ҳаққи Павлус ба ёрии моддӣ аз қӯринтиён. Аммо он гоҳ саволе пайдо мешавад, ки чаро ӯ исрор накард, то онҳо ба ӯ ёрӣ расонанд. Ҷавобро дар оятҳои 15-18 меёбем.

**3. Чаро Павлус ёрии моддиро рад менамуд (9:15-18)**

**9:15** Павлус мегӯяд, ки аз ҳуқуқи худ истифода набурдааст, яъне барои ёрӣ исрор накардааст. Зиёда аз ин, ӯ дар Нома ҳуқуқи худро на барои он зикр кардааст, ки ба ӯ ёрии молиявӣ расонанд. Ӯ мурданро афзалтар аз он медонист, ки касе ин фахри ӯро нест кунад.

**9:16** Дар ояти 16 Павлус мегӯяд, ки ӯ ҳақ надорад аз муждарасонии худ фахр кунад. Ин меҳнатро худи ӯ интихоб накардааст. Ин «кори зарурӣ»-и ӯст, ва вой бар ҳоли ӯ, агар ин вазифаро, ки аз боло барои ӯ муқаррар шудааст, иҷро накунад. Ин тамоман маънои онро надорад, ки фириста Хушхабарро мавъиза кардан намехост – ин маънои онро дорад, ки қарори муждарасонӣ на аз худаш, балки аз Сарвар бармеомад.

**9:17** Агар фириста Павлус Хушхабарро бо майли зиёд мавъиза мекарда бошад, пас, ӯ метавонист подоши меҳнати худро, аз ҷумла подоши молиявиро дошта бошад. Охир, дар Паймони Куҳан ва Навин аниқ гуфта шудааст, ки касе ки ба Сарвар хизмат мекунад, пурра ҳақ дорад  аз халқи Худо ёрии моддӣ гирад. Павлус намегӯяд, ки ӯ ходими ғайриихтиёрии Сарвар аст, балки мегӯяд, ки ӯро Худо фириста кардааст. Дар қисми охири оят ӯ бори дигар ин фактро таъкид мекунад.  Агар ӯ на бо ихтиёри худ, балки аз боиси алангаи оташи дарунаш мавъиза мекарда бошад, пас, муждарасонӣ барои ӯ аз олами боло муқаррар шудааст. Ӯ шахсе буд, ки аз рӯи дастурҳо амал менамуд, бинобар ин наметавонист аз ин дастурҳо худситоӣ кунад.

Ояти 17 барои фаҳмидан душвор аст, аммо ба ҳар ҳол, ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ки Павлус барои ёрии молиявӣ даъво намекунад, чунки хизмат на он корест, ки худи шахс онро интихоб мекунад. Худи Худо ӯро ба ин кор таъин кардааст. Муаллимони дурӯғин дар Қӯринт метавонанд аз бовардорон ҳақ талаб кунанд, аммо фириста Павлус тайёр аст подоши меҳнаташро дар ҷойҳои дигар биҷӯяд.

Дар тарҷумаи Нокс ин оят чунин садо медиҳад: Ман барои коре ки ихтиёрӣ ба ҷо меоварам, интизори мукофот шуда

метавонам; аммо ҳангоме ки ғайриихтиёрӣ кор мекунам, танҳо фармудаи касеро иҷро менамоям».

**9:18** Райрӣ гуфтааст: «Павлус аз маъулияти муждарасонӣ сар печида наметавонист, зеро ин маъулият ба ӯ аз олами боло дода шуда буд, ва ба ӯ фармуда шуда буд, ки ҳатто агар подоши меҳнаташро надиҳанд ҳам, муждарасонӣ кунад (муқоиса кунед бо Луқо 17:10)».

Агар Павлус аз муждарасонӣ фахр карда натавонад, пас ӯ бо чӣ фахр карда метавонад?

Бо он чи ба интихоби шахсии ӯ нисбат додан мумкин аст, аз ҷумла, бо он ки ӯ бемузд муждарасонӣ мекунад. Ин аллакай интихоби худи ӯст. Ӯ ба қӯринтиён муждарасонӣ мекард ва дар айни замон бо меҳнати худ барои рӯзгузаронӣ пул дарёфт мекард, то ки ҳаққи худро ба ёрии моддӣ пурра истифода набарад.

Хулоса, Павлус байни ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ фарқ мегузорад. Оиди муждарасонӣ гап зада, Павлус дар ҳеҷ ҷой фикреро изҳор намекунад, ки ӯ ин корро кардан намехоҳад. Ӯ ин корро бо майли зиёд мекард. Аммо дар айни замон ин вазифаи ӯ низ буд, бинобари ин ӯ барои фахр кардан асосе надошт. Муждарасонӣ карда, ӯ пурра метавонист ба ёрии моддӣ ҳақ доштани худро изҳор намояд, аммо ӯ ин тавр намекард; ба ҷои ин ӯ қарор дод ба қӯринтиён ройгон хизмат кунад. Ва азбаски чунин қарор интихоби худи ӯ буд, ӯ аз ин фахр карда метавонист. Чуноне ки аллакай зикр карда будем, баъзе танқидкунандагони Павлус изҳор менамуданд, ки агар Павлус меҳнат карда, хайма месохта бошад, худро фиристаи ҳақиқӣ намеҳисобад. Дар ин порча Павлус ба соҳибистиёрии молиявӣ саъй намудани худро чун далели фириста буданаш нишон медиҳад; ин аз хислати пок ва олиҳимматонаи ӯ дарак медиҳад.

**4. Чаро Павлус аз ҳаққи худ даст кашид (9:19-22)**

**9:19** Дар оятҳои 19-22 Павлус оиди он гап мезанад, ки барои паҳншавии Хушхабар аз ҳаққи қонунии худ даст кашидааст. Ҳангоми омӯхтани ин порча бояд дар ёд дошт, ки Павлус ҳеҷ гоҳ принсипҳои муҳими Навиштаро сарфи назар намекард. Ӯ ҳеҷ гоҳ чунин намеҳисобид, ки барои расидан ба мақсад ҳамаи воситаҳо хубанд. Ва ин ҷо ӯ оиди беғаразии ахлоқӣ гап мезанад. Ӯ ба урфу одатҳои одамоне ки ҳамроҳашон меҳнат мекард, мутобиқ мешуд, то ба онҳо дар шунидан ва фаҳмидани Хушхабар ёрӣ расонад.

Аммо ӯ ҳеҷ гоҳ кореро намекард, ки ҳақиқати Хушхабарро беобрӯ гардонад.

Ба як маъно Павлус аз одамон озод буд. Ҳеҷ кас наметавонист ӯро ба коре маҷбур кунад ё бар ӯ доварӣ кунад.  Ва дар айни ҳол ӯ худро ғуломи ҳама гардондааст, то чизи бештареро ба даст оварад. Агар ӯ ҳақиқати Худоро қурбон накарда, баъзе гузаштҳо карда тавонад, барои назди Масеҳ овардани ҷонҳо гузашт мекард.

**9:20** Барои яҳудиён Павлус яҳудӣ шуд, то ки яҳудиёнро ба даст оварад. Ин маънои онро надорад, ки барои наҷот додани яҳудиён ӯ ба шариати Мусо тобеъ гардид. Маънои ҳақиқии ин суханонро дар намунаи он корҳое дидан мумкин аст, ки Павлус дар робита бо хатнаи Тимотиюс ва Титус кард. Дар мавриди Титус баъзеҳо исрор менамуданд, ки агар ӯ хатна карда нашавад, наҷот намеёбад. Павлус медонист, ки ин ҳуҷумест зидди Хушхабар ва файзи Худо, бинобар ин ба хатна кардани Титус сахт муқобилат намуд (Ғалотиён 2:3). Аммо дар мавриди Тимотиюс ин тавр набуд. Павлус ба хатна кардани Тимотиюс зид набуд, агар дар натиҷаи ин миқдори бештари одамон Хушхабарро қабул намоянд (Аъмол 16:3).

Дар тарҷумаи ҳозиразамон қисми охири ояти 20 чунин хонда мешавад: ”*Агарчи худам тобеи шариат нестам*, барои аҳли шариат чун аҳли шариат шудам, то ки аҳли шариатро ҷалб намоям”. Дар тарҷумаи тоҷикии Китоби Муқаддас калимаҳои «агарчи худам тобеи шариат нестам» вуҷуд надоранд, аммо бояд бошанд. «Аҳли шариат» ба халқи яҳудӣ дахл дорад. Аммо Павлус аллакай дар қисми якуми оят зикр кардааст, ки бо яҳудиён меҳнат кард. Чаро ӯ дар ин ҷо такрор мекунад? Инро ҳамин тавр тафсир додан мумкин аст, ки дар қисми аввали оят яҳудиёнро зикр карда, урфу одатҳои миллиро дар назар дошт, дар қисми дуюм бошад оиди ҳаёти динии он гап мезад.

Ин ҷо тавзеҳе додан даркор аст. Павлус, ки яҳудӣ буд, тобеи шариат зода шуда буд. Ӯ ба воситаи риояи шариат ба Худо писанд омаданӣ буд, аммо фаҳмид, ки ин корро карда наметавонад. Шариат ба Павлус танҳо нишон дод, ки ӯ чӣ гуна гуноҳкор аст, ва ӯро маҳкум намуд. Дар ниҳояти кор, Павлус фаҳмид, ки шариат роҳи наҷот нест – танҳо гуноҳи Худро назди Худо дарк намуда, ва ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ доштани худро фаҳмида, наҷот ёфтан мумкин аст. Ҳамин тариқ, Павлус ба Сарвар Исои Масеҳ бовар намуд ва аз овози маҳкумкунандаи шариат раҳо ёфт. Музди вайрон

кардани шариат бо хуни Исои Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто пардохта шуд.

Баъди ба Масеҳ рӯ овардан Павлус фаҳмид, ки шариат наҷот намедиҳад, ва барои ҳаёти бовардор қоидаи зиндагӣ нест. Шахси бовардор на тобеи шариат, балки тобеи файз аст. Алабатта, ин тамоман маънои онро надорад, ки акнун бовардор ҳар кори мехостаашро карда метавонад. Ин маънои онро дорад, ки маънои ҳақиқии файзи Худо имкон намедиҳад, ки оиди ин амалҳо ҳатто фикр кунад. Масеҳие ки Рӯҳи Пок дар ӯ сокин аст, ба сатҳи нави рафтор мебарояд. Дар ӯ хоҳиши ҳаёти пок ба сар бурдан пайдо мешавад – на аз тарси ҷазо барои вайрон кардани шариат, балки аз боиси муҳаббат ба Сарвар Исои Масеҳ, ки барои ӯ мурд ва зинда гардид. Касе ки тобеи шариат аст, аз боиси тарс ин тавр зиндагӣ мекунад, аммо касе ки тобеи файз аст, аз боиси муҳаббат ин тавр зиндагӣ мекунад. Муҳаббат водоркунандаи аз тарс пурқувваттар аст. Одамон аз боиси муҳаббат чунон амалҳое карда метавонанд, ки ҳеҷ гоҳ аз боиси тарс намекунанд.

«Худо чуноне ки сайёраҳоро дар мадорашон ба ҳаракат медарорад, ҷонҳои одамонро низ тақрибан ҳамин тавр водор мекунад, ки ба Ӯ итоат кунанд, – онҳоро ба парвози озод сар медиҳад». Шумо ҳеҷ гуна бандҳо ё занҷирҳоеро намебинед, ки ин сайёраҳоро аз мадори худ берун шудан намонанд. Онҳо тобеи як принсипи нонамоён мебошанд. Ва маҳз ба воситаи бандҳои нонамоёни муҳаббат – муҳаббат ба Сарвар – одамони бозхаридшуда зиндагии ҳушёрона, росткорона ва тақводорона ба сар мебаранд» (Эрнот).

Баъди чунин руҷӯи хурд биёед ба қисми охири ояти 20 бармегардем. «*Агарчи худам тобеи шариат нестам*, барои аҳли шариат чун аҳли шариат шудам, то ки аҳли шариатро ҷалб намоям». Ҳангоме Павлус ҳамроҳи халқи яҳудӣ буд, дар масъалаҳои ахлоқан беаҳамият чун яҳудӣ рафтор менамуд. Масалан, ҳамон хӯрокеро мехӯрд, ки яҳудиён мехӯрданд, ва аз гӯшти хук, ки хӯрдани он барои яҳудиён манъ аст, худдорӣ менамуд. Шояд, Павлус он вақт рӯзҳои шанбе кор ҳам намекард, зеро мефаҳмид, ки ҳамин тавр яҳудиён бо омодагии бештар ба муждарасонии ӯ гӯш медиҳанд.

Аммо ба суханони зерин: «агарчи худам тобеи шариат нестам» аҳамият диҳед. Масеҳии аз олами боло зодашуда буда, фириста Павлус шариатро қоидаи зиндагӣ намеҳисобид. Ӯ ба урфу

одатҳо, қоидаҳои рафтор ва ақидаҳои анъанавии одамон мутобиқ мешуд, то ки онҳоро назди Сарвар оварад.

**9:21** «Павлус дурӯягӣ намекунад, аммо сифатҳои интизомнокии доимӣ ва сахтро зоҳир мекунад, то ки ба ҳама гуна одамон хизмат карда тавонад». Чуноне ки ҷараёни хурди самтноки об назар ба ботлоқи паҳноварро тавоноии бештар дорад. озодии маҳдуди ӯ низ дар натиҷа гувоҳии тавоное оиди Масеҳ гардид» (Райрӣ).

Дар байни бешариатон Павлус чун бешариат рафтор менамуд агарчи худ дар назди Худо бешариат набуд, балки тобеи шариати Масеҳ буд. «Барои бешариатон» на ба исёнкорон ё ҷинояткорон, ки ҳеҷ гуна қонунро эътироф намекунанд, балки тасвири умумии ғайрияҳудиён аст. Шариат на ба бутпарастон, балки ба халқи яҳудӣ дода шуда буд. Бинобар ин, ҳангоме ки Павлус дар байни ғайрияҳудиён буд, мекӯшид анъанаҳо, ақидаҳо ва ҳиссиёти онҳоро то ҳадде эҳтиром намояд, ки дар айни замон ба Наҷотдиҳанда вафодор монад. Фириста Павлус мегӯяд, ки ҳатто чун бешариат рафтор намуда, назди Худо бешариат набуд. Ӯ чунин намеҳисобид, ки дар байни ғайри яҳудиён ҳар кори хостаашро карда метавонад, балки тобеи шариати Масеҳ буд. Дигар хел карда гӯем, ӯ бояд на аз рӯи шариати Мусо, балки аз рӯи шариати муҳаббат Сарвар Исоро дӯст дорад ва эҳтиром намояд, ба Ӯ хизмат кунад ва Ӯро хурсанд кунад. Ӯ мисли он ки барои Масеҳ «қонунӣ» карда шудааст. Мақоле ҳаст: «Бо оинномаи худ ба дайри бегона марав». Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки дар байни ғайрияҳудиён то он андозае ба тарзи зиндагии онҳо мутобиқ мешуд, ки ба Масеҳ вафодор монад. Аммо мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки дар ин оят сухан на дар бораи ҷиҳатҳои ахлоқ ё бовар, балки танҳо дар бораи хусусиятҳои мадании халқҳои гуногун меравад.

**9:22** Ояти 22 оиди шахсони нотавон, ё беҳад хурдагир меравад. Чунин шахсон дар ҷузъиёти хурд ва ночиз хурдагирӣ мекарданд. Барои чунин нотавонон Павлус худ нотавон шуд, то ки онҳоро назди Худо оварад. Ӯ тайёр буд, ки агар даркор бошад, гӯшт нахӯрад, то ки бо гӯштхӯрӣ ин шахсонро наранҷонад. Хулласи калом, Павлус барои ҳама ҳама чиз мешуд, агар ба ин восита барои наҷот ёфтани онҳо ёрӣ расонда тавонад. Боз ҳам таъкид мекунем, ки ин оятҳо барои дур шудан аз принсипҳои дар Навишта дарҷшуда баҳонае шуда наметавонанд. Ин ҷо танҳо оиди қабул намудани урфу одатҳои баъзе одамон гуфта шудааст, то дар

ниҳояти кор одамон хабарро оиди наҷот шунида тавонанд. Ҳангоме Павлус «...то ки ба ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам» мегӯяд, алабатта дар назар надорад, ки касеро наҷот дода метавонад, зеро мефаҳмад, ки танҳо Сарвар Исо наҷот дода метавонад. Дар айни замон як хусусияти аҷиб ҳаст: касоне ки ба Масеҳ бо муждарасонӣ хизмат мекарданд, худро то он дараҷа ба Ӯ монанд менамуданд, ки ҳангоме оиди кори худ мегӯянд, Ӯ ба онҳо иҷозат медиҳад феъли «наҷот додан»-ро истифода баранд. Хизмати башоратдиҳӣ пас аз ин то чӣ андоза натиҷабона ва пуршукӯҳ мешавад!

**5. Ҳаёти Павлус, ки ба интизомнокӣ бахшида шудааст (9:23-27)**

**9:23** Дар оятҳои 23-27 сухан дар бораи хатаре меравад, ки шахс аз боиси набудани интизомнокӣ мукофотро аз даст медиҳад. Барои Павлус даст кашидан аз ёрии моддии қӯринтиён шакли интизоми қатъӣ буд.

Дар Китоби Муқаддас ояти 23 чунин баён шудааст: «Инро ман барои Инҷил мекунам, то ки шарики баракоти он бошам». Дар оятҳои гузашта Павлус оиди он гуфта буд, ки дар хизмат ба Сарвар ҳуқуқ ва хоҳишҳои худро маҳдуд кардааст. Ӯ барои чӣ ин тавр мекард? Ӯ инро барои муждарасонӣ мекард, то ки дар рӯзи меомада мукофот гирад.

**9:24** Бе шубҳа, ҳангоме ки фириста Павлус суханони ояти 24-ро менавишт, ба ӯ бозиҳоеро ёдрас намуданд, ки гоҳ-гоҳ дар наздикии Қӯринт баргузор мегардиданд. Шояд, ин бозиҳо ба бовардорони Қӯринт хуб маълум буданд. Павлус ба онҳо ёдрас мекунад, ки агарчи дар мусобиқаҳои давидан бисёр касон иштирок мекунанд, на ҳамаи онҳо мукофот мегиранд. Ҳаёти масеҳӣ ба чунин давидан монанд аст. Он интизомнокӣ ва машқҳои ҳамешагиро талаб мекунад. Албатта, ин тамоман маънои онро надорад, ки дар «давидан»-и масеҳӣ танҳо як бовардор мукофот мегирад. Павлус танҳо даъват мекунад, ки бо мақсади ғолиб шудан давем. Ҳамаи мо монанди фириста Павлус фидокор бошем. Мукофот дар ин ҷо на наҷот, балки подош барои хизмати содиқона аст. Наҷот ҳеҷ гоҳ натиҷаи саъю кӯшишҳои мо набуд. Наҷот тӯҳфаи ройгони Худост барои касоне ки ба Сарвар Исои Масеҳ бовар мекунанд.

**9:25** Дар ояти 25 Павлус аллакай оиди қувваозмоии риёзаткашон сухан меронад. Ӯ ба қӯринтиён ёдрас мекунад, ки иштирокчиёни мусобиқа, аз ҷумла риёзаткашон, худро аз ҳама

ҷиҳат назорат мекунанд. Як гӯштингир боре аз тренер пурсид: «Оё ман метавонам май нӯшам ва сигор кашам, ва дар айни замон бо гӯштингирӣ машғул шавам?» Тренер ҷавоб дод: «Ҳа, метавонӣ май нӯшӣ ва сигор кашӣ, аммо он вақт ту ғалаба ба даст намеоварӣ».

Оиди иштирокчиёни мусобиқаҳо сухан ронда, Павлус ғолиберо, ки баромада, мукофотро мегирад, зикр мекунад. Ин чӣ мукофот аст? Ин тоҷи фонӣ мебошад, ки чанбари аз навдаҳои баргдор бофташуда буда, баъди муддате хазон мешавад ва аз байн меравад. Аммо дар муқоиса Павлус ин ҷо оиди тоҷи ғайрифонӣ мегӯяд, ки онро ҳамаи касоне ки дар хизмат ба Масеҳ содиқанд, хоҳанд гирифт.

*Мо барои тоҷи шукӯҳу зиндагӣ ба Ту шукргузорем;*
*Он на чанбари фаношавандаи заминист,*
*Он мукофотест барои мубориза шадид –*
*Он чун Тахт, чун Подшоҳии Худо, чун Писари Одам бефано аст.*

**9:26** Оиди тоҷи ғайрифонӣ гап зада, Павлус изҳор менамояд, ки на барои чизи номуайян медавад ва на барои задани ҳаво мубориза мебарад. Хизмати ӯ бемақсад ва бесамар нест. Ӯ дар назди худ мақсадро мебинад, ва мақсади ӯ аз он иборат аст, ки ҳар амал, ҳар як рафтор натиҷа оварад. Ҳеҷ як дақиқа, ҳеҷ як кӯшиш набояд беҳуда сарф шавад. Чунин исрофкорӣ ба Павлус тамоман даркор нест.

**9:27** Павлус ҷисми худро бо ҳар восита мутеъ мегардонад, то ки баъди муждарасонӣ чун носазовор рад карда нашавад. Дар ҳаёти масеҳӣ худро назорат кардан, сабру таҳаммул намудан даркор аст. Мо доимо бояд худро тарбия кунем.

Фириста Павлус имконияти онро дарк менамуд, ки баъди расондани Хушхабар худаш рад шуда метавонад. Дар атрофи маънои ин оят ҳамеша баҳсҳои сахт мераванд. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин оят таълим медиҳад, ки шахс наҷотро ба даст оварда, дар охир ба дӯзах афтида метавонад. Ин зидди таълимоти асосии Паймони Навин аст, ки ҳеҷ як барраи ҳақиқии Худо нобуд намешавад.

Дигарон чунин меҳисобанд, ки «носазовор» калимаи пурқувват буда, оиди лаънати ҷовидон мегӯяд. Аммо, мувофиқи гуфтаи онҳо Павлус намегӯяд, ки шахсе ки наҷот ёфтааст, носазовор буда метавонад, – балки шахсе ки интизомнок нест, дар асл наҷот ҳам наёфтааст. Оиди муаллимони дурӯғин ва ба ҳавасҳои худ дода шудани онҳо фикр карда, Павлус принсипи умумӣ пешкаш мекунад, ки аз ин иборат аст: агар шахс ҷисми худро дар итоат нигоҳ надорад, пас, ӯ ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буд;

ва агарчи ӯ ба дигарон мавъиза карда метавонад, дар айни ҳол худаш носазовор аст.

Тафсири сеюми оят он аст, ки дар ин ҷо сухан на дар бораи наҷот, балки дар бораи хизмат меравад. Павлус на дар бораи он мегӯяд, ки гум шуда метавонад, балки мегӯяд, ки имкон дорад ӯ аз тафтиши хизмат нагузарад ва дар натиҷа бе мукофот монад. Мо маҳз ҳамин тафсирро дуруст меҳисобем. Павлус хуб мефаҳмад, ки имкон дорад хизмати муждарасониро ба ҷо оварда, худаш аз ҷониби Сарвар ба ин хизмат нолоиқ дониста шавад.

Ба ҳар ҳол ин порча маънои ҷиддӣ дорад ва бинобар ин бояд дар ҳар касе ки мехоҳад ба Сарвар Масеҳ хизмат кунад, ҳисси амиқеро бедор намояд, ки ба худ нигарад. Ҳар кас бояд саъй намояд, ки бо файзи Худо маънои ҳақиқии ин порчаро дар таҷрибаи худ нафаҳмад.

ДАРСИ ШАШУМ

## **Дар кучо бояд ҳад гузошт** (10:1 – 11:1)

**Нақшаи дарс:**

VIII. Масъалаи истеъмоли гӯште ки ба бутҳо қурбонӣ карда шудааст (8:1 – 11:1) (давомаш).

Д. Таърихи Исроил – намунаи он ки парастиши бутҳо ва аз пайи ҳавасҳои худ рафтан то чӣ андоза хатарнок аст (10:1-13).

1. Имтиёзҳои Исроил (10:1-4).
   а) Ҳама дар зери абр буданд (10:1).
   б) Ҳама аз баҳр гузаштанд (10:1).
   в) Ҳама ба Мусо ғӯта гирифтанд (10:2).
   г) Ҳама ҳамон як ғизои рӯҳониро хӯрдаанд (10:3).
   д) Ҳама ҳамон як нӯшокии рӯҳониро нӯшидаанд (10:4).
2. Ҷазои Исроил (10:5).
3. Сабабҳои фурӯ ғалтидани Исроил (10:6-10).
   а) Онҳо ҳар гуна бадиро орзу мекарданд (10:6).
   б) Онҳо бутпараст буданд (10:7).
   в) Онҳо зинокорӣ мекарданд (10:8).
   г) Онҳо Сарварро меозмуданд (10:9).
   д) Шиква мекарданд (10:10).
4. Ҳамаи ин барои мо ибрат шуд (10:11-13).
   а) Огоҳӣ барои худбоварон (10:11-12).
   б) Тасалло ба онҳое ки бо тамоми қувва бар озмоишҳо мубориза мебаранд (10:13).

Е. Насиҳатҳои махсус нисбати истеъмоли гӯште ки ба бутҳо қурбонӣ шудааст (10:14 – 11:1).

1. Дар базмҳои бутпарастона, ки дар парастишгоҳҳои бутпарастон мегузаранд, иштирок кардан мумкин нест (10:14-22).
   а) Чашидани нон ва май ҳангоми пора кардани нон маънои мушоракат бо Ӯро дорад (10:14-17).
   б) Исроилиёне ки қурбониҳоро мехӯрданд, шарики қурбонгоҳ мешуданд (10:18).
   в) Бинобар ин, касоне ки дар базмҳои бутпарастона иштирок мекунанд, дар асл бо девҳо муошират мекунанд (10:19-20).

г) Бо Сарвар ва бо девҳо дар як вақт мушоракат намудан ахлоқан ғайриимкон аст (10:21-22).
1) Ин Сарварро ба хашм меоварад (10:22).
2) Ин Сарварро маҷбур мекунад, ки қувваи Худро дар доварӣ ошкор намояд (10:22).

2. Қоидаҳо нисбати мавридҳои дигар (10:23 – 11:1).
а) Принсипҳои умумӣ (10:23-24).
1) Оё ин ҷоиз аст (10:23)?
2) Оё ин фоиданок аст (10:23)?
3) Оё ин обод мекунад (10:23)?
4) Оё ин барои дигарон нафъ дорад (10:24)?
б) Гӯштеро, ки дар бозор фурӯхта мешавад, ҳатто агар он ба бутҳо қурбонӣ шуда бошад ҳам, хӯрдан мумкин аст.
в) Гӯштеро, ки ба бутҳо қурбонӣ шудааст, дар хона хӯрдан мумкин аст, агар ин бародари нотавонро наранҷонад (10:27-30).
1) Сабаби ранҷиш шуда, ман доварии нодаркорро ба худ ҷалб мекунам (10:28-29).
2) Ин ҳамчунин сабаби сарзаниш шуда метавонад (10:30).
г) Дар рафтори худ мо бояд кӯшиш кунем, ки Худоро ҷалол диҳем (10:31) ва ба одамон некӣ кунем (10:1:13).

**НАМУНАИ ИСРОИЛ (10:1-13)**

**1. Имтиёзҳои Исроил (10:1-4).**

Ҳангоме ки Павлус оиди интизомнокӣ мегӯяд, намунаи халқи Исроил ба ёдаш меояд. Ӯ медонад, ки онҳо аз пайи ҳавасҳои худ рафта, оиди саломатии худ ғамхорӣ накарданд, ва дар охир ба таъиноти худ нолоиқ шуданд.

Дар аввал Павлус оиди имтиёзҳои Исроил (10:1-4), сипас оиди ҷазои Исроил (10:5) ва оиди сабабҳои фурӯ ғалтидани Исроил (10:6-10) гап мезанад. Баъд ӯ мефаҳмонад, ки чӣ гуна ҳамаи ин ба худи мо дахл дорад (10:11:13).

**10:1** Фириста Павлус ба қӯринтиён ёдрас мекунад, ки падарони халқи яҳудӣ ҳама дар зери абр буданд, ҳама аз баҳр гузаштанд. Дар ин оят калимаи "ҳама" таъкид карда мешавад. Павлус оиди замони аз ғуломӣ дар Миср раҳо шудани халқи яҳудӣ

фикр мекунад, оиди он, ки ба таври мӯъҷизаосо рӯзона онҳоро абре роҳнамоӣ мекард ва шабона – оташ. Ӯ оиди он замоне фикр мекунад, ки яҳудиён аз баҳри Қулзум гузашта, ба биёбон расиданд. Ва агар дар ин ҷо оиди имтиёзҳо сухан равад, онҳо роҳнамоии илоҳӣ ва раҳоии илоҳиро ҳис карданд.

**10:2** Аммо ин низ на ҳамааш аст – «ҳама дар абр ва дар баҳр ба Мусо таъмид ёфтанд». Ба Мусо ғӯта гирифтани исроилиён маънои онро дорад, ки онҳо ӯро падари рӯҳонӣ ва роҳбари худ ҳисобиданд. Ҳангоме ки Мусо исроилиёнро аз Миср ба замини ваъдашуда баровард, ҳамаи қабилаҳои Исроил Мусоро наҷотдиҳандаи худ ҳисобиданд, ки ӯро Худо фиристодааст. Мувофиқи ақидаи маъмулӣ, ифодаи «дар абр» ба он абре дахл дорад, ки Худо исроилиёнро бо он аз Миср берун овард, ва «дар баҳр» оиди он баҳре мегӯяд, ки онҳоро аз Миср ҷудо кард.

**10:3** Онҳо як ғизои рӯҳониро мехӯрданд. Албатта, ин ҷо сухан дар бораи манне меравад, ки исроилиён ба таври ҳайратовар ҳангоми оворагардӣ дар биёбон мегирифтанд. Ибораи «ғизои рӯҳонӣ» чизи ғайримоддиро ифода намекунад. Аниқтараш, «рӯҳонӣ» оиди он мегӯяд, ки ин ғизои маънавӣ ғамхории рӯҳониро ифода менамуд, яъне Павлус пеш аз ҳама дар ин ҷо оиди воқеияти рӯҳонӣ мегӯяд. Шояд, ин ҷо дар назар аст, ки исроилиён ғизоро ба таври мӯъҷизаосо мегирифтанд.

**10:4** Дар тамоми муддати оворагардӣ Худо ба таври ҳайратовар ба исроилиён об медод. Ин оби оддӣ буд, аммо он низ дар ин ҷо рӯҳонӣ номида шудааст ба он маъно, ки он намунаи тару тозагии рӯҳонӣ буд ва одамон онро ба таври мӯъҷизаосо мегирифтанд. Агар Сарвар ба онҳо бо чунин воситаи мӯъҷизаосо об намедод, ҳамаи онҳо аз ташнагӣ мемурданд. «Аз сахраи рӯҳоние менӯшиданд, ки аз ақибашон меомад» маънои онро надорад, ки санг аз паси одамон мерафт. Аз санг наҳре ҷорӣ мешуд, ки аз пайи исроилиён мерафт. Ин санг Масеҳ буд – Ӯ ҳамоне буд, ки ба халқи Худ оби ҳаётро медод.

**2. Ҷазои Исроил (10:5)**

**10:5** Ҳамаи ин имтиёзҳои ҳайратоварро номбар карда, фириста ба қӯринтиён ёдрас мекунад, ки Худо аз аксари исроилиён шод набуд, чунки онҳо дар биёбон ба ҳалокат расиданд. Ин суханони оддӣ моро таълим медиҳанд, ки агарчи тамоми халқи Исроил аз Миср баромад, ва агарчи ҳамаи онҳо Мусоро роҳбари

худ эътироф намуданд, онҳо дар биёбон буда, дилҳояшон дар Миср буд. Онҳо шод буданд, ки аз ҳукми фиръавн озод шуданд, аммо боз ҳам ба ҳаловатҳои гуноҳолуди он кишвар майл доштанд. Бояд дар ёд дошт, ки аз ҳамаи сарбозони аз 20-сола боло, ки аз Миср баромада буданд, танҳо ду нафар – Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун мукофот гирифтанд, яъне ба замини ваъдашуда расиданд. Дигарон дар биёбон мурданд – далели боварибахши он, ки Худо қариб аз ҳеҷ кадоми онҳо шод набуд.

Донишҷӯ бояд фарқи калимаҳои «ҳама» дар чор ояти аввал ва «аксар»-ро дар ояти 5 фаҳмад. Ҳамаи онҳо имтиёз доштанд, аммо аксари онҳо ҳалок шуданд. «Чӣ манзарае! Биёбони пур аз ҷасадҳои одамоне ки чунин имтиёзҳо доштанд» (Годе).

**10:6** Аз он ҳодисаҳое ки дар замони хуруҷ рӯй додаанд, мо бояд дарси ибрат гирем. Фарзандони Исроил дар ҳақиқат барои мо намунае шуданд – намунаи он, ки агар мо низ аз пайи корҳои бади онҳо равем, чӣ мешавад. Саҳифаҳои Паймони Куҳанро хонда, мо набояд нақли онро танҳо чун таърих қабул намоем – мо бояд барои худ дарсҳои ибрат гирем.

Дар оятҳои минбаъда фириста баъзе гуноҳҳои исроилиёнро номбар мекунад. Бояд зикр кард, ки бисёре аз ин гуноҳҳо бо қонеъ намудани ҳавасҳои ҷисмонӣ вобастаанд.

**10:7** Ояти 7 оиди парастидани гӯсолаи тиллоӣ ва ҷашни бо он алоқаманд мегӯяд, дар ин бора ҳанӯз дар боби 32-юми китоби Хуруҷ навишта шудааст. Ҳангоме ки Мусо аз кӯҳи Сино фаромад, дид, ки одамон гӯсолаи тиллоӣ сохта, онро мепарастанд. Дар китоби Хуруҷ 32:6 мо мехонем, ки онҳо ба хӯрдану нӯшидан нишастанд, сипас ба рақсу бозӣ бархостанд.

**10:8** Гуноҳе ки дар ояти 8 оиди он гуфта мешавад, ба он вақте дахл дорад, ки писарони Исроил духтарони Мӯобро ба занӣ мегирифтанд (Ададҳо 25). Онҳо бо иғвои Билъом аз Каломи Худо дур гардиданд ва ба гуноҳи зинокорӣ дода шуданд. Дар ояти 8 мо мехонем, ки дар як рӯз 23 ҳазор кас мурд. Дар Паймони Куҳан гуфта мешавад, ки 24 ҳазор кас аз беморӣ мурд (Ададҳо 25:9). Мунаққидони Китоби Муқаддас аксар вақт ин порчаҳоро барои исботи он истифода мебаранд, ки Китоби Муқаддас ба худ ихтилоф дорад. Агар онҳо матнро бо диққат мехонданд, ҳеҷ ихтилофе намеёфтанд. Дар 1Қӯринтиён 10:8 оиди он гуфта мешавад, ки 23 ҳазор кас *дар як рӯз* мурданд. Дар Паймони Куҳан рақами 24 ҳазор миқдори умумии касонеро нишон медиҳад, ки *аз вабо* мурданд.

**10:9** Дар ин ҷо Павлус оиди он вақте мегӯяд, ки фарзандони Исроил аз хӯроки мегирифтаашон норозигӣ изҳор менамуданд, ва низ ба некӯии Парвардигор шубҳа намуданд. Худо ба онҳо морҳоро равон кард, ва бисёриҳо мурданд (Ададҳо 21:5-6). Ин ҷо шоёни зикр аст, ки гуноҳи онҳо шикампарастӣ буд.

**10:10** Дар ин порча оиди гуноҳи Қӯраҳ, Дотон ва Абиром (Ададҳо 16:14-47) гуфта мешавад. Онҳо низ аз боиси хӯрок ба Парвардигор норозигӣ баён мекарданд (Ададҳо 16:14). Ҳангоме ки масъала ба ҳавасҳои ҷисмонӣ дахлдор мешуд, исроилиён худдорӣ намекарданд. Онҳо ҷисми худро маҳдуд намекарданд, онро ба иродаи худ тобеъ наменамуданд. Баръакс, онҳо барои қонеъ намудани ҳаваси ҷисм ҳама корро мекарданд, ва ин сабаби фурӯ ғалтидани онҳо шуд.

**4. Намуна барои мо (10:11-13)**

**10:11** Дар се ояти минбаъда он дарсҳои ибрат ҳастанд, ки мо бояд аз ҳамаи гуфтаҳои боло гирем. Дар навбати аввал Павлус мефаҳмонад, ки аҳамияти ин воқеаҳо бо арзиши таърихии онҳо маҳдуд намешавад. Онҳо барои замони ҳозира низ аҳамият доранд. Ин оятҳо чун огоҳӣ барои ҳамаи мо, ки дар замони анҷом ёфтани давраи Исроил ва фаро расидани давраи хушхабар зиндагӣ мекунем, «барои мо, ки имкон дорем аз таҷрибаи ғании гузашта ибрат гирем» (д-р Рендалл Ҳаррис), навишта шудаанд.

**10:12** Ба ин ҷо огоҳкунӣ аз худбоварӣ дохил мешавад: «... ҳар кӣ гумон мекунад, ки рост истодааст, эҳтиёт кунад, ки наафтад». Аз афти кор, ин ҷо дар навбати аввал бовардорони қавӣ дар назар дошта шудаанд, ки ба фикрашон, бо ҳавасҳои ҷисмонӣ рӯ ба рӯ шуда, аз таъсири он барканор буда метавонанд. Чунин одамон дар хатари зиёдтарин ҳастанд, чунки зери дасти ҷазодиҳандаи Худо афтида метавонанд.

**10:13** Аммо Павлус ҳамон дам ба онҳое ки бо тамоми қувват зидди гуноҳ мубориза мебаранд, сухани тасаллодиҳанда мегӯяд. Ӯ ёдрас мекунад, ки ҳама ба васвасаҳо ва озмоишҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Аммо Худои вафодор роҳ намедиҳад, ки мо зиёда аз қуввати худ озмуда шавем. Ӯ ваъда намедиҳад, ки моро аз васвасаҳо ва озмоишҳо раҳо кунад, аммо ваъда медиҳад, ки мо онҳоро паси сар карда тавонем. Ҳар касе ки ин оятро мехонад, тасалло ва рӯҳбаландиеро, ки аз суханони ӯ ба ҳамаи бовардорон бармеоянд, ҳис мекунад. Бовардорони ҷавон онро чун хатти

зиндагӣ қабул мекунанд, барои бовардорони куҳансол бошад он чун болиштест барои истироҳат. Шояд баъзе касоне ки Павлус Номаашро ба онҳо навиштааст, ба васвасаи бутпарастӣ рӯ ба рӯ мешуданд. Ва Павлус онҳоро бо фикре тасалло медиҳад, ки Худо роҳ намедиҳад, ки онҳо ба васвасаҳои тоқатнопазир дучор шаванд. Дар айни замон чунин одамонро огоҳ намудан даркор аст, ки худашонро ба васваса гирифтор накунанд.

## МО БОЯД ЧӢ КУНЕМ (10:14-22)

**10:14** Порчаи 10:14–11:1 ба баъзе масъалаҳое бармегардад, ки ба истеъмоли гӯшти ба бутҳо қурбонишуда дахл доранд. Дар навбати аввал Павлус масъалаеро мебардорад, ки оё бовардор дар базмҳое ки дар бутхонаҳо мегузаранд, иштирок кунад ё не (10:14-22).

«Хуллас, эй бародаронам, аз бутпарастӣ бигрезед». Аз афти кор, барои бовардорони Қӯринт даъват шудан ба базмҳои бутпарастӣ озмоиши ҷиддӣ буд. Баъзеи онҳо гумон мекарданд, ки онҳо аз васвасаҳо қавитар мебошанд. Онҳо метавонистанд чунин фикр кунанд, ки як бор ба чунин базм рафтан ҳеҷ бадӣ надорад. Аммо Павлус мегӯяд, ки аз бутпарастӣ гурехтан даркор аст. Ӯ намегӯяд, ки оиди бутпарастӣ маълумот пайдо кунанд, то чӣ гуна ба он муқобилат карданро донанд, намегӯяд, ки аз боиси кунҷковӣ ба он ҷо раванд. Гурехтан маънои ба тарафи муқобил давиданро дорад.

**10:15** Павлус медонад, ки ба одамони боақл муроҷиат мекунад, ки гуфтаҳои ӯро мефаҳманд.

**10:16** Дар ояти 16 Павлус оиди пора кардани нон мегӯяд. Дар худи аввали оят мо мехонем: «Оё косаи баракат, ки онро баракат медиҳем, шарик шудан ба гӯшт ва хуни Масеҳ нест?» «Косаи баракат» косаи май аст, ки онро ҳангоми пора кардани нон истифода мебаранд. Ин коса оиди баракати ҳайратоваре мегӯяд, ки ба воситаи марги Масеҳ насиби мо шудааст; барои ҳамин он косаи баракат ном дорад. «Онро баракат медиҳем» маънои «барои он шукргузорӣ мекунем»-ро дорад. Ҳангоме мо косаро гирифта, ба лаб мебарем, худро шарики некӯиҳое меҳисобем, ки аз хуни Масеҳ бармеоянд. Бинобар ин мо ин оятро ба таври зерин баён карда метавонем: «Косае ки оиди баракати ҳайратовари ба воситаи хуни Сарвар Исо ба мо омада мегӯяд, ва худи ҳамон косае ки мо барояш шукргузорӣ мекунем, – магар ҳамин далели он нест, ки бовардорон

шарикони ҳамаи некӯиҳои аз хуни Масеҳ ба онҳо меомада ҳастанд?»

Низ худи ҳамин ба ноне ки дар шоми Сарвар пора мекунем, дахл дорад. Ҳангоме ки ин нонро мехӯрем, тасдиқ мекунем, ки ба воситаи қурбонии ҷисми Ӯ дар салиби Ҷолҷолто, ки моро аъзоёни ҷисми Ӯ кардааст, наҷот ёфтаем. Хулоса, коса ва нон оиди мушоракат бо Масеҳ, оиди иштирок дар хизмати бошукӯҳи Ӯ мегӯянд.

Саволе ба миён меояд, ки чаро дар ин ҷо оиди хун гуфта мешавад, ҳол он ки ҳангоми маросими пора кардани нон аввал оиди нон мегӯянд. Ҷавоб шояд дар он аст, ки Павлус ин ҷо оиди тартиби воқеаҳо мегӯяд, ҳангоме мо ба мушоракати масеҳӣ дохил мешавем. Одатан, масеҳии навбовар аввал арзиши хуни Масеҳро мефаҳмад, ва баъд ҳақиқатро оиди ҷисми Ӯ дарк мекунад. Он гоҳ ин оят он пайдарҳамиеро медиҳад, ки мо дар он ба дарки наҷот меоем.

**10:17** Ҳамаи бовардорон бо вуҷуди бисёр будан, як Ҷисми Масеҳ ҳастанд, ки порчаи нон рамзи он аст. Ҳама як нонро мечашанд ба он маъно, ки ҳама бо шодӣ ва некӯие ки аз Ҷисми Масеҳ бармеояд, мушоракат доранд.

**10:18** Ин ҷо Павлус мегӯяд, ки чашидани май ва нон ҳангоми пора кардани нон аз мушоракати мо бо Ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Худи ҳаминро оиди халқи Исроил низ гуфтан мумкин аст, ки гӯшти қурбониро мехӯрд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо ба қурбонгоҳ шарик мешуданд. Ин ҷо, бе шубҳа, қурбонии осоиш дар назар аст. Одамон қурбониҳоро ба маъбад меоварданд. Қисми қурбониро дар оташи қурбонгоҳ месӯзонданд; қисми дигари қурбониро барои коҳинон мемонданд; қисми сеюми қурбониро барои касе ки ин қурбониро меовард ва барои дӯстони ӯ ҷудо мекарданд. Ин қисми қурбониро худи ҳамон рӯз мехӯрданд. Павлус таъкид мекунад, ки ҳамаи касоне ки гӯшти қурбониро мехӯрданд, худро бо Худо ва бо халқи Исроил, – хулоса, бо ҳамаи он чи ба қурбонгоҳ алоқаманд аст, – ҳаммонанд мекарданд.

**10:19** Аммо ин ба порчае ки мо аз назар мегузаронем, чӣ муносибат дорад? Ҷавоб осон аст. Айнан ҳамон тавре ки иштирок дар шоми Сарвар оиди мушоракат бо Сарвар мегӯяд, ва ҳиссаи қурбониро истеъмол намудани исроилиён оиди мушоракат бо қурбонгоҳи Яҳува мегӯяд, хӯрдани хӯрок дар бутхонаҳо оиди мушоракат бо бутҳо мегӯяд.

«Пас ман чӣ бигӯям? Оё ин ки дар қурбонии бут ё худи бут чизе ҳаст?» Оё Павлус гуфтан мехоҳад, ки гӯшти ба бутҳо қурбонишуда хусусият ва сифаташро дигар мекунад? Ё ӯ гуфтан мехоҳад, ки бут ҳақиқӣ аст, мешунавад, мебинад, қуввату қудрат дорад? Албатта, ба ҳар ду савол ҷавоб танҳо манфӣ буда метавонад.

**10:20** Павлус таъкид мекунад, ки ҳамаи он чи бутпарастон қурбонӣ мекунанд, дар асл ба девҳо пешкаш карда мешавад. Парастиши бутҳо ба як тарзи номаълум ва пурасрор бо парастиши девҳо вобаста аст. Девҳо ба воситаи бутҳо бар дилҳо ва ақлҳои бутпарастон ҳукмфармо мешаванд.

**10:21** «*Шумо наметавонед ҳам косаи Сарварро бинӯшед, ҳам косаи девҳоро; наметавонед ҳам дар суфраи Сарвар иштирок кунед, ҳам дар суфраи девҳо*». Косаи Сарвар дар ин оят иборaи маҷозӣ буда, ҳамаи некӯиҳоеро, ки ба воситаи Масеҳ ба мо меоянд, тасвир мекунад. Чунин тарзи баён чун метонимия маълум аст, ҳангоме ибора маънои дохилии сухани гуфташударо ба таври эҳсосотӣ таъкид мекунад. Иборaи «суфраи Сарвар» низ дар ин ҷо маҷозӣ аст. Ин шоми Сарвар нест, агарчи он қисман дар назар дошта шудааст. Суфра ё миз – чорабиниест, ки ҳангоми он гурӯҳи одамон хӯрок хӯрда, бо ҳам сӯҳбат мекунанд. Дар ин ҷо бошад суфраи Сарвар маънои ҳамаи он баракатҳоеро дорад, ки мо дар Масеҳ ба даст меоварем.

Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки мо наметавонем аз косаи Сарвар ва аз косаи девҳо хӯрем, ва дар суфраи Сарвар ва дар суфраи девҳо иштирок кунем, ӯ оиди имконияти табиӣ намегӯяд. Масалан, ҳар бовардор метавонад ба бутхона рафта, дар хӯрокхӯрӣ иштирок кунад. Павлус номувофиқатии ахлоқиро дар назар дорад. Агар касе гӯяд, ки ба Сарвар вафодор аст, ва баъд рафта бо бутпарастон муошират кунад, инро танҳо чун хиёнат маънидод кардан мумкин аст. Ин аз нуқтаи назари ахлоқӣ бад ва номумкин аст.

**10:22** Ғайр аз ин, бо ин рафтор мо албатта Сарварро меранҷонем. Чуноне ки Вилям Келлӣ гуфтааст: «Муҳаббат ба кӯшишҳои хиёнат рашк накарда наметавонад. Агар муҳаббат аз бевафоӣ наранҷад, муҳаббат нест». Масеҳӣ бояд кӯшиш кунад, ки Сарварро наранҷонад ё боиси хашми одилонаи Ӯ нашавад. Наход мо гумон кунем, ки аз Ӯ боқувваттар ҳастем? Наход мо ҷуръат кунем, ки Ӯро ранҷонем ва водор намоем, ки моро ҷазо диҳад?

**ОН ЧИ МО КАРДА МЕТАВОНЕМ, АММО БО ЭҲТИЁТ (10:23 – 11:1)**

**10:23** Павлус дар ин ҷо суханро оиди иштирок дар хӯрокхӯриҳои бутпарастона ба охир расонда, ба принсипҳои умумӣ мегузарад, ки ҳар як бовардор дар ҳаёти ҳаррӯза бояд ба онҳо пайравӣ кунад. Ҳангоме ӯ мегӯяд, ки «*ҳама чиз барои ман ҷоиз аст...*», ин тамоман маънои онро надорад, ки комилан ҳама чиз барои ӯ мумкин аст. Ӯ, алабатта, дар назар надорад, ки метавонад ба куштор даст занад ё майнӯшӣ кунад. Дар ин ҷо мо бояд боз ба ёд оварем, ки суханони Павлус ба ашёҳое дахл доранд, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ камаҳамият мебошанд. Дар ҳаёти ҳар масеҳӣ мавридҳое мешаванд, ки баъзе чизҳо худ аз худ зарарнок нестанд, аммо аз тарафи дигар, бо сабабҳои муайян, ба он шарик шудани масеҳӣ оқилона нест. Бинобар ин Павлус мегӯяд: «*Ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз фоиданок аст*». Ҳамин тавр чизе метавонад барои масеҳӣ пурра ҷоиз бошад, аммо аз нуқтаи назари анъанаҳои миллии халқе ки ӯ дар байнаш зиндагӣ мекунад, нодуруст бошад. Чизе метавонад пурра ҷоиз бошад, аммо ҳеҷ чизи ибратомӯз надошта бошад. Масалан, ягон чиз безарар ва ҷоиз дар асл ба инкишофи рӯҳонии бародари бовардор мусоидат намекунад. Пас дар ин ҳолат ман бояд чӣ кунам – бо ду даст барои ҳуқуқи худ мубориза барам ё оиди он фикр кунам, ки оё метавонам ба бародари масеҳии худ ёрӣ диҳам?

Дар оятҳои 23-30 дар баъзе тарҷумаҳо ишораҳои махсуси матн нишон медиҳанд, ки муаллиф дар куҷо суханони қӯринтиёнро иқтибос мекунад, ва дар куҷо ба онҳо ҷавоб мегӯяд (аз нуқтаи назари тарҷумонҳо).

**10:24** Ҳангоми қабули ягон қарор мо бояд пеш аз ҳама на фоидаи худ, балки фоидаи атрофиёнро ба назар гирем. Принсипҳое ки мо дар ин порча меомӯзем, нисбати либос, вақтгузаронӣ, хӯрданӣ ва нӯшокӣ, тарзи зиндагӣ қобили истифода мебошанд.

**10:25** Дар ояти 25 сухан дар бораи он чизҳое меравад, ки дар бозор фурӯхта мешаванд. Агар шахси бовардор барои харидани гӯшт ба дӯкони гӯштфурӯшӣ равад, ба ӯ лозим намеояд аз гӯштфурӯш пурсад, ки ин гӯшт ба бутҳо қурбонӣ карда шудааст ё не. Гӯшт худ аз худ аз ҷиҳати рӯҳонӣ хатарнок нест, бинобар ин дар ин ҷо масъалаи вафодорӣ ба Масеҳ буда наметавонад.

**10:26** Насиҳати худро фаҳмонда, Павлус таронаи 23:1-ро аз Забур иқтибос меоварад: «... зеро ки замин ва ҳар он чи дар он аст,

аз они Сарвар аст». Фикр аз он иборат аст, ки хӯроки мехӯрдаамонро Парвардигор ба мо медиҳад, он барои мо муқаррар шудааст. Ҳейнрикӣ мегӯяд, ки ин суханонро аз таронаи 23-юми Забур бисёр вақт яҳудиён ҳангоми шукргузорӣ барои хӯрок иқтибос меоваранд.

**10:27** Дар ояти 27-ум Павлус оиди дигар вазъият мегӯяд, ки ҳамчунин бисёр вақт бовардоронро ба савол додан водор мекунад. Тасаввур кунед, ки касе шахси бовардорро ба меҳмонӣ даъват кард. Ҳамчунин тасаввур кунед, ки соҳибхона нобовар аст. Оё масеҳӣ чунин даъватро қабул карда метавонад? Ҷавоб –ҳа. Агар шуморо нобоваре ба меҳмонӣ даъват кунад ва шумо ба он ҷо рафтанӣ бошед, метавонед аз ҳар он чи пешниҳод мекунанд, хӯред, бе он ки азоби виҷдонро ҳис кунед.

**10:28** Агар ҳангоми ягон хӯрокхӯрӣ бовардори дигар, ки дар бовар нотавон аст, ба шумо гӯяд, ки гӯшти мехӯрдаатон ба бутҳо қурбонӣ карда шудааст, оё баъди ин шумо бояд хӯрдани он гӯштро давом диҳед? Ҷавоб – не, набояд хӯред, чунки бо ин кор бовардори нотавонро ранҷонда метавонед. Ҳамчунин дар мавридҳое ки ин барои Сарварро қабул намудани шахси нобовар халал мерасонад, чунин гӯштро набояд хӯред.

Донишҷӯ бояд ба он диққат диҳад, ки дар охири ояти 28 суханони «зеро ки замин ва ҳар он чи дар он аст, аз они Сарвар аст» ба матни аслӣ дохил намешавад ва онро партофтан даркор аст. Аён аст, ки ин суханон дар ин оят хушоянд нестанд, аммо дар ояти 26 маънои амиқ пайдо мекунанд.

**10:29** Маънои ояти 29, аз афташ, чунин аст: дар чунин маврид шумо аз аз рӯи виҷдони худ чунин хӯрокро намехӯред. Шумо, чун бовардор, пурра ҳақ доред гӯшт хӯред. Аммо бародари нотавон, ки дар наздатон нишастааст, дар ин бобат ақидаи дигар дорад, ва шумо на аз боиси он ки виҷдонатон шуморо сарзаниш мекунад, балки барои эҳтироми ақидаи ӯ чунин хӯрокро намехӯред.

Савол: «... зеро чаро виҷдони каси дигар бар озодии ман доварӣ кунад»-ро ба таври дигар чунин баён намудан мумкин аст: «Чаро ман аз озодии хӯрдани гӯшт бефикрона фахр кунам ва боиси сарзаниши виҷдони шахси дигар шавам? Чаро барои сарзаниши виҷдони ӯ аз озодии худ фахр кунам? Чаро имкон диҳам, ки оиди некӯии ман бадгӯӣ кунанд?» (ниг. Румиён 14:16). Оё порчаи гӯшт арзиши онро дорад, ки аз боиси он бародари масеҳии худро ранҷонам? Барои аниқии пурра, бояд илова намуд, ки баъзе

муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки Павлус дар ин ҷо эътирозҳои қӯринтиёнро иқтибос меоварад ё саволи риторикӣ медиҳад ва ба онҳо дар оятҳои баъдина ҷавоб медиҳад.

**10:30** Баъзе вариантҳои тарҷумаи ояти 30 таассуроти нодуруст пайдо кунонда метавонанд. Дар чунин тарҷумаҳо чунин тобида метавонад, ки Павлус дар ин ҷо ҳуқуқи худро ҳимоя мекунад. Чунин тобида метавонад, ки азбаски ӯ Сарварро барои хӯрок шукргузорӣ мекунад, новобаста ба ақидаи дигарон, ӯ ҳақ дорад онро хӯрад. Аммо ин ба он чи Павлус дар ин порча таълим медиҳад, пурра мухолоф аст. Аниқтараш, Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки шахсан ӯ ба  Худо шукргузорӣ намуданро бемаъно меҳисобад, агар баъди ин ӯ бародари ҳамбовари худро ранҷонад.

«Агар ман бо шукргузорӣ мехӯрда бошам» маънои «агар ман Худоро шукр гуфта, мехӯрда бошам»-ро дорад. Маънои ин суханон дар он аст, ки беҳтараш ман аз баъзе ҳуқуқҳои худ даст кашам, назар ба ин ки Худоро барои он шукр гӯям, ки баъд боиси дар ҳаққи ман суханони бад гуфтани дигарон мегардад. Вилям Келлӣ ин фикрро чунин шарҳ медиҳад: «Аз ҳуқуқ ва озодии худ даст кашидан беҳтар аст, агар одамон оиди он чи барояш шукр мегӯед, норозигӣ ва бадгӯӣ кунанд». Чунин озодӣ, ки боиси ранҷишҳо мегардад, ба кӣ даркор аст? Барои он чи дигарон куфр меҳисобанд ё боиси ҷанҷолҳо мешавад, шукргузорӣ намудан чӣ даркор аст?

**10:31** Дар ҳаёти масеҳии худ мо бояд ду принсипи бузургро пайравӣ намоем. Якумаш – шукӯҳи Худо, дуюмаш – фикрҳо оиди наздиконамон. Оиди принсипи якум Павлус дар ояти 31 мегӯяд: «...хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред». Ба масеҳиёни ҷавон бисёр вақт лозим меояд оиди кардан ё накардани ин ё он кор саволҳо диҳанд. Ва дар ин ҷо қоидаи хубе оварда мешавад: оё ин Худоро ҷалол медиҳад ё не? Оё пеш аз он метавонед саратонро хам карда, аз Сарвар хоҳиш намоед, ки шуморо ба ин кор баракат диҳад?

**10:32** Принсипи дуюм некӯаҳволии атрофиён аст. Мо набояд кореро кунем, ки боиси пешпо хӯрдани атрофиён мегардад, хоҳ яҳудӣ бошанд, хоҳ юнонӣ ё ҷамоати Худо. Павлус дар ин ҷо ҳамаи одамонро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад. Яҳудиён, албатта, халқи Исроил мебошанд. Юнониён – ғайрияҳудиёни беимон, ҷамоати Худо бошад – ҳамаи онҳое ки ҳақиқатан ба Сарвар Исои Масеҳ бовар доранд. Чунин бармеояд, ки агар мо бо рафтори худ ба дигарон гувоҳӣ диҳем, шояд ин боиси ранҷидан ё хашмгин шудани

дигарон мегардад. Аммо ин ҷо тамоман на оиди ин гуфта мешавад. Аниқтараш, Павлус ранҷишҳоеро дар назар дорад, ки аз онҳо барканор будан пурра имконпазир аст. Ӯ моро даъват мекунад, ки агар ин боиси ранҷидани одамон шавад, ҳуқуқи худро истифода набарем.

**10:33** Павлус пурра ҳақ дошт гӯяд, ки кӯшиш мекунад ба ҳама аз ҳар ҷиҳат писанд ояд, ва дар айни ҳол на ҷӯёи нафъи худ, балки нафъи бисёриҳост. Шояд кам касон ба монанди фиристаи бузург Павлус чунин ҳаёти фидокорона ба сар бурдаанд.

**11:1** Аз афташ, ояти 1-уми боби 11 ба боби пешина дахл дорад. Павлус навакак оиди он гуфта буд, ки кӯшиш мекунад амалҳои худро дар партави таъсири онҳо ба дигарон баҳо диҳад. Акнун бошад ӯ қӯринтиёнро даъват мекунад, ки ба ӯ тақлид кунанд, чуноне ки худи ӯ ба Масеҳ тақлид мекунад. Ӯ аз имтиёзҳо ва ҳуқуқи худ даст мекашид, то ба онҳое ки ба ӯ умед мебастанд, ёрӣ диҳад. Ва қӯринтиён бояд ҳамин тавр рафтор намоянд, на ин ки мағрурона озодиҳо ва ҳуқуқи худро намоиш диҳанд, то ки дар натиҷа бародари нотавонро ранҷонанд ё ба паҳншавии Хушхабар оиди Масеҳ монеъ шаванд.

ДАРСИ ҲАФТУМ

# Масъалаҳо оиди занон ва парастиш (11:2-34)

**Нақшаи дарс:**

IX. Дастурҳо оиди он ки занон сари худро пӯшонанд (11:2-16)

- А. Таҳсин (11:2).
- Б. Дар ин ҷаҳон кӣ бар кӣ сардор аст (11:3).

1. Масеҳ сардори мард аст.
2. Мард сардори зан аст.
3. Худо сардори Масеҳ аст.

В. Мард бояд бо сари пӯшида дуо кунад ва пайғамбарӣ кунад, занҳо – бо сари пӯшида (11:4-16).

1. Вагарна ӯ сари худро расво мекунад (11:4-5).
2. Напӯшонидани сар нанг аст (11:6).
3. Пайдарҳамии офариниш тасдиқ мекунад, ки зан бояд ба шавҳар итоат кунад (11:7-10).
   а) Мард ҷалоли Худост; зан – ҷалоли мард (11:7).
   б) Зан аз мард офарида шуда буд (11:8).
   в) Зан барои мард офарида шуда буд (11:9).
   г) Бинобар ин зан бояд нишонаи итоаткориро дошта бошад (11:10).
4. Мард ва зан ба ҳамдигар вобаста ҳастанд, ва ҳамаи ин бо хости Худост (11:11-12).
5. Табиат моро таълим медиҳад, ки зан бояд сари худро пӯшонад (11:13-15).
   а) Мӯи дароз доштани мард барояш нанг аст (11:14).
   б) Мӯи дароз доштани зан барояш шараф аст (11:16).
6. Мувофиқи одати фиристагон, зан бояд бо сари пӯшида гардад (11:16).

X. Сарзаниш вобаста ба он ки қӯринтиён шоми Сарварро чӣ гуна мегузаронанд (11:17-34).

А. Сарзаниш нисбати он ки ҳангоме онҳо якҷоя ҷамъ мешаванд, дар байнашон ҷудоиҳо рӯй медиҳанд (11:17-19).

Б. Сарзаниш нисбати он ки онҳо шоми Сарварро ба хӯрокхӯрии оддӣ табдил медиҳанд (11:20-22).

В. Асли пайдоиш ва мақсади шоми Сарвар (11:23-26).

Г. Натиҷаҳои иштироки носазовор дар шоми Сарвар (11:27-32).

Д. Даъват оиди эҳтиром намудани якдигар ва аз ҷазо эмин будан (11:32-34).

## ЗАН|ҲО БОЯД САРИ ХУДРО ПӮШОНАНД (11:2-16)

Дар оятҳои 2–16-и ин боб сухан дар бораи сари худро пӯшонидани занҳо меравад. Сипас Павлус оиди шоми Сарвар менависад (оятҳои 17-34). Нимаи аввали ин боб ҳамеша боиси баҳсҳои зиёд мегардид. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки дастурҳое ки дар ин ҷо мехонем, танҳо барои замони зиндагии Павлус мувофиқ

буданд.  Дигарон ин суханонро ифодаи ақидаи шахсии Павлус меҳисобанд, ки ӯ ба занон назари манфӣ дошт, зеро безан буд. Ва низ як миқдор одамон ин қисмро ҳамон тавре ки дар ин ҷо пешниҳод шудааст, мефаҳманд ва кӯшиш мекунанд ба ин дастурҳо пайравӣ намоянд, агарчи гоҳо онҳо барояшон нофаҳмо ҳастанд.

**11:2** Дар аввал фириста қӯринтиёнро барои он таъриф мекунад, ки ӯро дар ёд доранд ва анъанаҳоро ҳамон тавре ӯ ба онҳо расонда буд, риоя мекунанд. Калимаи «ривоятҳо»-ро маҳз чун «анъанаҳо» фаҳмидан даркор аст, ва ин на ба урфу одатҳои амалие ки дар тӯли солҳои зиёд дар ҷамоат пайдо шуда буданд, балки ба он дастурҳои дорои илҳоми илоҳӣ, ки фириста Павлус ба бовардорони Қӯринт дода буд, дахл доранд.

**1. Принсипи сардорӣ ва тобеият (11:3-12)**

**11:3** Акнун Павлус ба масъалаи сари худро пӯшондани қӯринтиён мегузарад. Дар паси ин дастур фикре ниҳон аст, ки ҳар як ҷамъияти ботартиб  бар ду принсип асос ёфтааст – нуфузу эътибор ва итоат ба ин нуфузу эътибор.  Дар он ҷое ки ин принсипҳо риоя карда намешаванд, ҷамъияти муташаккил вуҷуд дошта наметавонад. Павлус дар ин ҷо оиди се принсипи асосӣ гап мезанад, ки ба нуфузу эътибор ва итоат муносибати бевосита доранд. Аввалӣ: сарвари ҳар як мард Масеҳ аст; Масеҳ Сарвар аст, ва мард ба Ӯ итоат мекунад. Дуюм: сарвари зан мард аст; дар ин ҷо сарварӣ ба мард дода шудааст, ва зан зери итоати мард аст. Сеюм: сарвари Масеҳ Худост; ҳатто дар байни се Шахсияти Худо як Шахсият роҳбарӣ мекунад ва ду Шахсияти дигар ихтиёрӣ итоат мекунанд. Ин намунаҳои сарварӣ ва итоатро Худи Худо ба вуҷуд овардааст, ва онҳо асоси ҳамаи ҷаҳони офаридаи Ӯ мебошанд.

Дар ин ҷо бояд илова намуд, ки итоат маънои таҳқирро надорад Масеҳ ба Худо Падар итоат мекунад, аммо Ӯ аз Худо камӣ надорад. Ҳамчунин зан низ дар муқоиса бо мард офаридаи навъи дуюм нест, агарчи тобеи ӯст.

**11:4** Агар мард бо сари пӯшида дуо гӯяд ё пайғамбарӣ кунад, Сардори худро, яъне Масеҳро расво мекунад. Бо ин рафтораш ӯ Масеҳро сардори худ эътироф намекунад. Дар натиҷа ин амали ӯ беҳурматии амиқ мешавад.

**11:5** Агар зан бо сари напӯшида дуо гӯяд ё пайғамбарӣ кунад, сардори худро, яъне шавҳарашро расво мекунад. Бо чунин

рафтор ӯ мегӯяд, ки сардории шавҳарро бар ӯ, ки аз ҷониби Худо дода шудааст, эътироф намекунад, ба ӯ итоат намекунад.

Агар ин оят дар тамоми Китоби Муқаддас ягона ояте мебуд, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудааст, чунин фаҳмидан мумкин мебуд, ки агар зан сарашро пӯшонад, ҳақ дорад дар ҷамоат ҳам дуо гӯяд, ва ҳам пайғамбарӣ кунад. Аммо дар ҷои дигари Навишта Павлус занҳоро таълим медиҳад, ки дар ҷамъомад хомӯш бошанд (1Қӯринтиён 14:34), ва низ мегӯяд, ки занон набояд таълим диҳанд ё бар мардҳо ҳукмфармо шаванд, балки бояд хомӯш бошанд (1Тимотиюс 2:12). Ҳақиқатан, ин порча метавонад душворфаҳм тобад. Дар масъалаи пӯшонидани сар он чиз дарҳол ба чашм мерасад, ки ӯҳдадории зан хилофи ӯҳдадории мард аст. Дигар хел гӯем, он чи ба дуо ва пайғамбарӣ дахл дорад, зан бояд сарашро пӯшонад, мард бошад набояд пӯшонад.

**11:6** Агар зан сарашро напӯшонида бошад, ҳамчунин метавонад мӯяшро қайчӣ занад. Аммо агар мӯи қайчизада ё тарошида барои зан шармовар бошад, сари напӯшонда низ ҳамин гуна нанг аст. Павлус қайчӣ задани мӯйро намефармояд, балки оиди ҷиҳати ахлоқӣ мегӯяд, ва ин масъаларо то анҷоми мантиқӣ мерасонад.

**11:7** Дар оятҳои 7-10 Павлус оиди итоати зан ба мард гап зада, ба таърихи офариниши одам бозмегардад. Бояд ҳамеша дар ёд дошт, ки таълимот оиди пӯшондани сар масъалаи вақт ё маданият нест. Он дар замони мо низ муҳим аст. Итоати зан ба мард тартибест, ки Худо аз худи аввал муқаррар намудааст.

Аз худи аввал мард ҷалоли Худост, дар ҳоле ки зан ҷалоли мард аст. Ин маънои онро дорад, ки Худо мардро чун намояндаи Ӯ дар замин офарида буд, то ки бар мард ҳукмфармоӣ кунад. Сари напӯшондаи мард гувоҳи хомӯши ин аст. Худо ба зан ҳеҷ гоҳ чунин қудратро надодааст; он ба он маъно ҷалоли мард аст, ки зан «нуфузу эътибори мардро эҳтиром менамояд» (У.И. Вайн).

Мард набояд сарашро пӯшонад; ин баробар бо пӯшондани ҷалоли Худо мешавад, пас баробар бо зарба ба азамати Худост.

**11:8** Сипас Павлус ёдрас мекунад, ки на мард аз зан офарида шуд, балки зан аз мард. Дар аввал Худо мардро офарид, сипас дар бари ӯ зан пайдо шуд. Ин факт ба сарварии мард бар зан далолат мекунад.

**11:9** Дар ин оят сухан дар бораи мақсади офаридани мард ва зан меравад. На мард барои зан, балки зан барои мард офарида

шуда буд. Сарвар дар Ҳастӣ 2:18 гуфтааст: «...хуб нест, ки одам танҳо бошад; пас барояш мададгоре ки ба вай мувофиқ бошад, биофарам».

**11:10** Азбаски зан ба мард тобеъ аст, вай бояд «бар сараш нишонаи ихтиёрро ба хотири фариштагон дошта бошад». Дар баъзе тарҷумаҳо ин оят на он қадар фаҳмо баён шудааст. Мо чунин меҳисобем, ки ин ҷо оиди рамзи ихтиёр, ки зан дар назди фариштагон бояд дошта бошад, гуфта шудааст. Рамзи ихтиёр пӯшише мебошад, ки на ихтиёри шахсии ӯро, балки итоатро ба ихтиёри мард нишон медиҳад.

Аммо чаро ин ҷо дар охир «ба хотири фариштагон» гуфта шудааст. Тахмин кардан мумкин аст, ки фариштагон ҳамаи он чиро, ки дар ҷамоат рӯй медиҳад, мушоҳида мекунанд, чуноне ки ҳамаи он чиро, ки ҳангоми офариниш рӯй медод, мушоҳида мекарданд. Дар рӯзҳои аввали офариниш онҳо медиданд, ки зан бар мард ҳукмфармо шудааст. Зан қарор дод, ки Одам низ аз меваи дарахти дониши неку бад хӯрад. Дар натиҷа гуноҳ ба инсоният ворид шуд, ки ин оқибатҳои даҳшатовар дошт. Худо намехоҳад, ки ҳамаи он чи бо офариниши аввалин рӯй дод, такрор шавад. Ва ҳангоме ки фариштагон ба ҷамоат менигаранд, Ӯ мехоҳад, то онҳо бинанд, ки занҳо ба шавҳарон итоат мекунанд, ва рамзи берунии чунин итоат сари пӯшидаи онҳо бошад.

Дар ин ҷо беҳтараш бозистода, фикр кунем, ки пӯшондани сар нишонаи берунӣ буда, танҳо он вақт арзиш дорад, ки нишонаи берунии файзи дохилӣ бошад. Дигар хел карда гӯем, имкон дорад, ки зан сарашро пӯшонад ва дар айни замон ба шавҳар итоат накунад. Дар чунин маврид пӯшондани сар арзише надорад. Чизи асосӣ ин ҷо он аст, ки дили зан дар итоати шавҳар бошад; он гоҳ сарашро пӯшондани ӯ ҳақиқатан арзишнок мешавад.

**11:11** Павлус намехост, ки қӯринтиён аз суханони ӯ фаҳманд, ки мард тамоман ба зан вобаста нест. Бинобар ин ӯ илова мекунад: «Лекин дар Сарвар на мард бе зан аст, на зан бе мард аст». Дигар хел карда гӯем, марду зан ба якдигар вобастаанд. Онҳо ба якдигар эҳтиёҷ доранд, ва ғояи тобеият тамоман ба ғояи вобастагии тарафайн ихтилоф надорад.

**11:12** Ифодаи «зан аз мард» маънои онро дорад, ки зан аз мард офарида шудааст. Аммо Павлус ҳамчунин зикр мекунад, ки «мард низ ба воситаи зан аст». Дар ин ҷо ӯ зода шудани мардҳои ояндаро дар назар дорад. Худо мувозинати комилро офаридааст, то

ба ин восита нишон диҳад, ки марду зан бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

Сипас Павлус мегӯяд, ки ҳама чиз аз Худост, яъне маҳз Худо чунин тартибро офаридааст, бинобар ин шикоят кардан маъное надорад. Ва бояд гуфт, ки чунин муносибатҳоро Худо барои ҷалоли Худ офарид. Ҳамаи ин барои он карда шудааст, ки марду зан фурӯтан бошанд.

**2. Пӯшондани сар (11:13-15)**

**11:13** Акнун фириста қӯринтиёнро даъват мекунад, то худашон фикр кунанд, ки оё бо сари напӯшонда ба Худо дуо кардани зан аз рӯи одоб аст ё не. Ӯ ба ҳиссиётҳо ва тасаввуротҳои норавшан муроҷиат мекунад. Тахмин кардан мумкин аст, ки бо сари напӯшонда дар ҳузури Худо будани зан аз рӯи одоб нест.

**11:14** На он қадар фаҳмост, чӣ гуна табиат моро таълим медиҳад, ки мӯяшро дароз кардани мард барои ӯ нанг аст. Ин оятро хонда, тахмин кардан мумкин аст, ки мӯйҳои мард дар раванди дарозшавӣ табиатан ба мӯйҳои зебои зан табдил ёфта наметавонанд. Агар мард мӯйҳои дароз дошта бошад, ӯ бештар ба зан монанд мешавад. Ғайр аз ин, калшавии табиии мардон дар байни занон дида намешавад, ва муҳаққиқон инро низ бо он чи дар ин оят гуфта мешавад, алоқаманд мекунанд.

**11:15** Бисёр муҳаққиқони Китоби Муқаддас маънои ояти 15-ро тамоман нодуруст мефаҳманд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки азбаски мӯй ба занон барои пӯшонидан дода шудааст, боз бо чизе пӯшондани сараш зарур нест. Аммо ин бо он чи дар ин ҷо гуфта мешавад, тамоман мувофиқат намекунад. Агар донишҷӯй набинад, ки дар ин ҷо оиди ду намуди пӯшонидан гуфта мешавад, саргум шуданаш мумкин аст. Ин оятро бо ояти 6-ум муқоиса кардан беҳтар аст. Дар он ҷо навишта шудааст: «Зеро, агар зан нахоҳад, ки сари худро пӯшонад, бигзор мӯяшро қайчӣ кунад». Мувофиқи тафсири шахсоне ки мо ҳозир зикр кардем, чунин бармеояд, ки агар зан мӯйҳои худро надошта бошад, бигузор онҳоро қайчӣ кунад. Аммо ин хандаовар аст. Агар зан мӯйҳои худро надошта бошад, қайчӣ задани онҳо низ лозим намешавад.

Далели ҳақиқӣ дар ояти 15 аз он иборат аст, ки дар ин ҷо байни рӯҳонӣ ва табиӣ монандие дида мешавад. Худо ба зан чунин ҳиҷоби табиии шараф додааст, ки ба мард надодааст. Дар ин ҷо маънои рӯҳонӣ ниҳон аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоме зан ба

Худо дуо мекунад, бояд сарашро пӯшонад. Он чи ба ҳаёти табиӣ дахл дорад, ба ҳаёти рӯҳонӣ низ бояд дахл дошта бошад.

**11:16** Фириста Павлус мавзӯъро бо чунин суханон анҷом медиҳад: «Ва агар касе мунозира карданӣ бошад, мо ва ҷамоатҳои Худо чунин одат надорем». Павлус бо ин суханон чӣ гуфтан мехоҳад? Оё ӯ гуфтан мехоҳад, ки ҳамаи он чи мо ҳоло гуфтем, на он қадар принсипиалӣ аст (чуноне ки бисёриҳо тахмин мекунанд), бинобар ин ба ҷо овардани он ҳатмӣ нест? Оё ӯ гуфтан мехоҳад, ки аслан дар ҷамоати Худо одате нест, ки зан бояд сарашро пӯшонад? Оё ӯ гуфтан мехоҳад, ки ин таълимро ба занҳо чун дастури қатъии Сарвар бор кардан даркор нест. Шунидани чунин тахминҳо аҷиб аст, аммо онҳо вуҷуд доранд. Чунин ба назар мерасад, ки гӯё Павлус ин дастурҳоро ҷиддӣ намеҳисобид, ва, нисфи бобро ба ин мавзӯъ бахшида, вақтро беҳуда сарф намудааст.

Камаш ду тафсири ин оят ҳаст, ки ба шарофати онҳо худи оят ба Навишта ихтилоф надорад. Мувофиқи тафсири якум фириста Павлус дар ин ҷо гуфта метавонист, ки аксуламали баҳсноки баъзе касонро интизор аст, аммо илова мекунад, ки мо чунин одат, яъне одати дар ин бора баҳс кардан надорем. Мо дар ин масъалаҳо баҳс намекунем, балки онҳоро чун таълимоти Сарвар қабул мекунем. Мувофиқи тафсири дигар Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки ҷамоатҳои Худо одате надоранд, ки занҳо ҳангоми парастиш сарҳояшонро напӯшонанд. Вилям Келлӣ тафсири дуюмро ҷонибдорӣ мекунад.

## ШОМИ САРВАР (11:17-34)

### 1. Ҷудоиҳо ва бетартибиҳо (11:17-22)

**11:17** Фириста Павлус бовардорони Қӯринтро таъна мезанад, ки ҳангоме онҳо ҷамъ мешаванд, дар байнашон чудоиҳо ба назар мерасанд (оятҳои 17-19). Ба такрори феъли «ҷамъ мешавед» диққат диҳед (11:17,18, 20, 33, 34; 14:23,26). Дар ояти 2-юми ин боб Павлус қӯринтиёнро таҳсин намуд, ки онҳо ривоятҳои додаи ӯро риоя мекунанд, аммо як ҷиҳати масъала ҳаст, ки ӯро шод накард, ва акнун ӯ оиди он гап задан мехоҳад. Ҳангоме ки қӯринтиён ҷамъ мешуданд, онҳо на барои некӣ, балки барои бадӣ ҷамъ мешуданд. Ин огоҳии ҷиддиест барои ҳамаи мо, ки аз хизматгузорӣ на фоида, балки зарар дида, баргаштан имкон дорад.

**11:18** Сабаби аввалини сарзаниш ҷудоиҳо дар байни қӯринтиён буданд. Ин маънои онро надорад, ки онҳо дар ҷамоат ҳизбҳои алоҳида ташкил менамуданд, аз ҷамоат ҷудо мешуданд ва

ҷамоатҳои мустақил ташкил менамуданд. Аниқтараш, ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки дар даруни ҷамоати маҳаллӣ ҷудоӣ, ихтилофе буд. Павлус ба хабарҳо оиди ин ҷудоӣ бовар мекард, зеро мединист, ки қуринтиён бовардорони нафсонӣ буданд, ва ӯ дар ин Нома аллакай онҳоро барои ҷудоиҳо сарзаниш намуда буд.

«Павлус тайёр буд қисман ба ҷудоӣ дар ҷамоати Қӯринт бовар кунад, зеро медонист, ки азбаски онҳо ҳанӯз бовардорони нафсонӣ буданд, дар ақидаҳо ба осонӣ  аз ҳам ҷудо мешуданд. Павлус тасаввур карда метавонист, ки ин ҳолат онҳоро ба кадом амалҳо водор мекунад. Азбаски ӯ медонист, ки онҳо нафсонӣ ҳастанд, низ медонист, ки онҳо ба осонӣ қурбони таъсири ақли инсонӣ ба ташаккули ақидаҳояшон мешаванд, ва ин дар ниҳояти кор боиси ба гурӯҳҳо ҷудо шудан мегардад. Ӯ ҳамчунин медонист, ки Худо беақлии онҳоро рад мекунад ва касонеро, ки Ӯро шод мекарданд ва на аз рӯи ҷисм, балки аз рӯи рӯҳ мезистанд, баракат медиҳад, ва дар ниҳояти кор ба ҷудоиҳои онҳо хотима медиҳад» (Ф.Б. Ҳоул).

**11:19** Павлус ҳис мекард, ки он ҷудоӣ, ки аллакай дар ҷамоат пайдо шудааст, то даме ки масеҳиёни Қӯринт табиатан ҷиддӣ нашаванд, афзун мегардад. Ва агарчи чунин ҳолат дар ҷамоат хатарнок аст, дар он як ҷиҳати мусбат ҳаст – одамони ҳақиқатан рӯҳонӣ, ки Худо онҳоро меписандад, ба ҳамаи қӯринтиён дарҳол маълум мешаванд. Ҳангоме ки Павлус дар ин оят «зеро ки дар миёни шумо гуногунии ақидаҳо низ бояд бошад...» мегӯяд, ӯ зарурати ахлоқиро дар назар надорад. Худо ҳеҷ гоҳ нисбати гуногунии ақидаҳо ва ё бидъат саҳлангорӣ намекунад. Аниқтараш, Павлус оиди он мегӯяд, ки азбаски қӯринтиён нафсонӣ ҳастанд, ин ҳатман боиси гуногунии ақидаҳо ё бидъатҳо мегардад.  Аммо гуногунии ақидаҳо ё бидъатҳо дар ин ҷо маънои таълимотҳои ғайриортодоксиро надоранд. Дар ин ҷо ин суханон маънои ҷудоии ҷиддӣ дар ҷамоатро доранд.  Ҷудоӣ дар ҷамоат нишонаи равшани он аст, ки бовардорон ҳақиқати Сарварро дида натавонистанд.

**11:20** Сарзаниши дуюми Павлус бо муносибати бепарвоёнаи бовардорони Қӯринт ба шоми Сарвар вобаста аст. Ҳангоме ки қӯринтиён барои шоми Сарвар ҷамъ мешуданд, чунон рафтор менамуданд, ки Павлус фаҳмид – онҳо фармудаҳои Сарварро оиди ин маросим фаромӯш кардаанд. Онҳо фаромӯш кардаанд, ки тамоми рафтори онҳо ҳангоми шоми Сарвар бояд ба ёдбуди самимӣ оиди Сарвар нигаронида шавад.

**11:21** Дар солҳои аввали мавҷудияти ҷамоат масеҳиён «агапе», ё иди муҳаббатро, ва ба ғайр аз ин, шоми Сарвар, ё пора кардани нонро ҷашн мегирифтанд. Ҳангоми иди муҳаббат хӯрокхӯрии умумӣ ташкил карда мешуд, ки дар рӯҳи муҳаббат ва бародарӣ мегузаштанд. Дар охири ид аксаран бо май ва нон Сарварро ба ёд меоварданд. Аммо ба зудӣ онҳо инро суиистифода мекардагӣ шуданд. Ҳамин тавр, дар ояти ишорашуда Павлус дар назар дорад, ки иди муҳаббат маънои ҳақиқии худро гум кард. Масеҳиён на танҳо дар сари дастурхон якдигарро интизор намешуданд, балки сарватмандони онҳо аз хӯрданиҳои зиёд ҳаловат мебурданд ва ба бародарони камбағали худ аз он намедоданд. Бинобар ин баъзеи онҳо гурусна мемонданд, дигарон бошанд майнӯшӣ мекарданд. Азбаски гоҳо аз пайи иди муҳаббат шоми Сарвар меомад, баъзеи онҳо ҳангоми пора кардани нон аллакай маст буданд.

**11:22** Павлус қӯринтиёнро барои чунин рафторашон ба таври қатъӣ сарзаниш мекунад. Агар онҳо чунин рафторашонро давом доданӣ бошанд, ақаллан бояд инсоф дошта бошанд, ки ин корро дар ҷамоат накунанд. Бепарҳезӣ дар лаҳзае ки ҷамоати Худо ҷамъ мешавад, ва хиҷолат додани бародарони камбағал – магар ин аст рафтори шоистаи масеҳӣ? Ва Павлус, албатта, қӯринтиёнро барои ин таъриф карда наметавонад; баръакс, ӯ онҳоро сахт маҳкум мекунад.

**2. Пайдоиш ва мақсади шоми Сарвар (11:23-26)**

**11:23** Павлус аз куҷо пайдо шудани ин маросимро ёдрас мекунад, то фарқи байни маънои ҳақиқии ин маросим ва чӣ гуна шоми Сарварро гузарондани онҳоро нишон диҳад. Ӯ ёдрас мекунад, ки ин на хӯрокхӯрии оддӣ, балки насиҳати тантананок аз ҷониби Сарвар буд. Павлус оиди ин аз худи Сарвар шунида буд, ва дар ин бора барои нишон додани он мегӯяд, ки ҳама гуна вайронкорӣ маънои беитоатиро дорад. Бинобар ин ҳамаи он чиро, ки Павлус дар ин бора мегӯяд, худаш ба воситаи ваҳй қабул кардааст.

Дар навбати аввал Павлус ёдрас мекунад, ки Сарвар Исо нонро дар он шабе пора кард, ки таслим карда шуд. Маънои таҳтуллафзии он «дар вақте ки таслим карда шуд» аст. Дар вақте ки зидди ӯ суиқасди хиёнаткорона амалӣ мегардид, Сарвар Исо шогирдонашро дар болохона ҷамъ кард ва нонро гирифт.

Шабона рӯй додани ин воқеа тамоман маънои онро надорад, ки ҳоло ҳам шабона нонро пора кардан даркор аст. Дар он вақт ибтидои рӯз аз ғуруби офтоб ҳисобида мешуд. Мо бошем баромадани офтобро саршавии рӯз меҳисобем. Ғайр аз ин, бояд гуфт, ки амалҳо ва дастурҳои фиристагон на ҳамеша мувофиқат мекунанд. Мо маҷбур нестем ҳамаи он корҳоеро кунем, ки фиристаҳо мекарданд, аммо бояд ҳамаи он чиро, ки таълим медоданд, ба ҷо оварем.

**11:24** Сарвар Исо дар аввал нонро гирифт ва барои он шукргузорӣ намуд. Азбаски ин нон тимсоли ҷисми Ӯ буд, Ӯ Худоро барои он шукр гуфт, ки дар ҷисми одамӣ ба ин ҷаҳон омада тавонист, то ки барои гуноҳҳои ин ҷаҳон бимирад.

Ҳангоме ки Наҷотдиҳанда гуфт: «...ин ҷисми Ман аст...» – оё дар назар дошт, ки нон ба маънои аслӣ ҷисми Ӯ шуд? Таълимоти ҷамоати католикӣ изҳор медорад, ки нон ва май ба маънои аслӣ ҷисм ва хуни Масеҳ мешаванд. Таълимоти ҷамоати лютеранӣ мегӯяд, ки он нон ва май, ки ҳангоми пора кардани нон истифода мешаванд, ҷисм ва хуни Масеҳро дар бар мегирад.

Нисбати ҳамаи ин гуна таълимотҳо ба ёд овардан хуб аст, ки ҳангоме Сарвар Исо бовардоронро даъват намуд, ки ин маросими ёдбудро ба ҷо оваранд, ҷисми Ӯ ҳанӯз ба куштан дода нашуда буд ва хунаш ҳанӯз нарехта буд. Ҳангоме Сарвар Исо гуфт: «... ин ҷисми Ман аст» – Ӯ дар назар дошт, ки ин рамзи ҷисми Ӯст, ки барои онҳо таслим карда мешавад. Хӯрдани ин нон маънои онро дорад, ки Ӯро ва барои мо мурдани Ӯро ба ёд оварем. «Дар суханони Исо “ба ёдгории Ман” чӣ назокате ҳис карда мешавад» (Годе).

**11:25** Айнан ҳамин тавр Исо косаро гирифт ва гуфт: «Ин коса аҳди ҷадид аст дар хуни Ман; инро ҳар боре ки менӯшед, ба ёдгории Ман ба ҷо оваред». Шоми Сарвар дарҳол баъди иди Фисҳ баргузор шуда буд. Барои ҳамин гуфта мешавад, ки Сарвар Исо косаро *баъди таоми шом* гирифт. Оиди ин коса Ӯ гуфт, ки он паймони навин аст дар хуни Ӯ. Паймони Навин дар хуни Ӯ ҳамон таврест, ки Паймони Навин бо Сарвар. Он ба паймони Худо бо халқи Исроил дахл дорад, ки мо оиди он дар китоби Ирмиё 31:31-34 мехонем. Ин ваъдаи бешарт аст оиди он ки Худо ба онҳо, ки бадкирдоранд, раҳм мекунад ва гуноҳҳояшонро ба ёд намеоварад. Оиди паймони навин ҳамчунин дар Нома ба Ибриён 8:10-12 навишта шудааст. Ин паймон дар замони мо низ амал мекунад,

аммо нобоварӣ имкон намедиҳад, ки халқи Исроил аз ин шод шавад. Ҳамаи онҳое ки ҳақиқатан ба Ӯ боварӣ мекунанд, дар худ ҳамаи некӯиҳоро, ки Худо ба онҳо ваъда додааст, ҳис мекунанд. Ҳангоме ки халқи Исроил ба Сарвар рӯ меоварад, одамон баракати паймони навинро ҳис мекунанд; ин ҳангоми подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ дар замин рӯй медиҳад. Паймони навин бо хуни Масеҳ мустаҳкам карда шуда буд, бинобар ин Ӯ оиди коса чун оиди паймони навин дар хуни Ӯ мегӯяд. Маънои ин чунин аст: «ин паймони навин бо хуни Ман тасдиқ шудааст». Асоси паймони навин салиб аст.

**11:26** Ояти 26 ба масъалае дахл дорад, ки шоми Сарварро сари чанд вақт гузарондан даркор аст: «...ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин косаро менӯшед, мамоти Сарварро эълон мекунед, то даме ки Ӯ биёяд». Дар ин хусус қоидаи қатъӣ нест ва таърихи муайяне муқаррар карда нашудааст. Аз Аъмол 20:7 аён аст, ки шогирдони Масеҳ дар рӯзи якуми ҳафта Ӯро ба ёд меоварданд. Аз ибораи «то даме ки Ӯ биёяд» аён аст, ки ин на танҳо ба солҳои аввали ҷамоат дахл дошт. Годе хуб гуфтааст, ки шоми Сарвар «робитаи байни ду омадани Ӯ, ёдгории якумӣ ва гарави дуюмӣ аст». Дар ҳамаи дастурҳо оиди шоми Сарвар ҳеҷ гапе оиди он гуфта нашудааст, ки кӣ барои он масъул аст. Ин хизматгузории оддии ёдоварӣ аст, ки барои ҳамаи одамони Худо боқӣ гузошта шудааст. Масеҳиён чун ходимони оддӣ ҷамъ шуда, марги Сарварро эълон мекунанд, то даме ки Ӯ биёяд.

**3. Огоҳиҳо (11:27-34)**

**11:27** Барои чӣ муқаррар карда шудани шоми Сарварро зикр карда, Павлус акнун оиди натиҷаҳои дар он носазовор иштирок кардан мегӯяд. Ҳар касе ки носазовор нонро мехӯрад ва косаи Сарварро менӯшад, зидди хуни Сарвар айбдор аст. Дар ин ҷо фикре пайдо шуда метавонад, ки ҳамаи мо сазовор нестем дар чунин шоми тантананок иштирок кунем. Мо ҳама сазовори марҳамати Сарвар ва муносибати неки Ӯ нестем. Аммо дар ин ҷо сухан аслан на дар ин бора меравад. Фириста Павлус на дар бораи сифатҳои шахсии мо мегӯяд. Мо бо хуни Масеҳ пок шуда, дар назди Худо чуноне ки Ӯ Писари дӯстдоштаи Худро мебинад, ҳозир шуда метавонем. Павлус ин ҷо оиди рафтори ношоистаи қӯринтиён ҳангоми барои шоми Сарвар ҷамъ шудани онҳо мегӯяд. Онҳо дар

рафтори ношоиста ва беҳурматона айбдор буданд. Чунин рафтор маънои дар назди ҷисм ва хуни Масеҳ айбдор буданро дорад.

**11:28** Ба шоми Сарвар ҷамъ шуда, мо бояд шартҳои муайянеро ба ҷо оварем. Мо бояд гуноҳи худро эътироф ва тарк кунем; аз онҳое ки ранҷондаем, узрхоҳӣ кунем. Хулоса, мо бояд боварӣ дошта бошем, ки рӯҳи мо дар ҳолати дуруст аст.

**11:29** Агар мо ин корро накарда, дар пора кардани нон иштирок кунем, ин корро ба маҳкумияти худ мекунем. Мо бояд фаҳмем, ки ҷисми Масеҳ барои он дода шудааст, ки Худо гуноҳҳои моро гирифта тавонад. Агар мо дар гуноҳ зистанро давом диҳем, ва бо ин ҳол дар шоми Сарвар иштирок кунем, дар дурӯғ зиндагӣ мекунем. «Агар мо дар шоми Сарвар иштирок кунем ва дар мо гуноҳи маҳкумнашуда боқӣ монда бошад, мо ҷисми Сарварро, ки барои дур кардани он шикаста шуда буд, сарфи назар мекунем» (Ф.Д. Паттерсон).

**11:30** Агар масеҳӣ худро маҳкум накунад, Худо ба ӯ ҷазо мефиристад. Бо баъзе бовардорони Қӯринт низ ҳамин тавр шуда буд. Баъзеҳо оҷиз ва бемор буданд, баъзеи дигар мурда буданд. Дигар хел карда гӯем, баъзеи онҳо аз бемориҳои ҷисмонӣ азоб мекашиданд, баъзеҳо бошанд ба осмонҳо рафта буданд. Ҳангоме Павлус дар ин ҷо оиди ҷазо гап мезанад, ӯ марги ҷовидонро дар назар надорад. Фириста дар ин боб оиди бовардорон гап мезанад ва мегӯяд, ки азбаски онҳо гуноҳро дар ҳаёти худ маҳкум накарданд, Сарвар маҷбур аст онҳоро барои ин ҷазо диҳад.

**11:31** Аз тарафи дигар, агар мо гуноҳи худро маҳкум кунем, аз ҳукми Сарвар барканор буда метавонем.

**11:32** Худо бо мо чун бо фарзандони Худ муносибат мекунад. Ӯ моро хеле дӯст медорад ва наметавонад имкон диҳад, ки гуноҳ карданро давом диҳем. Бинобар ин гоҳо мо бар тахтапушти худ калтаки чӯпонро ҳис мекунем, ки моро сӯи Ӯ бозмегардонад. Касе гуфтааст: «Имкон дорад, ки муқаддасон барои дар осмон будан лоиқ бошанд, аммо барои дар замин монда, гувоҳӣ додан – не».

**11:33** Ҳангоме ки бовардорон дар иди муҳаббат ё агапе ҷамъ мешаванд, бояд якдигарро интизор шаванд ва нисбати дигар бовардорон беэҳтиромӣ накунанд. Суханони «мунтазири якдигар бошед» дар ин оят бо суханони ояти 21, «ҳар кас аз дигарон пештар хӯроки худро гирифта мехӯрад», тазод мебошанд.

**11:34** Агар касе гурусна бошад, бигузор дар хона хӯрок хӯрад. Дигар хел карда гӯем, иди муҳаббатро, ки баъд бо шоми Сарвар пайваст шуд, бо хӯрокхӯрии оддӣ омехта набояд кард. Ва вайрон кардани хусусияти муқаддаси он боиси маҳкумият мегардад.

«Чизҳои дигарро пас аз омаданам дуруст хоҳам кард». Албатта, бисёр масъалаҳое буданд, ки аҳамияташон аз он чи Павлус дар Номаи якум ба Қӯринтиён навишт, камтар набуд. Ва дар ин ҷо ӯ бовар мекунонад, ки ҳангоми наздашон омадан оиди ин гап мезанад.

ДАРСИ ҲАШТУМ

# АТОҲОИ РӮҲ 12:1-20

**Нақшаи дарс:**

XI. Атоҳои рӯҳ ва истифодаи онҳо дар ҷамоат (б.12-14).

A. Масеҳиён бояд оиди зоҳиршавиҳои гуногуни Рӯҳ донанд (12:1-2).

Б. Шаҳодати ҳақиқии Рӯҳи Пок – эътирофи он ки Исои Масеҳ Сарвар аст.

В. Атоҳои гуногун (ягонагии сеҷонибаи онҳо) (12:4-6).

1. Ҳама бо ҳамон як Рӯҳ роҳнамоӣ карда мешавандн (12:4).
2. Ҳама ба як Сарвар хизмат мекунанд (12:5).

3. Ҳама чиз аз як Худо бармеояд (12:6).

Г. Таъиноти умумии ҳамаи атоҳои Рӯҳ – ба ҷамоат фоида овардан (12:7).

Д. Баъзе атоҳои Рӯҳ (12:8-10).

Е. Рӯҳ ин атоҳоро мувофиқи хости Худ тақсим мекунад (12:11).

Ж. Ҷисми одам чун намунаи ягонагӣ ва гуногунии кори Рӯҳ (12:12-31).

1. Як ҷисм аз бисёр аъзоён иборат аст, ки инро ҳам оиди ҷисми одам ва ҳам оиди ҷамоат гуфтан мумкин аст (12:12).
2. Ҳамаи бовардорон ба як ҷисми Масеҳ ғӯта гирифтаанд, ва ҳамаашон аз як Рӯҳ пур шудаанд (12:13).
3. Аз мавқеи худ норозӣ будани ягон узви ҷисм бемаъност (12:14-20).

а) Ба ҳар як ҷисм бисёр узвҳо даркоранд (12:14).

б) Ба дигар узвҳо ҳасад бурдани як узв хандаовар аст (12:15-16).

в) Ҳар як узви Ҷисм вазифаҳои муайянеро ба ҷо меоварад (12:17).

г) Ин вазифаҳоро танҳо Худо ба онҳо медиҳад (12:18).

д) Агар танҳо як узви Ҷисм бошад, ҷисм нест, ва агар узвҳо бисёр бошанд, ҷисм як аст (12:19-20).

**АТОҲО ВА РӮҲ (12:1-3)**

Бобҳои 12 – 14 ба атоҳои рӯҳ бахшида шудаанд. Дар байни бовардорони Қӯринт бисёр нофаҳмиҳо буданд, хусусан дар масъалаи бо забонҳо гап задан, ва Павлус акнун дар ин бора менависад, то ки нофаҳмиҳои пайдошударо бартараф кунад.

Дар Қӯринт бовардороне буданд, ки атои ба забонҳо гап заданро ба даст оварда буданд, яъне бе омӯхтани пешакӣ ба забонҳои хориҷӣ гап мезаданд. Аммо ба ҷои он ки бо ёрии ин атоҳо Худоро ҷалол диҳанд ва ба дигарон ёрӣ расонанд, онҳо ин истеъдоди худро ба намоиш мебароварданд. Онҳо ҳангоми парастишҳо бархеста, ба забонҳое ки касе намефаҳмид, гап мезаданд ва ҳамин тавр мехостанд бо истеъдоди забондонии худ ба ҳама таассурот бахшанд. Ин аторо онҳо муҳимтарин меҳисобиданд, ва аз ин хулоса мебароварданд, ки шахсони бо забонҳо гап мезада

рӯҳонияти олӣ доранд. Ин боиси ҳавобаландӣ ва такаббури баъзеҳо, ва ҳисси ҳасад ва худбаҳодиҳии пасти дигарон мегардид. Бинобар ин Павлус мебоист чунин ҳолатро ислоҳ мекард ва онҳоро даъват мекард, ки дар амалӣ гардондани атоҳои рӯҳонӣ, хусусан забондонӣ ва пайғамбарӣ, назорати ҷиддӣ муқаррар намоянд.

**12:1** Павлус мехоҳад, ки бовардорони Қӯринт оиди атоҳои рӯҳонӣ донанд: «Намехоҳам, ки шумо, эй бародарон, бехабар монед». Баъзе тарҷумаҳо дар назар доранд, ки калимаи «атоҳо» дар ин ҷо аҳамияти асосӣ дорад. Аммо ояти баъдина касро ба фикре меоварад, ки Павлус на танҳо оиди атоҳои Рӯҳи Пок, балки оиди рӯҳҳои нопок низ фикр мекард.

**12:2** То ба Худо бовар кардан қӯринтиён бутпараст ва дар асорати рӯҳҳои бад буданд. Онҳо аз ин бутҳо метарсиданд ва зери таъсири сахти иблис буданд. Онҳо шоҳидони он падидаҳои фавқуттабиӣ буданд, ки ин рӯҳҳо сабабгори онҳо буданд, ва сухангӯиҳои онҳоро шунида буданд. Зери таъсири рӯҳҳои бад онҳо худдориро аз даст дода, он чиро мегуфтанд ва мекарданд, ки на ҳамеша гуфтан ва кардан мехостанд.

**12:3** Аммо акнун онҳо наҷот ёфтанд ва азбаски бовардор ҳастанд, бояд овози рӯҳи бадро аз овози Рӯҳи Пок фарқ карда тавонанд. Дар ин ҷо гувоҳӣ оиди Сарвар Исо аз ҳама муҳим аст. Агар касе ба Исо лаънат гӯяд, шубҳае нест, ки дар ӯ девҳо сухан мегӯянд, зеро девҳо ҳамеша ба номи Исо бадгӯӣ мекунанд ва лаънат мегӯянд. Рӯҳи Пок ҳеҷ гоҳ касеро маҷбур намекунад, ки оиди Наҷотдиҳанда чунин гап занад; хизмати Ӯ аз он иборат аст, ки Сарвар Исоро ҷалол диҳад. Ӯ одамонро даъват мекунад оиди Сарвар будани Исо гап зананд, ва дар ин бора на танҳо бо лабҳо, балки бо гармии дилҳои худ гӯянд.

Аҳамият диҳед, ки се Шахсияти Ваҳдати Сегона дар ояти 3 ва низ дар оятҳои 4-6 зикр мешаванд.

## АТОҲОИ ГУНОГУН (12:4-7)

**12:4** Акнун фириста Павлус оиди атоҳои Рӯҳи Пок гап мезанад. Ӯ нишон медиҳад, ки то даме ки дар ҷамоат гуногунии чунин атоҳо ҳастанд, ягонагии се Шахсияти Худо низ ҳаст.

Дар навбати аввал Павлус оиди он мегӯяд, ки атоҳо зиёданд, рӯҳ бошад якто аст. Аммо қӯринтиён чунон рафтор мекарданд, ки гӯё танҳо як ато ҳаст – забонҳо. Павлус мегӯяд: «Не, ягонагии

шумо на дар он аст, ки як ато дошта бошед, балки дар он аст, ки Рӯҳи Покро дошта бошед, ки Ӯ Сарчашмаи ҳамаи атоҳост».

**12:5** Сипас Павлус оиди он мегӯяд, ки дар ҷамоат бисёр хизматҳо ҳастанд. Ҳамаи мо корҳои гуногунро ба ҷо меоварем. Аммо чизи умумӣ дар мо он аст, ки ҳамаи инро мо барои Сарвар мекунем, ва мекӯшем ба дигарон хизмат намоем (на ба худ).

**12:6** Ва агарчи ҳар яки мо ба таври худ меҳнат мекунад, ҳар яке аз Рӯҳ атои худро дорад, ва ба ҳар як кас танҳо Худо қувват медиҳад. Ва агар ягон ато аз дигараш ҷолибтар, қавитар ва бобарортар тобад, ин на аз боиси афзалтар будани як кас аз каси дигар аст. Қувватро барои зоҳир намудани атои рӯҳонӣ Худо медиҳад.

**12:7** Рӯҳи Пок ба як шахс атое дода, Худро дар зиндагии ҳар як бовардор зоҳир мекунад. Чунин бовардоре нест, ки атое надошта бошад, узви Ҷисм набошад, ҳеҷ вазифаеро иҷро накунад.

**12:8** Ва ин атоҳо барои манфиати тамоми Ҷисм дода шудаанд. Онҳо на барои зоҳир кардани худ ва на барои панддиҳии худ, балки барои ба дигарон ёрӣ расондан дода мешаванд. Ғояи асосии он чи Павлус ба қӯринтиён гуфтан мехоҳад, ҳамин аст.

**БАЪЗЕ АТОҲО (12:8-11)**

Албатта, акнун Павлус номбар кардани баъзе атоҳои Рӯҳро бамаврид меҳисобад.

*Каломи ҳикмат* – лаёқати фавқуттабиии бо фаҳмиши илоҳӣ гап задан аст, хоҳ дар ҳалли мушкилот, ҳимояи бовар, бартараф намудани ихтилофот, додани маслиҳатҳои амалӣ ё ҳимояи манфиатҳои шахс дар мурофиа. Истефанус ҳикмати илоҳиро чунон нишон дод, ки мухолифонаш «ба он ҳикмат ва Рӯҳе ки дар суханонаш буд, ёрои мухолифат надоштанд» (Аъмол 6:10).

*Каломи дониш* – лаёқати ба одамон расондани маълумотест, ки Худо ба онҳо ошкор намудааст. Чун тасвири ин мо метавонем чунин гуфтаҳои Павлусро оварем: «Ба шумо сирре мегӯям…» (1Қӯринтиён 15:51) ва «Зеро инро ба шумо бо каломи Сарвар мегӯем» (1Таслӯникиён 4:15). Агар дар ин ҷо расондани ҳақиқати навро дар назар дошта бошем, пас каломи дониш акнун нест, чунки бовари масеҳӣ як бор ба ҳамаи муқаддасон дода шудааст (Яҳудо 3). Китоби Муқаддас таълимоти масеҳиро ба пуррагӣ дар бар мегирад. Аммо каломи дониш чун пештара бо мо мемонад. Онҳое ки дар мушоракати наздик бо Сарвар зиндагӣ мекунанд, чун

пештара донишҳои илоҳӣ ба даст меоваранд (ниг. Забур 24:14). Ва ҳангоме ки чунин одамон донишҳои гирифтаашонро ба дигарон мерасонанд – ҳамин аст каломи дониш.

**12:9** Атои *бовар* – лаёқати илоҳии бо иҷрои хости Худо бартараф кардани душвориҳои азим (13:2), ва барои шукӯҳи Худо ба ҷо овардани меҳнати бузург аст дар ҷавоби фармудаҳо ё ваъдаҳои Худо, чуноне ки дар Каломи Худо дида мешавад, ё дар муоширати шахсӣ. Ҷорҷ Мюллер намунаи классикии одамест, ки атои бовар дорад. Оиди эҳтиёҷоти худ ба ҳеҷ кас хабар надода, ӯ тавонист дар давоми зиёда аз 60 сол дар ҳаққи 10000 ятимон ғамхорӣ кунад.

Атои *шифо додан* – лаёқати ҳайратовари аз бемориҳо шифо додани одамон аст.

**12:10** Мӯъҷизанамоӣ – лаёқати рондани девҳо, аз як шакл ба шакли дигар табдил додани материя, зинда кардани мурдагон ва ғайраро дар бар гирифта метавонад. Филиппус дар Сомария мӯъҷизаҳо нишон медод, ва ба воситаи он ба одамон Хушхабарро мерасонд (Аъмол 8:6-7).

Атои пайғамбарӣ – ба маъное ки дар Паймони Навин дида мешавад, дар назар дорад, ки одам аз Худо бевосита ваҳй мегирад ва ба дигарон мерасонад. Гоҳо пайғамбарон воқеаҳои ояндаро пешгӯӣ мекарданд (Аъмол 11:27-28; 21:11), аммо беш аз ҳама онҳо дар навбати аввал аз номи Худо гап мезаданд. Монанди фиристаҳо, онҳо пеш аз ҳама дар бораи асоси ҷамоат фикр мекарданд (Эфсӯсиён 2:20). Худи онҳо ин асос набуданд, аммо бо таълим додан оиди Сарвар Исо бунёди ҷамоатро гузоштанд. Ҳамин ки асоси ҷамоат гузошта шуд, зарурат ба пайғамбарон аз байн рафт. Оиди хизмати онҳо мо дар саҳифаҳои Паймони Навин хонда метавонем. Ва азбаски Китоби Муқаддас анҷом ёфтааст, мо ҳама гуна пайғамбаронеро, ки гӯё аз ҷониби Худо ҳақиқати иловагӣ доранд, инкор мекунем.

Агар маънои асосии калимаи «пайғамбар»-ро ба назар нагирем, мо ҳар воизеро, ки оиди Каломи Худо боварибахш, боисрор ва таъсирбахш гап зада метавонад, чунин меномем. Пайғамбарӣ ҳамчунин ҳамду санои Худо (Луқо 1:67-68) ва насиҳат додани халқи Ӯро (Аъмол 15:32) дар назар дошта метавонад.

Ташхиси рӯҳҳо – лаёқати аниқ намудани он аст, ки оё ин ё он пайғамбар аз Рӯҳи пок сухан мегӯяд ё аз шайтон. Шахсе ки чунин ато дорад, номдуздон ё душманонро шинохта метавонад. Масалан,

Петрус дида тавонист, ки Шимъӯн пур аз заҳраи талх ва дар банди норостӣ аст (Аъмол 8:20-23).

Атои забонҳо, чуноне ки гуфтем, – бе омӯзиши пешакӣ ба забонҳои хориҷӣ гап зада тавонистан аст. Забонҳо чун аломат дар навбати аввал ба халқи Исроил дода шуда буданд.

Тафсири забонҳо – лаёқати ҳайратовари фаҳмидани забоне ки пеш нофаҳмо буд, ва ба забони маҳаллӣ баён кардани мазмуни он аст.

Ҷолиби диққат аст, ки ин рӯйхат бо атоҳое сар мешавад, ки бо ақли одам вобастаанд ва бо атоҳое анҷом меёбад, ки бо эҳсосот вобастаанд. Қӯринтиён бошанд ҳама чизро чаппа фаҳмида буданд. Онҳо дар навбати аввал атои забонҳоро болобардор мекарданд. Бо як сабаби номаълум онҳо чунин меҳисобиданд, ки одам ҳар қадар бештар Рӯҳи Пок дошта бошад, бояд ҳамон қадар бештар зери таъсири қувваи идоранашаванда бошад. «Онҳо рӯҳониятро бо қувват омехта карданд» (Вилям Келлӣ).

«Он тартибе ки Павлус медиҳад, аз он чи қӯринтиён тасаввур мекарданд, комилан фарқ дорад». Онҳо чунин меҳисобиданд, ки агар ақл ва шуури одам дар сатҳи поёнтарин зоҳир мешуда бошанд, чунин одам ҳақиқатан зери таъсири Рӯҳ аст. Павлус нишон медиҳад, ки баландтарин атоҳои рӯҳонӣ бо ақл ва шуур робитаи бевосита доранд (Эрдман).

**12:11** Ҳамаи он атоҳое ки Павлус оиди онҳо дар оятҳои 8-10 мегӯяд, маҳсули Рӯҳи Пок ва дар ихтиёри Ӯ мебошанд. Дар ин ҷо мо боз мебинем, ки Ӯ ба ҳама ҳамон як аторо намедиҳад. Ӯ ба ҳар як бовардор мувофиқи хости Худ атоҳо медиҳад. Ин боз як ҳақиқати муҳим аст – Рӯҳ атоҳоро соҳибихтиёрона тақсим мекунад. Ва агар мо ҳақиқатан инро фаҳмем, дар мо барои ғурур ҷой намемонад, зеро медонем: мо ҳеҷ чизе надорем, ки нагирифта бошем. Ғайр аз ин, дар мо барои норозигӣ ҷой намемонад, зеро Ҳикмати Худо ва Муҳаббати Худо аллакай қарор додаанд, ки мо кадом аторо дошта бошем, ва интихоби Худо комил аст. Ва хуб нест, агар ҳама як аторо гирифтан хоҳанд. Агар ҳама як асбоби мусиқиро навозанд, шумо ҳеҷ гоҳ оркестри симфониро намешунавед. Ва агар ҷисм танҳо аз забон иборат бошад, он аллакай ҷисм нест.

## ТАСВИР БО МИСОЛҲО (12:12-31)

**12:12** Ҷисми одам чун намунаи аёнии ягонагӣ ва гуногунӣ пешкаш шудааст. Ҷисм як аст, аммо узвҳояш бисёранд. Ва агарчи аъзоён гуногунанд ва вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд, ҳамаи онҳо як воҳиди амалкунанда – ҷисмро ташкил медиҳанд.

«...Ончунон Масеҳ низ». Дар ин ҷо на танҳо оиди Сарвар Исои Масеҳи болобардоршуда гуфта мешавад, ки дар осмонҳост, балки оиди Сар низ, ки аъзоёнаш дар ин ҷо, дар замин мебошанд. Ҳамаи бовардорон аъзоёни Ҷисми Масеҳ мебошанд. Ва чуноне ки ҷисми одам василаест, ки шахс ба воситаи он ба одамони дигар маълум мегардад, ҷисми Масеҳ низ василаест дар замин, ки ба шарофати он Ӯ ба ҷаҳон маълум мегардад. Он факт, ки Сарвар ба ҳамаи мо – аъзоёни Ҷисми Ӯ – иҷозат медиҳад бо ифодаи «Масеҳ» дар назар дошта шавем, баёнгари файзи ҳайратовари Ӯст.

**12:13** Сипас Павлус оиди он мегӯяд, ки чӣ гуна мо аъзоёни Ҷисми Масеҳ шудем. Мо ҳама ба як Ҷисм ғӯта гирифтаем. Дар матни аслӣ ин чунин садо медиҳад: «*ба* як Рӯҳ». Ин чунин маъно дошта метавонад: Рӯҳ он унсурест, ки мо ба он ғӯта гирифтаем, чуноне ки об он унсурест, ки мо ҳангоми маросими ғӯтаи масеҳӣ ба он фурӯ меравем. Ё ин маънои онро дошта метавонад, ки Рӯҳ он намояндаест, ки моро ғӯта медиҳад, ва он гоҳ тарҷумаи «ба як Рӯҳ» дуруст аст. Аз рӯи маъно варианти дуюм аниқтар аст.

Ғӯта ба Рӯҳи Пок дар рӯзи Пантикост рӯй дод. Дар ин вақт ҷамоат пайдо шуд. Мо ҳангоми аз нав зода шудан афзалиятҳои (имтиёзҳои) чунин ғӯтаро ҳис мекунем. Мо аъзоёни Ҷисми Масеҳ мешавем.

Дар ин ҷо якчанд лаҳзаҳои муҳимро зикр бояд кард. Аввалан, ғӯта ба Рӯҳи Пок раванди илоҳист, ки бовардоронро аъзоёни Ҷисми Масеҳ мегардонад. Он бо ғӯтаи обӣ ҳеҷ умумият надорад, ва ин аз Матто 3:11; Юҳанно 1:33; Аъмол 1:5 аён аст. Ин на амали файз аст, ки пас аз наҷот меояд, ки ба шарофати он бовардорон рӯҳонитар мешаванд. Ҳамаи бовардорони ҷамоати Қӯринт ба як Рӯҳ ғӯта гирифта буданд, аммо Павлус онҳоро барои он сарзаниш мекунад, ки онҳо на рӯҳонӣ, балки нафсонӣ ҳастанд (3:1)... Ва дурӯғ аст, ки гӯё ба забонҳо гап задан нишонаи аниқи ғӯта ба Рӯҳ аст. Ҳамаи бовардорони Қӯринт ғӯта гирифта буданд, аммо на ҳамаи онҳо ба забонҳо гап мезаданд (12:30). Мо инкор намекунем, ки дар меҳнати Рӯҳ лаҳзаҳое мешаванд, ки ягон бовардор худро пурра ба ихтиёри Рӯҳ медиҳад ва ҳамин тариқ аз Ӯ қувват мегирад. Аммо ин низ бо

ғӯта ба Рӯҳ умумияте надорад, дар ин ҷо якеро бо дигаре омехта накардан муҳим аст.

Сипас дар ин оят гуфта шудааст, ки ҳамаи бовардорон «аз як Рӯҳ нӯшонида шудаанд». Ин маънои онро дорад, ки онҳо аз як Рӯҳи Худо ба он маъно менӯшанд, ки Ӯро чун Шахсияти дар онҳо мезиста қабул мекунанд, дар ҳаёти худ шодии хизмати Ӯро ба даст меоваранд.

**12:14** Ҷисм бе аъзоёни гуногун зиста наметавонад. Бояд узвҳои бисёр бошанд, ки ҳар яке ба дигарӣ монанд нест, ва ҳама бояд ба сар итоат кунанд ва бо узвҳои дигар ҳамкорӣ намоянд.

**12:15** Ҳангоме мо мефаҳмем, ки чунин гуногунӣ барои ҷисми солим даркор аст, аз ду хатар барканор мешавем – беқадр ҳисобидани худ (12:15-20) ва беқадр ҳисобидани дигарон (12:21-25). Агар пой кори дастро ба ҷо оварда натавонад, худро беқадр ҳисобидани он маъное надорад. Охир, пой метавонад истад, қадам занад, давад, ҷаҳад, рақсад, лагад занад ва бисёр корҳои дигарро кунад.

**12:16** Гӯш набояд танҳо аз боиси чашм набуданаш худро узви беқадр ҳисобад. Гӯшҳо барои шунидан ба мо дода шудаанд. Ва танҳо ҳангоме ки ногоҳ кар мешавем, аҳамиятнокии ин узв ба мо маълум мешавад.

**12:17** Агар тамоми ҷисм аз чашм иборат мебуд, шумо аъҷубаи кару гунг мебудед, ки онро дар сирк намоиш додан мумкин аст. Агар тамоми ҷисм аз гӯш иборат мебуд, он бинӣ намедошт, ва шумо баромадани бӯи газро фаҳмида наметавонистед, ва шунидан ҳам наметавонистед, чунки дар ҳолати беҳушӣ мебудед.

Умедворам, акнун шумо фаҳмидед, ки Павлус ин ҷо оиди чӣ мегӯяд. Агар тамоми ҷисм танҳо аз забон иборат мебуд, он як махлуқи ҳайратоваре мебуд. Қӯринтиён бошанд атои бо забонҳо гап заданро он қадар аҳамиятнок меҳисобиданд, ки мушоракати худро ба ҳамин гуна ҷисме ки танҳо аз забон иборат аст, табдил доданд. Чунин ҷисм танҳо гап зада метавонист, аммо имкониятҳои он бо ҳамин маҳдуд мешуданд.

**12:18** Худо дар чунин нодонӣ ҳеҷ айбдор набуд. Ӯ бо ҳикмати комил, мувофиқи хости Худ ҷисме офарид, ки аз узвҳои гуногун иборат аст. Бояд эътироф намуд, ки Ӯ чӣ кор карданашро медонист. Мо бояд барои он атоҳое ки ӯ ба мо додааст, шукргузор бошем, ва онҳоро хурсандона барои шукӯҳи Ӯ ва нафъи наздикон

истифода барем. Ба атои каси дигар ҳасад бурдан гуноҳ аст. Ин нишонаи он аст, ки мо ба нақшаи комили Худо дар ҳаётамон мухолифат мекунем.

**12:19** Ҷисмеро тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки танҳо аз як узв иборат бошад. Бинобар ин қӯринтиён бояд дар ёд нигоҳ доранд, ки агар ҳамаашон як атои забонҳоро дошта бошанд, пас онҳо ҷисми амалкунанда надоранд. Дигар атоҳо – бигузор на он қадар ҷолиб ва на он қадар ғайриоддӣ – на камтар муҳиманд.

**12:20** Чуноне ки Худо муқаррар намудааст, узвҳо бисёранд, аммо як ҷисм ҳаст. Ҳангоме мо ба ҷисми одам менигарем, ин бароямон пурра равшан метобад. Айнан ҳамин тавр дар робита бо хизмати ҷамоат низ ин бояд равшан бошад.

ДАРСИ НӮҲУМ

# Дуруст истифода бурдани атоҳои Рӯҳ 12:21 – 13:13

**Нақшаи дарс:**

XI. Атоҳои Рӯҳ ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷамоат (б. 12 – 14) (давомаш).
- Ж. Ҷисми одамӣ чун намунаи ягонагӣ ва гуногунии амали Рӯҳ (12:12-31) (давомаш).
  - 4. Бемаъноии мавҷудияти рӯҳи мустақилият дар байни аъзоёни ҷисм (12:21-31).
    - а) Ҳамаи узвҳои ҷисм ба якдигар эҳтиёҷ доранд (12:21).
    - б) Узвҳое ки суст метобанд, аксаран даркортар ҳастанд (12:22).
    - в) Узвҳое ки на он қадар наҷиб метобанд, ба ғамхории бештар эҳтиёҷ доранд (12:23).

г) Худо узвҳои хушсурат ва бадсуратро муттаҳид намуда, ҷисмро ташаккул дод (12:24).
д) Ӯ инро барои он кард, ки байни узвҳо ҳамкорӣ ва ғамхории тарафайн бошад (12:25).
е) Агар як узв дард кунад, дигарон низ азоб мекашанд (12:26).
ж) Масеҳиён Ҷисми Масеҳро ташкил медиҳанд, ва ҳар яки онҳо узви ин ҷисм аст (12:27).
з) Худо ба ҷамоат атоҳои гуногун медиҳад (12:28).
и) Аммо чунин атое нест, ки ба ҳама дода шуда бошад (12:29-30).
к) Мо бояд чунин атоеро хоҳон бошем, ки фоиданоктарин аст (12:31).

3. Роҳи осонтарини зоҳир намудани ин атоҳо – муҳаббат аст (б.13).

1. Агар бовардорон атоҳоро бо муҳаббат, ба нафъи дигарон истифода набаранд, аз онҳо фоидае нест (13:1-3).

2. Сифатҳое ки ба шахсоне ки атоҳои худро бо муҳаббат истифода мебаранд, хос ҳастанд (13:4-7).

3. Ҳамешагӣ будани муҳаббат ва муваққатӣ будани атоҳо (13:8-12).

4. Муҳаббат аз бовар ва умед болотар аст (13:13).

Дар дарси гузашта мо оиди тасвири ягонагӣ ва гуногунии ҷисми одамӣ, ки Павлус овардааст, гуфта будем. Дар ин ҷо ин тасвир давом меёбад.

## ҲАР УЗВИ ҶИСМ МУҲИМ АСТ (12:21-27)

**12:21** Ба атои дигарон ҳасад бурдан оқилона нест ва низ оқилона нест, ки кас ба атои дигарон беэътиноӣ кунад ё фикр кунад, ки ба дигарон эҳтиёҷ надорад. Чашм наметавонад ба даст гӯяд: «Ту ба ман даркор нестӣ», – ва сар наметавонад ба пойҳо гӯяд: «Шумо ба ман даркор нестед». Чашм метавонад он чиро, ки кардан даркор аст, бинад, аммо худаш коре карда наметавонад. Он гоҳ он ба даст вобаста аст. Ҳамчунин сар низ дониста наметавонад, ки ба ҷои муайяне рафтан даркор аст, аммо танҳо пойҳо ба он ҷо рафта метавонанд, ва дар ин ҳолат сар ба пойҳо вобаста аст.

**12:22** Баъзе узвҳои ҷисм аз дигар узвҳо сусттар метобанд. Масалан, гурдаҳо ба монанди дастҳо боқувват нестанд. Аммо гурдаҳо барои фаъолияти ҳаётии организм бениҳоят даркоранд, дар

ҳоле ки дастҳо – не. Мо бе дастҳо, пойҳо ва ҳатто забон зиндагӣ карда метавонем, аммо бе дил, шуш, ҷигар ва майнаи сар зиста наметавонем. Ва дар айни замон ин узвҳои ҳаётан муҳимро ҳеҷ кас намебинад. Онҳо кори худро ноаён ба ҷо меоваранд.

**12:23** Баъзе узвҳо хушнамуд ҳастанд, дигар узвҳо – на он қадар. Мо ин масъаларо бо пӯшондани узвҳои бадсурат ҳал мекунем. Ҳамин тариқ, дар байни аъзоёни ҷисм ғамхории тарафайн пайдо мешавад ва фарқиятҳои онҳо ба ҳадди камтарин мерасанд.

**12:24** Ба он узвҳое ки хушнамудтар метобанд, ғамхории иловагӣ даркор нест. Худо узвҳои гуногунро ба як сохтори органикӣ муттаҳид намудааст. Баъзеи онҳо хушнамуд ҳастанд, дигар узвҳо – не. Аммо Худо ба мо қобилият додааст ҳамаи ин узвҳоро ҳис кунем, фаҳмем, ки ҳамаи онҳо ба ҳам вобастаанд, ва ин вобастагии тарафайн ҳамаи узвҳоро дар мувозинат меоварад.

**12:25** Вобастагии тарафайни аъзоёни ҷисм ҷудоиро дар ҷисм пешгирӣ мекунад. Як узв ба узви дигар чизи даркории онро медиҳад, ва дар иваз он ёриеро мегирад, ки танҳо ҳамон узв ба он дода метавонад. Дар ҷамоат низ бояд ҳамон гуна тартибот бошад. Ба ягон атои Рӯҳ аҳамияти беандоза додан танҳо боиси ҷудоиҳо ва ихтилофот мегардад.

**12:26** Дар ин ҷо мо оиди он мехонем, ки дард кардани як узв боиси азоби ҳамаи узвҳои дигар мегардад. Масалан, таб на ба кадом як узв, балки ба тамоми ҷисм таъсир мерасонад. Оиди дигар бемориҳо низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Бисёр вақт духтури чашм, масалан, аз рӯи ҳолати чашмон варами майна, бемории гурдаҳо ё ҷигарро муайян карда метавонад. Ин аз он сабаб имконпазир аст, ки агарчи аъзоёни гуногун аз ҳам дуранд, ҳамаашон қисмҳои як ҷисм ҳастанд ва бо ҳам чунон пайваст ҳастанд, ки осеб дидани як узв боиси осеб дидани узвҳои дигар мешавад. Ҳамин тавр мо низ, ба ҷои он ки аз тақдир шикоят кунем, ё баръакс, ба мустақилият кӯшиш намоем, бояд ҳисси ҳақиқии ягонагиро дар ҷисми Масеҳ дошта бошем. Чизе ки ба ягон бовардор дард меоварад, бояд моро хеле ғамгин кунад. Ва баръакс, агар мо бинем, ки бовардори дигарро беш аз мо эҳтиром мекунанд, мо набояд ҳасад барем – мо бояд ҳамроҳи ӯ шодӣ кунем.

**12:27** Павлус ба қӯринтиён ёдрас мекунад, ки онҳо Ҷисми Масеҳ ҳастанд. Дар ин ҷо ӯ намегӯяд, ки онҳо тамоми ҷисми Масеҳро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин ӯ намегӯяд, ки онҳо *яке аз* Ҷисмҳои Масеҳ ҳастанд, чунки танҳо як ҷисми Масеҳ ҳаст. Ӯ танҳо

оиди он мегӯяд, ки онҳо якҷоя як тимсоли хурди Исои Масеҳро ташкил медиҳанд.

Ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ узви ҷамъияти бузург аст. Ва ӯ бояд вазифаҳои худро бе ҳавобаландӣ, мустақилиятхоҳӣ, ҳасад ё ҳисси беқадрии худ ба ҷо оварад.

## БОЗ ЯК РӮЙХАТИ АТОҲО (12:28-31)

**12:28** Дар ин ҷо Павлус боз якчанд атоҳоро номбар мекунад. Ҳеҷ яке аз ин рӯйхатҳоро пурра ҳисобидан мумкин нест. «Ва Худо баъзеро дар Ҷамоат аввалан ҳаввориӣ... таъин кардааст...» Калимаи «баъзе» нишон медиҳад, ки на ҳама фириста ҳастанд. Дувоздаҳ нафари аввал касоне буданд, ки Сарвар фиристагони Худ гардонд. Онҳо ҳангоми хизматгузории заминии Ӯ ҳамроҳаш буданд (Аъмол 1:21-22) ва, ғайр аз Яҳудо, Ӯро баъди растохезаш дида буданд (Аъмол 1:2-3,22). Аммо ғайр аз ин дувоздаҳ шогирд дигар фиристагон низ буданд. Маъруфтарини онҳо Павлус аст. Ҳамчунин Барнаббо (Аъмол 14:14); Яъқуб, бародари Сарвар (Ғалотиён 1:19); Силвонус ва Тимотиюс (1Таслӯникиён 1:1; 2:7). Ҳамроҳи пайғамбарони Паймони Навин онҳо бо он чи оиди Сарвар Исои Масеҳ мегуфтанд, бунёди Ҷамоатро мегузоштанд (Эфсӯсиён 12:20). Имрӯз мо ба маънои таҳтуллафзӣ фиристагон надорем. Ба маънои умумитар мо ҳанӯз ҳам фиристагон ва таъсисгарони ҷамоатҳоро дорем, ки онҳоро Сарвар мефиристад. Мо онҳоро на фиристагон, балки миссионерон номида, аз имконияти ба онҳо нисбат додани қудрат ё имтиёзҳои фиристагони аввал барканор мешавем.

Сипас Павлус пайғамбаронро зикр мекунад. Мо аллакай зикр карда будем, ки фиристагон одамоне мебошанд, ки аз номи Худо гап мезананд; *пайғамбарон* Каломи Худоро пеш аз он ки дар шакли навишта дода шавад, ба одамон мерасонданд. *Муаллимон* касоне мебошанд, ки Каломи Худоро ба одамон бо забони содда ва фаҳмонда метавонанд. *Қувваҳои мӯъҷизакор* ба зинда кардани мурдагон, рондани девҳо ва ғайра дахл доранд. *Бахшоишҳои шифо додан*, чуноне ки пештар гуфта будем, муолиҷаи фаврии бемориҳои ҷисм аст. *Мадад расондан* ҳамеша бо меҳнати диаконҳо, ки корҳои моддии ҷамоат ба онҳо супорида мешуд, робита дошт. *Идора кардан* аз тарафи пирон ва усқуфон, яъне касоне ки оиди ҷамоати маҳаллӣ парҳезгорона ғамхорӣ мекарданд, амалӣ мегардид. Мо чунин меҳисобем, ки чунин тартиб маънои муайяне дорад. Павлус фиристаҳоро ба ҷои аввал мегузорад, атои ба забонҳо гап заданро

бошад – ба ҷои охир. Қӯринтиён бошанд атои забонҳоро дар ҷои аввал мегузоштанд, ва ба фириста беэҳтиромона муносибат мекарданд.

**12:29-30** Сипас Павлус мепурсад, ки оё ҳамаи бовардорон ҳамон як атоҳоро доранд. Оё ҳама фириста, пайғамбар, муаллим ҳастанд, оё ба ҳама қувваҳои мӯъҷизакор, атоҳои шифо додан, мадад расондан идора кардан, забонҳо, тафсири забонҳо ато шудааст? Ӯ ба саволи худ танҳо як ҷавобро интизор аст: «Не». Ва аз ин рӯ ҳар гуна ақида оиди он ки ҳама бояд атои забонҳоро дошта бошанд, ба Каломи Худо ва ғояи ҷисм ҳамчун организми дорои узвҳои гуногун мухолифат дорад.

Агар, чуноне ки аллакай гуфтем, на ҳама атои забонҳоро дошта бошанд, он гоҳ фикр оиди нишонаи ғӯта аз Рӯҳ будани забонҳо нодуруст аст. Агар чунин мебуд, пас на ҳамаи бовардорон аз Рӯҳ ғӯта гирифтаанд. Аммо ҳақиқат таълим медиҳад, ки ҳамаи бовардорон аллакай аз Рӯҳ ғӯта гирифтаанд (12:13).

**21:31** Ҳангоме ки Павлус «иштиёқманди атоҳои бузургтар бошед» мегӯяд, ӯ на ба шахсони алоҳида, балки ба ҷамоати маҳаллии Қӯринт муроҷиат мекунад. Ӯ мегӯяд, ки онҳо чун ҷамоат бояд хоҳони атоҳои бузургтар бошанд. Атоҳои бузургтар атоҳое мебошанд, ки нисбат ба атоҳои ҷолиби диққат фоидаи бештар меоваранд. Ҳамаи атоҳо аз Рӯҳи Пок мебошанд, ва ҳеҷ яки онҳоро кам ҳисобидан лозим нест. Дар айни замон мо медонем, ки баъзе атоҳои Рӯҳ ба Ҷисми Масеҳ фоидаи бештар меоваранд. Мо бояд аз Сарвар маҳз оиди ҳамин атоҳо дархост намоем.

«...Ва ман ба шумо роҳи боз ҳам хубтарро нишон медиҳам». Ин суханон муқаддимаи хубе барои боб оиди муҳаббат (б. 13) мебошанд. Дар ин боб Павлус мегӯяд, ки агар атоҳо бо муҳаббат амалӣ карда нашаванд, онҳо худ аз худ на он қадар муҳиманд. Муҳаббат на оиди худ, балки оиди дигарон фикр мекунад. Хуб аст, ки кас ягон атои Рӯҳи Покро дошта бошад, аммо боз ҳам беҳтар мебуд, агар ин шахс атои худро на барои ҷалб намудани диққати атрофиён, балки барои дар бовар обод намудани дигарон истифода барад.

## АТОҲОИ РӮҲ БОЯД ДАР МУҲАББАТ ЗОҲИР ШАВАНД (13:1-13)

Одамон ин бобро аз алоқамандии матн барканданӣ мешаванд. Онҳо онро боби иловагӣ мепиндоранд, ки вазифааш паст кардани

шиддатнокии бобҳои 12 ва 14 оиди забонҳост. Аммо ин ақидаи нодуруст аст. Ин боб хеле муҳим ва қисми ҷудонашавандаи далелҳои Павлус аст.

Аз афташ, нодуруст фаҳмидани атои забонҳо боиси ихтилофот дар ҷамоат шуд. Атоҳои худро барои худнамоӣ истифода бурда, «харизматҳо» аз рӯи муҳаббат амал намекарданд. Онҳо аз он ҳаловат мебурданд, ки дар назди ҳама ба забони номаълуме ки ҳеҷ гоҳ наомӯхта буданд, гап мезаданд, аммо барои дигарон хеле душвор буд, ки як чизи барояшон тамоман нофаҳморо гӯш кунанд. Павлус мегӯяд, ки ҳамаи атоҳоро дар рӯҳи муҳаббат истифода бурдан даркор аст. Мақсади муҳаббат на роҳати худ, балки ёрӣ додан ба дигарон аст.

Мухолифони «харизматҳо» бошанд дар бемуҳаббатӣ кӯшиши зиёд мекарданд. Онҳо дар муҳокимарониҳои худ аз ҳақиқат дур шуда, мегуфтанд, ки ҳамаи ин забонҳо аз шайтон мебошанд. Аммо дар ин маврид забони юнонии онҳо аз ин забонҳои «харизматӣ» бадтар буд. Бемуҳаббатии онҳо аз фаҳмиши нодурусти атои забонҳо бадтар буд.

Ва Павлус дар ин ҷо ба ҳар ду ҷониб ёдрас мекунад, ки бояд ҳисси муҳаббат дошта бошанд. Агар онҳо ба якдигар бо муҳаббат рафтор намоянд, масъала ҳал мешавад. Ин масъала аз ҷамоат рондан ё ҷудошавиро наметалабад; ин масъала муҳаббатро металабад.

**1. Зарурати муҳаббат (13:1-3)**

**13:1** Агар шахс ба ҳамаи забонҳои одамон ва фариштаҳо гап зада тавонад, аммо оиди манфиати атрофиён андеша накунад, фоидаи ин забонҳо аз садои металлҳои ба ҳам бармехӯрда бештар нест. Агар сухани гуфташударо ҳеҷ кас нафаҳмад, аз он низ фоидае нест. Он ба тақар-туқури асабикунанда монанд аст, ки ба манфиати омма саҳме намегузорад. Барои он ки атои забонҳо фоида оварад, ин забонҳоро тафсир кардан, тарҷума намудан даркор аст, дар айни ҳол он бояд пандомез ва ободкунанда бошад.

**13:2** Ҳамин тавр ҳар як бовардор метавонад аз Худо ваҳйи ҳайратовар гирад. Ӯ метавонад асрори бузурги Худоро, ҳақиқатҳои ҳайратоварero, ки то ҳол ошкор нашуда буданд ва акнун ба ӯ маълум гардидаанд, фаҳмад. Имкон дорад, ки ӯ дониши бисёр ҳақиқатҳои илоҳиро ба даст оварад, ки бо роҳи фавқуттабиӣ дода шудааст. Имкон дорад, ки ӯ бовари қавӣ дошта бошад, ки ҳатто

кӯҳҳоро аз ҷой ҷунбонда тавонад. Аммо агар ӯ ин атоҳоро на ба манфиати дигар узвҳои Ҷисми Масеҳ, балки танҳо ба манфиати худ истифода барад, ин атоҳо ҳеҷ манфиат нахоҳанд дошт, ва худи ӯ низ фоиданок нест.

**13:3** Агар фириста ҳамаи дороии худро барои сер кардани бенавоён диҳад, ё ҳатто ҷисми худро ба сӯхтан диҳад, аммо ин корҳоро бо ҳисси муҳаббат накунад, амалҳои ӯ фоидае нахоҳанд дошт. Агар ӯ диққатро ба худ ҷалб карданӣ ё номи худро шӯҳратманд карданӣ бошад, ин амалҳои ӯ арзише надоранд.

**2. Табиати муҳаббат (13;4-7)**

**13:4** Касе гуфтааст: «Ин суханон на барои навиштани рисола оиди муҳаббат, балки, чун бисёрии дурдонаҳои дигари Паймони Навин, дар робита бо ягон вазъияти муайян гуфта шудаанд». Ч. Ҳоҷ зикр кардааст, ки қӯринтиён бесабр, норизо, ҳасуд, ҳавобаланд, худпараст, шубҳакунанда, бадкина ва хурдагир буданд.

Ва акнун фириста Павлус ба ин сифатҳо ҳамаи он чиро ки ба муҳаббати ҳақиқӣ хос аст, муқобил мегузорад. *Пурсабрӣ* қобилияти новобаста ба вазъиятҳои душвор бардошт кардан аст. *Раҳмдилӣ* некии фаъолона аст, яъне шахс пеш аз ҳама оиди манфиатҳои наздикон фикр мекунад. *Муҳаббат* ба дигарон ҳасад намебарад; ҳангоме дигарон хуш бошанд, он шод мешавад. Муҳаббат худситоӣ намекунад. Муҳаббат мефаҳмад, ки ҳамаи он чи ӯ дорад, атои Худост, ва ҳамаи он чи аз одам аст, сазовори фахр нест. Ҳатто атоҳои Рӯҳи Покро Худо ба одам додааст ва онҳо набояд ӯро мағрур гардонанд.

**13:5** Муҳаббат рафтори носазовор намекунад. Ин маънои онро дорад, ки агар одам ҳақиқатан бо муҳаббат амал кунад, ҳамеша хушодоб ва эҳтиромкунанда аст. Муҳаббат фоидаи худро намеҷӯяд, балки оиди ёрӣ додан ба дигарон фикр мекунад. Муҳаббат дар ҷавоби бадӣ бадӣ намекунад, балки ба беэҳтиромӣ ва таҳқирҳо тоқат мекунад. Муҳаббат оиди бадӣ фикр намекунад, яъне дар рафтори он бо дигарон бадӣ нест. Муҳаббат шубҳакунанда нест. Муҳаббат ҳилагарӣ надорад.

**13:6** Муҳаббат на аз норостӣ, балки аз ҳақиқат шод мешавад. Дар табиати инсон чунин сифати нохубе ҳаст, ки шахс аз норостӣ хурсанд мешавад, хусусан ҳангоме ки норостӣ гӯё манфиате меоварад. Ин тамоман рӯҳи муҳаббат нест. Ҳар боре ки ҳақиқат ғолиб мегардад, муҳаббат шод мешавад.

**13:7** «Ҳама чизро рӯпӯш мекунад» маънои онро дошта метавонад, ки муҳаббат ба ҳама чиз пурсаброна тоқат мекунад ё айби дигаронро рӯпӯш мекунад. Муҳаббат хатоҳои дигаронро бефикрона ҷазо намедиҳад, ҳарчанд, агар зарур шавад, дар интизомнокии ҷамоат устуворӣ нишон додан даркор аст.

«Ба ҳама чиз боварӣ дорад», яъне кӯшиш мекунад ба амалҳо ва ҳодисаҳо назари нек дошта бошад. «Ба ҳама чиз умед мебандад» маънои онро дорад, ки он самимона мехоҳад ҳама чиз ба таври беҳтарин ҳал шавад. «Ба ҳама чиз тоб меоварад» ба ҳамаи он чи бо таъқибот ва бемориҳо вобаста аст, муносибат дорад.

**3. Доимӣ будани муҳаббат (13:8-12)**

**13:8** Оиди сифатҳои шахсоне ки атои худро бо муҳаббат истифода мебаранд, сухан ронда, фириста Павлус акнун оиди доимӣ будани муҳаббат гап мезанад. Муҳаббат бар хилофи атоҳо, ки муваққатӣ ҳастанд, доимист. Муҳаббат ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад. Муҳаббат ҷовидон аст, яъне мо ҳамеша Сарварро ва якдигарро дӯст медорем. Атоҳо бошанд танҳо муддати муайян давом мекунанд. «...Гарчанде ки нубувватҳо хотима хоҳад ёфт, забонҳо хомӯш хоҳад шуд ва дониш ботил хоҳад гашт».

Ин ҷо бозистода фаҳмондан даркор аст, ки ду тафсири принсипиалии оятҳои 8 то13 ҳаст. Нуқтаи назари анъанавӣ аз он иборат аст, ки ҳангоме бовардорон ба абадият мегузаранд, атоҳои пайғамбарӣ, забонҳо ва донишҳо барҳам мехӯранд. Дигар нуқтаи назар аз он иборат аст, ки ин атоҳо аллакай ба охир расидаанд – ин он вақт рӯй дод, ки қонунигардонии ҳамаи китобҳои Навишта анҷом ёфт. Барои пешкаш намудани ин ду нуқтаи назар мо тафсири оятҳои 8–12-ро зери сарлавҳаҳои АБАДИЯТ ва ҚОНУНИГАРДОНӢ ҷойгир мекунем. Аввал ояти 8-ро дида мебароем.

| ҶОВИДОНӢ | ҚОНУНИГАРДОНӢ |
|---|---|
| **13:8** Муҳаббат ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад. Пайғамбариҳои ҳозира бошанд ҳангоми ба хонаи худ ба осмонҳо баргаштани халқи Худо ба охир мерасанд. Ҳоло забонҳо вуҷуд доранд, аммо ҳангоме ки ба ҷои вақт ҷовидонӣ фаро мерасад, онҳо хомӯш мешаванд. Ҳозир атои дониш ҳаст, | Муҳаббат ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад. Ва агарчи ҳозир (ҳангоме ки Павлус ин номаро менавишт) пайғамбариҳо ҳастанд, ҳангоме ки китоби охирини Паймони Навин анҷом меёбад, онҳо ба охир мерасанд. Забонҳо дар замони Павлус вуҷуд доштанд, аммо ҳангоме ки ҳамаи шасту шаш китоби |

| | |
|---|---|
| аммо ҳангоме ки мо ба шукӯҳмандӣ мерасем, он ба охир мерасад. (Ҳангоме Павлус «дониш ботил хоҳад гашт» мегӯяд, ӯ дар назар надорад, ки дар осмонҳо ҳеҷ донише нахоҳад буд. Ӯ оиди атои дониш мегӯяд, ки одамон бо ёрии он бо роҳи фавқуттабиӣ ҳақиқатҳои илоҳиро мефаҳманд.) | Навишта анҷом меёбанд, онҳо хомӯш хоҳанд шуд, чунки баъд аз ин мавъизаҳои фиристаҳо ва пайғамбаронро тасдиқ кардан даркор намешавад (Ибриён 2:3-4). Дониши ҳақиқатҳои илоҳиро Худо ба фиристаҳо ва пайғамбарон дод, аммо ҳангоме ки таълимоти масеҳӣ ба ҳамаи одамон дастрас мегардад, он ҳам ба охир мерасад. |
| **13:9** Дар ин зиндагӣ мо танҳо қисман дониш дорем, ва низ қисман пайғамбарӣ мекунем. Мо бисёр чизҳоро дар Китоби Муқаддас намефаҳмем, ва низ бисёр асрорро дар пешбинии Худо намефаҳмем. | Мо, яъне фиристаҳо, қисман медонем (ба он маъно, ки чун пештара донишро аз Худо ба воситаи ваҳйи бевоситаи илоҳӣ мегирем) ва қисман пайғамбарӣ мекунем (чунки танҳо он чизро гуфта метавонем, ки ҳозир ба мо ошкор карда шудааст) |
| **13:10** Аммо ҳангоме ки камол меояд, яъне ҳангоме ки мо дар ҷаҳони ҷовидон ба камолот мерасем, атоҳои дониши ҷузъӣ ва пайғамбарии ҷузъӣ ба охир мерасанд. | Аммо ҳангоме ки камол меояд, яъне ҳангоме ки қонунигардонии ҳамаи китобҳои Навишта ба охир мерасад, қисман ошкор шудани ҳақиқатҳои илоҳӣ хотима меёбад ва ва пайғамбарон ҳақиқатро қисман нахоҳанд гуфт. Ба ошкоркунии ҷузъӣ эҳтиёҷ нахоҳад монд, зеро дар замин Каломи пурраи Худо хоҳад буд. |
| **13:11** Ин зиндагиро бо кӯдакӣ монанд кардан мумкин аст, ки он вақт нутқ, фаҳмиш ва фикрҳоямон маҳдуд ва нокомил буданд. Дар осмонҳо ҳолати моро бо сатҳи одами баркамол монанд кардан мумкин аст. Ва ҳолати кӯдаконаи мо дар гузашта хоҳад монд. | Атоҳои аломатҳо бо ҳолати кӯдакии ҷамоат муқоисашаванда аст. Ин атоҳо кӯдакона набуданд; онҳо атоҳои зарурии Рӯҳи Пок буданд. Аммо ҳамин ки ваҳйи (ошкоршавии) пурраи Худо ба ҳамаи одамон ба воситаи Китоби Муқаддас дастрас мегардад, атоҳо нодаркор мешаванд. Калимаи «*кӯдак*» дар ин ҷо ҳолатеро ифода мекунад, ки одам ҳанӯз гап зада наметавонад. |
| **13:12** То даме ки мо дар замин зиндагӣ мекунем, ҳама чизро тира ва ноаниқ мебинем, чуноне ки аз паси шишаи тира ё кач медида бошем. Дар осмонҳо, баръакс, ҳамаи мо чунон мебинем, ки гӯё рӯ ба рӯ медида бошем, яъне ҳеҷ чиз халал | Ҳозир (дар замони зиндагии Павлус) мо ҳама чизро гӯё аз паси шишаи тира мебинем. Ҳеҷ кадоми мо (фиристагон) аз Худо ваҳйи (ошкоршавии) пурра нагирифтааст. Он ба мо қисман, чун қисмҳои алоҳидаи ягон муаммо дода шудааст. |

| | |
|---|---|
| намерасонад, ки ҳама чизро бинем. Ҳозир мо қисман медонем, аммо баъд чунон хоҳем донист, ки моро медонанд, яъне пурратар. Мо ҳеҷ гоҳ дониши пурра нахоҳем дошт, ҳатто дар осмонҳо. Танҳо Худо ҳамадон аст. Аммо дониши мо дар осмонҳо аз ҳозира хеле бештар хоҳад буд. | Ҳангоме қонунигардонии китобҳои Навишта анҷом меёбад, ҳамаи он чи ба дидани мо халал мерасонад, барҳам мехӯрад, ва мо ҳама чизро пурра хоҳем дид. Дониши мо, чун фиристагон ва пайғамбарон, ҷузъӣ аст. Аммо ҳангоме китоби охирини Паймони Навин қонунӣ гардонда мешавад, пуррагии донишҳои мо чунон хоҳад буд, ки пеш ҳеҷ гоҳ чунин набуд. |

**4. Афзалияти муҳаббат (13-13)**

**13:13** Чуноне ки Келлӣ мегӯяд, бовар, умед ва муҳаббат «принсипҳои асосии масеҳият» мебошанд. Онҳо аз атоҳои Рӯҳ болотар ва пояндатар мебошанд. Дигар хел карда гӯем, *самари* Рӯҳ аз *бахшоишҳои* Рӯҳ муҳимтар аст.

Аз ин се сифат муҳаббат дар ҷои аввал меистад, чунки ба дигарон фоидаи бештар меоварад. Он на ба худ, балки ба дигарон нигаронида шудааст.

Пеш аз анҷом бахшидани ин боб якчанд мулоҳизаҳоро гуфтан даркор аст: аввалан, чуноне ки аллакай гуфтем, тафсири маъмул аз он иборат аст, ки дар оятҳои 8–12 тазоди байни ҳаёти заминӣ ва ҳаёт дар абадият баён гардидааст.

Аммо бисёр бовардорон бар он ақида мебошанд, ки ин ҷо сухан дар бораи ҚОНУНИГАРДОНӢ меравад, ва чунин меҳисобанд, ки мақсади атоҳо то дами ба ҳама дар шакли навишта дастрас гардидани Каломи Худо тасдиқ намудани мавъизаи фиристаҳо аст. Ва агарчи ин нуқтаи назар сазовори баррасии ҷиддӣ аст, ҳаққонияти онро пурра исбот намудан душвор аст. Ҳатто агар бовар кунем, ки атоҳои Рӯҳ баъди анҷомёбии давраи фиристаҳо аз байн рафтанд, бо боварии пурра гуфта наметавонем, ки ҳозир Худо ба воситаи ин атоҳо амал карда наметавонад.

Аммо новобаста ба нуқтаҳои назари гуногун, маънои асосии ин дарс он аст, ки агар атоҳои Рӯҳ ҷузъӣ ва муваққатӣ бошанд, самари Рӯҳ ҷовидон ва комил аст. Агар мо муҳаббат зоҳир намоем, аз истифодаи нодурусти атоҳо, ва дар натиҷа, аз ихтилофот ва ҷудоиҳо barканор буда метавонем.

ДАРСИ ДАҲУМ

# Пайғамбарӣ ва забонҳо 14:1-40

**Нақшаи дарс:**

XI. Атоҳои Рӯҳ ва тарзи истифодаи онҳо дар Ҷамоат (б. 12–14). (Давомаш.)

И. Дастурҳо оиди тарзи истифодаи атоҳо дар Ҷамоат (14:1–40)

1. Атои пайғамбарӣ аз атои забонҳо афзалтар аст, чунки он барои шунавандагон фоиданок аст (14:1-5).
2. Барои он ки Ҷамоат фоида бинад, суханҳо бояд фаҳмо бошанд (14:6-11).
   а) Павлус худро намуна меоварад (114:6).
   б) Худи ҳамон принсип барои асбобҳои мусиқӣ низ қобили истифода аст (14:7-8).
   в) Ҳар як овоз ва забон маънои худро дорад (14:9-11).
3. Атоҳои Рӯҳ барои обод кардани ҷамоат мебошанд (14:12).
4. Забонҳо танҳо ҳамон вақт ба ин мақсад хизмат мекунад (14:13).
5. Дигарон танҳо ҳамон вақте ки оиди чӣ будани суханро фаҳманд, метавонанд ба дуо ва шукргузорӣ ҳамроҳ шаванд (14:14-17).
6. Беҳтараш чунон сухан гӯӣ, ки туро фаҳманд, назар ба ин ки забонҳои хориҷиро хеле хуб донӣ, аммо касе туро нафаҳмад (14:18-19).
7. Мо набояд дар рафторҳои худ ба кӯдакон монанд шавем, балки дар баҳо додани атои забонҳо болиғ бошем (14:20).

8. Забонҳо аломат барои нобоварон аст, пайғамбарӣ бошад – аломат барои бовардорон (14:21-22).
9. Забонҳо бе тафсир нобоваронро бовар намекунонанд, пайғамбариҳо бошанд бовар мекунонанд (14:23-25).
10. Дастурҳо нисбати истифодаи забонҳо (14:26-28).
   а) он чи мегӯед, бояд обод кунад (14:26).
   б) дар як ҷамъомад на зиёда аз се кас бояд гап зананд, ва онҳо бояд на ҳама якҷоя, балки бо навбат гап зананд (14:27).
   в) Ҳамроҳи онҳо бояд тафсиркунандае бошад (14:28).
11. Насиҳатҳо нисбати атои пайғамбарӣ (14:29-33).
   а) Дар як ҷамъомад танҳо ду ё се пайғамбар гап зада метавонанд (13:29).
   б) Шунавандагон бояд гуфтаҳоро муҳокима кунанд (14:29).
   в) Агар пайғамбаре ҳамин лаҳза ваҳйе гирифта бошад, баромадкунанда бояд ба ӯ имконияти гап заданро диҳад (14:30).
   г) Пайғамбарон бояд бо навбат гап зананд, то ки таълим диҳанд ва тасалло бахшанд (14:31).
   д) Пайғамбарон бояд бар атоҳои худ ҳукмфармо бошанд (14:32-33)
12. Дастурҳо барои занон (14:34-36).
   а) Занон дар ҷамъомад бояд хомӯш бошанд (14:33-34).
   б) Онҳо ҳатто набояд савол диҳанд (14:35).
   в) Ба эътирозҳо оиди ин масъала Павлус бо киноя ҷавоб медиҳад (14:36).
13. Ин дастурҳо аз Сарвар мебошанд (14:37-38).
14. Пайғамбариҳоро афзал донистан даркор аст (14:39).
15. Аммо забонҳоро манъ кардан даркор нест (14:39).
16. Ҳама чиз бояд бояд сазовор ва бо тартиб карда шавад (14:40).

## АТОИ ПАЙҒАМБАРӢ АЗ АТОИ ЗАБОНҲО АФЗАЛТАР АСТ (14:1-5)

**14:1** Дар ин ҷо робита бо боби гузашта аён аст. Масеҳиён бояд муҳаббатро дар ёд дошта бошанд, чунки онҳо ҳамеша бояд ба дигарон хизмат кунанд.

Онҳо ҳамчунин бояд самимона хоҳони атоҳои рӯҳонӣ барои ҷамоати худ бошанд. Дар ҳоле ки Рӯҳи Пок ин атоҳоро ҳақиқатан бо ихтиёри Худ тақсим мекунад, онро низ бояд дар ёд дошт, ки мо оиди он атоҳое хоҳиш карда метавонем, ки барои ҷамоат арзиши бештар доранд.

Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки атои пайғамбарӣ писандидатар аст. Сипас ӯ мефаҳмонад, ки чаро пайғамбарӣ, масалан, аз атои забонҳо афзалтар аст.

**14:2** Касе ки ба забони ношинос гап мезанад ва онро тарҷума намекунад, ба ҷамъомад фоида намеоварад. Худо суханони ӯро мефаҳмад, аммо одамон намефаҳманд, чунки ин забон барояшон ношинос аст. Шояд шахс оиди ҳақиқатҳои бузурги ба дигарон номаълум мегӯяд, аммо аз ин суханон фоидае нест, чунки онҳо нофаҳмоянд. (Дар матни юнонӣ калимаи «ношинос» нест.)

**14:3** Аз тарафи дигар, касе ки пайғамбарӣ мекунад, ҳақиқатҳои Худоро ба одамон мерасонад, онҳоро тасалло медиҳад ва насиҳат менамояд. Охир ӯ ба забоне гап мезанад, ки барои ҳозирон фаҳмост, ва фарқ маҳз дар ҳамин аст.

Ояти 4-ро одатан барои сафед кардани истифодаи хусусии атои забонҳо ба кор мебаранд. Аммо нӯҳ бор дар ин боб вохӯрдани калимаи «калисо (ҷамоат)» (14:4, 8, 12, 19, 23, 28, 33, 34, 35) далели он аст, ки Павлус ин ҷо на оиди ҳаёти дуоии шахс, балки оиди дар ҷамоати маҳаллӣ истифода бурдани атои забонҳо мегӯяд.

Чуноне ки аз матн бармеояд, фириста на танҳо намегӯяд, ки мо бояд атои забонҳоро барои худомӯзӣ истифода барем, балки он тарзи истифодаи атоҳои рӯҳониро, ки ба одамон ёрӣ намерасонад, маҳкум мекунад, Муҳаббат на оиди худ, балки оиди дигарон фикр мекунад. Агар атои забонҳо бо муҳаббат истифода шавад, он на танҳо ба касе ки ин ин аторо дорад, балки барои дигарон низ фоиданок хоҳад буд.

**14:4** Касе ки пайғамбарӣ мекунад, ҷамоатро обод мекунад. Ӯ атои худро ба намоиш намебарорад, балки ба таври созанда, ба забони барои ҳама фаҳмо гап мезанад.

**14:5** Павлус атои забонҳоро беаҳамият намеҳисобад; ӯ мефаҳмад, ки ин ато аз Рӯҳи Пок аст. Ӯ он чиро, ки аз Рӯҳ аст, беаҳамият ҳисобида наметавонад. Ҳангоме ӯ «мехоҳам, ки ҳамаатон бо забонҳо сухан ронед» мегӯяд, ӯ ҳама гуна хоҳишҳои худпарастонаи бо худ ва бо баъзеи дигар маҳдуд намудани ин аторо рад мекунад. Хоҳиши ӯ бо он чи Мусо гуфтааст, шабоҳат дорад:

«Кошки тамоми қавми Сарвар анбиё мебуданд, ва Сарвар Рӯҳи Худро бар онҳо равона мекард!» (Ададҳо 11:29). Аммо инро гуфта, Павлус медонист, ки Худо ҳамон як атоoро доштани ҳамаи бовардоронро намехоҳад (нигаред 12:29-30).

Ӯ пайғамбарӣ кардани қӯринтиёнро афзалтар меҳисобад, зеро дар ин маврид онҳо якдигарро обод мекунанд, лекин агар ба забонҳо гап зада, гуфтаҳояшонро тафсир накунанд, шунавандагон онҳоро намефаҳманд ва аз ин ҳеҷ фоида нахоҳад буд. Павлус обод карданро аз намоишкорӣ беҳтар меҳисобад. «Он чи ҳайрон мекунад, нисбат ба он чи обод мекунад, барои рушди рӯҳонӣ аҳамияти камтар дорад».

Ҷумлаи «магар ки *вай* маънидод кунад» метавонад чунин маъно дошта бошад: «Магар ки *худаш* маънидод кунад» ё «Магар ки *каси дигар* маънидод кунад». Дар тарҷумаи ҳозиразамон чунин гуфта шудааст: «Магар ки *касе* маънидод кунад».

## СУХАН БОЯД ФАҲМО БОШАД (14:6-12)

**14:6** Ҳатто агар Павлус худаш ба Қӯринт омада, ба забонҳо гап мезад, аз ин ба ҳеҷ кас фоидае намебуд, чунки гуфтаҳои ӯро ҳеҷ кас намефаҳмид. Ба шунавандагон лозим меомад аниқ кунанд, ки ӯ ба онҳо чӣ мегӯяд: ваҳй, дониш, пайғамбарӣ ё насиҳат. Тафсиркунандагон чунин меҳисобанд, ки ваҳй ва дониш бо фаҳмиши дохилӣ вобаста аст, пайғамбарӣ ва насиҳат бошад ба расондани ин фаҳмиш вобаста аст. Фикри Павлус дар ин оят чунин аст: барои он ки ҷамоат фоида бинад, мазмуни сухан бояд фаҳмо бошад. Дар оятҳои баъдина ӯ ҳаққонияти ин фикрро исбот мекунад.

**14:7** Дар худи аввал Петрус асбобҳои мусиқиро намуна меоварад. Агар най ё чанг садоҳои гуногун набароранд, кӣ мефаҳмад, ки кадоми онҳо чӣ садо мебарорад. Худи мусиқии хуб садоҳои гуногун, вазни аниқ ва ҳамоҳангии навохтанро дар назар дорад.

**14:8** Худи ҳаминро оиди карнай низ гуфтан мумкин аст. Садои карнай барои сарбозон бояд аниқ ва равшан бошад, вагарна ҳеҷ кас ба муҳориба тайёр намешавад. Агар карнайнавоз фақат як садои якхеларо навозад, сарбозон ба ҳаракат намеоянд.

**14:9** Ин ба забони инсон низ дахл дорад. Агар он чи мо мегӯем, ба ҳеҷ кас фаҳмо набошад, ҳеҷ кас суханони моро намефаҳмад. Он чун ба ҳаво сухан гуфтан бефоида хоҳад буд. (Дар ояти 9 калимаи «забон» на забони хориҷӣ, балки забони инсонро ба

маънои васеъ дар назар дорад.) Ҳамаи гуфтаҳоро дар амал татбиқ намудан даркор аст, яъне: «хизматгузорӣ ва устодӣ бояд содда ва фаҳмо бошанд». Агар он чи мегӯем, ҳақиқатҳои хеле чуқур ва мураккаби ба одамон нофаҳморо дар бар гирад, аз онҳо ҳеҷ фоида нест. Шояд шунавандагон оиди баромадкунанда ақидаи хуб пайдо мекунанд, аммо ба халқи Худо аз ин фоидае нахоҳад буд.

**14:10** Дар ояти 10 Павлус боз як фикри худро бо мисол мефаҳмонад. Ӯ оиди бисёр калимаҳое мегӯяд, ки дар ҷаҳон ҳастанд. Ин ҷо на оиди забонҳо, балки оиди «калимаҳо» ва садоҳои гуногуни ҳар хел ҳайвонот гуфта мешавад. Масалан, мо медонем, ки паррандагон садоҳое мебароранд, ки ибтидои давраи ҷуфтшавӣ, саршавии парвоз ба кишварҳои дигар ва ғайраро ифода мекунанд. Ғайр аз ин, паррандаҳо бо садоҳои муайян оиди хатари наздикшаванда мегӯянд. Павлус дар ин оят мегӯяд, ки ҳар як калима ва ҳар як садо маънои муайян дорад. Калимаҳо ва садоҳои бемаъно нестанд. Ҳар кадоми онҳо дар худ маълумотеро доранд.

**14:11** Нисбати овозҳои инсон низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Агар одам бо садоҳои аниқу равшан сухан нагӯяд, ҳеҷ кас ӯро фаҳмида наметавонад. Ҳама танҳо садоҳои нофаҳмои ӯро мешунаванд. Агар боре бо шахсе сӯҳбат кунед, ки забони шуморо намефаҳмад, дигар бо ӯ сӯҳбат кардан намехоҳед.

**14:12** Аз ин бармеояд, ки қӯринтиён бояд атоҳои рӯҳонӣ хостани худро бо хоҳиши ба ҷамоат насиҳат додан ҳамсоз гардонанд. «Агар афзалият доштан хоҳӣ, насиҳат додани ҷамоатро мақсади худ гардон» (Моффатт). Ба он диққат диҳед, ки Павлус ба атоҳои рӯҳонӣ доштани бовардорон мухолифат намекунад, балки онҳоро ба он роҳнамоӣ мекунад, ки бо ёрии атоҳои худ ба мақсадҳои олитарин расиданро мақсади худ донанд.

## ЗАБОНҲОРО ТАФСИР КАРДАН ДАРКОР АСТ (14:13-25)

**14:13** Агар одам ба ягон забон гап занад, ӯ бояд дуо кунад, ки онро тафсир карда тавонад. Ё ӯ бояд дуо кунад, ки *ягон каси дигар* гуфтаҳои ӯро тафсир кунад. Гоҳо одаме ки атои забонҳоро дорад, атои тафсири забонҳоро низ дорад, аммо ин на қоида, балки истисно аст. Бо ҷисми одам ҳаммонанд кардан онро дар назар дорад, ки узвҳои гуногун вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Бинобар ин, агарчи тарҷумаи «*бигузор дуо кунад, ки ягон каси дигар* гуфтаҳои ӯро тафсир кунад» барои сохти ин ҷумла маъмулӣ наметобад, он барои матни додашуда бештар бамаврид аст.

**14:14** Агар марде, масалан, дар ҷамъомад ба ягон забон дуо гӯяд, рӯҳи ӯ дуо мегӯяд, яъне ҳиссиёти ӯ ифодаҳоеро меёбад, ки дар забони маъмулӣ вонамехӯранд. Аммо фаҳмиши ӯ ба он маъно бесамар мемонад, ки ба ҳеҷ кадоми атрофиён фоида намеоварад. Ҷамъомадагон намедонанд, ки ӯ оиди чӣ мегӯяд. Ҳангоме ки мо ояти 14:19-ро тафсир мекунем, «ақли (фаҳмидани) худ»-ро вомехӯрем, аммо дар тарҷумаи аниқтар он чунин маъно дорад: «маро фаҳмидани дигарон».

**14:15** Акнун чӣ хулосае баровардан даркор аст? Хулоса оддӣ аст: Павлус на танҳо бо рӯҳ дуо мекунад, ӯ дар айни ҳол чунон дуо мекунад, ки фиристаро фаҳмидан мумкин аст. «Бо ақл низ дуо хоҳам гуфт» маҳз ҳаминро ифода мекунад. Ин маънои онро надорад, ки мувофиқи фаҳмиши худ дуо кардан даркор аст, – аниқтараш, ин маънои онро дорад, ки мо бояд чунон дуо кунем, ки ба фаҳмидани дигарон ёрӣ расонем. Айнан ҳамин тавр Павлус мегӯяд, ки бо рӯҳ чунон месарояд, ки ҳама чиз ба дигарон фаҳмо бошад.

**14:16** Ояти 16 барои фаҳмидани маънои тамоми порча ёрӣ мерасонад. Агар Павлус бо рӯҳаш шукргузорӣ кунад, аммо дигарон ҳеҷ чиз нафаҳманд, он гоҳ онҳо дар охири дуо чӣ гуна «омин» мегӯянд?

«Бехабаре ки дар он ҷо истода бошад» шахсеро дар назар дорад, ки дар ҷамъомад истодааст, аммо забони шахси баромадкунандаро намедонад. Ин оят дар айни ҳол ба он ишора мекунад, ки калимаи «омин»-ро дар ҷамъомад оқилона истифода бурдан даркор аст.

**14:17** Ба забони хориҷӣ гап зада, ҳақиқатан Худоро шукргузорӣ кардан мумкин аст, аммо агар дар айни ҳол дигарон мазмуни гуфтаҳоро надонанд, ин дуо барояшон маъное надорад.

**14:18** Аз афти кор, фириста Павлус дар донистани забонҳои хориҷӣ аз ҳамаи қӯринтиён истеъдоди зиёдтар дошт. Мо медонем, ки Павлус якчанд забонро омӯха буд, аммо ин ҷо сухан маҳз дар бораи атои забонҳо меравад.

**14:19** Бо вуҷуди он ки Павлус беҳтар аз қӯринтиён забонҳоро медонист, худаш мегӯяд, ки гуфтани якчанд суханро бо ақли худ, яъне бо суханоне ки ба ҳама фаҳмоянд, аз гуфтани даҳ ҳазор калима ба забони бегона афзалтар меҳисобад. Ӯ мақсад надорад, ки атои худро танҳо барои намоишкорӣ истифода барад. Мақсади асосии ӯ аз он иборат аст, ки ба халқи Худо ёрӣ расонад.

Бинобар ин ӯ қарор дод ҳамеша чунон гап занад, ки ӯро атрофиён фаҳмида тавонанд.

Ибораи «бо ақли худ» дар матни асл шакли генитиви объектро дорад. Ин маънои онро дорад, ки Павлус на оиди фаҳмиши худ, балки оиди он мегӯяд, ки дигарон суханони ӯро чӣ гуна мефаҳманд (калимаи юноние ки «ақл» тарҷума мешавад, маънои «фаҳмиш»-ро дорад, ва аз ин сабаб тарҷума чунин буда метавонад: «гуфтани панҷ калимаро, то ки маро фаҳманд...»).

Дар тафсири Номаи якум ба Қӯринтиён Чарлз Ҳоҷ бо тафсири мо розӣ аст: ин ҷо гап на дар бораи фаҳмидани худи Павлус, балки дар бораи он аст, ки дигарон ӯро фаҳманд.

«Бовар кардан ғайриимкон аст, ки Павлус Худоро барои фаровонии атои забондонии худ шукргузорӣ мекарда бошад, агар ин ато аз лаёқати гап задан ба забонҳои барояш нофаҳмо иборат бошад, ки на ба худаш фоида меоварад, на ба дигарон». Аз ин оят ҳамчунин аён аст, ки ба забонҳо гап задан ва дар ҳолати беҳушӣ гап задан як нест. Таълимоти умумӣ нисбати табиати ин ато ба таври ҳақиқӣ дар ҳамин порча аён мешавад. Павлус мегӯяд, ки агарчи ба забонҳои ношинос аз қӯринтиён беҳтар гап зада метавонад, панҷ калимаро *бо ақли худ*, яъне ба забони фаҳмо гуфтани ӯ афзалтар аз он аст, ки даҳ ҳазор калимаро ба забони ношинос гӯяд. Дар ҷамоат, яъне дар ҷамъомад, ман метавонам дигаронро таълим диҳам, ки якдигарро насиҳат кунанд (Ғалотиён 6:6). Ин нишон медиҳад, ки «гуфтан бо ақли худ» чиро дар назар дорад. Ин чунин маъно дорад: «Чунон гуфтан, ки дар суханон насиҳат садо диҳад».

**14:20** Сипас Павлус қӯринтиёнро аз ноболиғӣ дар фикрҳо огоҳ мекунад. Чуноне ки Годе гуфтааст: «Кӯдак чизи шавқоварро аз фоиданок, ҷилодорро аз мустаҳкам афзал меҳисобад». Дар ояти 20 Павлус мегӯяд: «Ба бахшоишҳои ҷолиб, ки ба намоиш мебаоред, бо шавқи кӯдакона нигоҳ накунед. Танҳо дар як чиз ба кӯдакон монанд шавед – дар муносибат ба бадӣ. Дар ҳама чизи боқимонда бо ақли болиғ фикр кунед».

**14:21** Дар ояти 21 фириста Павлус аз Паймони Куҳан иқтибос меоварад, то нишон диҳад, ки забонҳо на барои бовардорон, балки барои нобоварон аломат мебошанд. Худо гуфт, ки азбаски исроилиён таълимоти Ӯро рад намуданд ва онро масхара карданд, Ӯ бо онҳо ба забони ношинос гап мезанад (Ишаъё 28:11). Ҳамин тавр ҳам шуд, ҳангоме ки лашкари ашшуриён ба замини Исроил зада даромаданд ва дар байни халқи Исроил забони

ашшурӣ садо дод. Ин аломате буд ба исроилиён барои он, ки Каломи Худоро рад карданд.

**14:22** Маънои ояти 22 аз он иборат аст, ки азбаски Худо забонҳоро чун аломат барои нобоварон дод, қӯринтиён набояд ин аторо дар ҷамъомад бисёр истифода баранд. Беҳтараш онҳо пайғамбарӣ мекарданд, чунки пайғамбарӣ на барои нобоварон, балки барои бовардорон аломат аст.

**14:23** Агар ҳамаи бовардорони ҷамоат дар ҷамъомад ба забонҳои ношинос бе тафсир гап мезананд, касоне ки бори аввал ба он ҷо рафтаанд, чӣ фикр мекарданд? Ин барои онҳо гувоҳӣ намебуд; онҳо гумон мекарданд, ки ин бовардорон девона шудаанд.

Шояд чунин тобад, ки байни ояти 22 ва оятҳои 23-25 ихтилоф ҳаст. Дар ояти 22 гуфта шудааст, ки атои забонҳо аломате барои нобоварон аст, пайғамбарӣ бошад – барои бовардорон. Аммо дар оятҳои 23-25 Павлус мегӯяд, ки сухангӯӣ ба забони ношинос метавонад нобоваронро гумроҳ кунад, пайғамбарӣ бошад ба онҳо ёрӣ расонда метавонад.

Ин ихтилофи гӯё вуҷуддоштаро чунин маънидод кардан мумкин аст: дар оати 22 нобоварон касоне мебошанд, ки Каломи Худоро рад намудаанд ва дилҳои худро барои ҳақиқат маҳкам кардаанд. Забонҳо нишонаи он аст, ки Худо онҳоро маҳкум кардааст, чуноне ки дар иқтибос аз Ишаъё дар ояти 21 гуфта шудааст. Нобоварон дар оятҳои 23-25 касоне мебошанд, ки ҳақиқатро фаҳмидан мехоҳанд. Онҳо тайёранд Каломи Худоро шунаванд, ва ба ҷамоат омадани онҳо далели ин аст. Ва агар онҳо бинанд, ки масеҳиён ба забонҳои ношинос бе тафсир гап мезананд, ин барои онҳо дар роҳ сӯи Худо на ёрӣ, балки монеа мешавад.

**14:24** Агар нобоварон ба ҷамъомаде оянд, ки масеҳиён ба забонҳои ношинос гап намезананд, балки пайғамбарӣ мекунанд, онҳо суханони гуфташударо мефаҳманд, ва ин гуфтаҳо барояшон сарзаниш ва маҳкумкунӣ мешаванд. Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки агар шунавандагон он чиро, ки гуфта мешавад, нафаҳманд, сарзанише нахоҳад буд. Ҳангоме ки одамон ба забонҳои ношинос гап мезананд ва ҳеҷ кас ин забонҳоро тафсир намекунад, барои касоне ки бори аввал омадаанд, фоидае нахоҳад буд. Аммо касоне ки пайғамбарӣ мекунанд, ба забони маъмулии он маҳал гап мезананд, ва дар натиҷа ин ба шунавандагон таассуроти амиқ мебахшад.

**14:25** Сирру асрори дили одам ба воситаи пайғамбарӣ ошкор мешаванд. Нобовар ҳис мекунад, ки баромадкунанда бевосита ба ӯ муроҷиат мекунад. Рӯҳи Худо амали сарзанишро дар рӯҳи ин шахс иҷро мекунад. Ва дар натиҷа, ба рӯй афтида, чунин шахс назди Худо саҷда мекунад ва мефаҳмад, ки Худо дар байни ин одамон аст.

Ҳамин тариқ, Павлус дар оятҳои 23-25 таъкид намудааст, ки забонҳо бе тафсир боиси тавбаи нобоварон намешаванд, пайғамбарӣ бошад онҳоро ба тавба водор мекунад.

## ДАСТУРҲО НИСБАТИ ИСТИФОДАИ ЗАБОНҲО (14:26-28)

**14:26** Азбаски бовардорони Қӯринт атои забонҳоро суиистифода мекарданд, зарурате ба миён омад, ки Рӯҳи Худо нисбати истифодаи ин ато қоидаҳои муайян ворид намояд. Ва дар оятҳои 26-28 мо оиди ҳамин қоидаҳо мехонем.

Ҳангоме ки бовардорони ҷамоати ибтидоӣ ҷамъ меомаданд, чӣ рӯй медод? Аз ояти 26 аён аст, ки чунин ҷамъомадҳо ғайрирасмӣ буданд ва дар муҳити озод мегузаштанд. Рӯҳи Худо дар истифодаи атоҳои гуногуне ки Ӯ ба ҷамоат додааст, озод буд. Як шахс, масалан, таронаҳои Забурро мехонд, шахси дигар метавонист таълимотеро мавъиза кунад. Шахси сеюм ба забони номаълум гап зада метавонист. Шахси чорум оиди ваҳйе мегуфт, ки бевосита аз Сарвар гирифтааст.  Ягон каси дигар метавонист он чиро, ки ба забони хориҷӣ гуфта шуд, тарҷума кунад. Павлус чунин «ҷамъомади кушода»-ро, ки он ҷо Рӯҳи Худо ба воситаи бародарони ҳамбовар озодона гап зада метавонад, таҳсин мекунад. Аммо инро гуфта, Павлус акнун зарурати назорат намудани истифодаи ин атоҳоро таъкид мекунад. Ҳама кор дар ҷамъомад бояд бо мақсади обод намудан карда шавад. Ба чизе танҳо аз боиси ғайриоддӣ ё ҷолиби диққат буданаш аҳамият додан даркор нест. Барои он ки хизматгузорӣ қобили қабул бошад, он дар навбати аввал бояд халқи Худоро обод кунад. Қоидаи якуми истифодаи ин атоҳо аз ҳамин иборат аст.

**14:27** Қоидаи дуюм он аст, ки дар як ҷамъомад бояд на зиёда аз се шахс ба забонҳо гап зананд: «Агар касе ба забони *ношинос* сухан меронда бошад, ду нафар, ё бисёраш се нафар *сухан ронед*...» Дар ҷамъомад набояд чунин шавад, ки дар як вақт бисёр касон донистани забонҳои ношиносро нишон диҳанд.

Сипас мо мехонем, ки он ду ё се нафар, ки ҳангоми як ҷамъомад гап зада метавонанд, бояд алоҳида-алоҳида гап зананд, яъне на якҷоя, балки бонавбат – яке аз пайи дигар. Ин имкон медиҳад, ки ба бетартибӣ роҳ дода нашавад, зеро агар якчанд кас дар як вақт ба забонҳои гуногун гап зананд, ҳамеша бенизомӣ ба миён меояд.

Қоидаи сеюм он аст, ки дар ҷамъомад бояд тафсиркунанда ё тарҷумон бошад: «... ва касе тафсир кунад». Агар касе бархоста, ба забони ношинос гап заданӣ бошад, аввал бояд аниқ кунад, ки суханони ӯро кӣ тарҷума мекунад.

**14:28** Агар тафсиркунанда набошад, касе ки атои забонҳоро дорад, бояд дар ҷамъомад хомӯш бошад. Ӯ метавонад дар ҷамомад нишаста, беовоз ба забони ношинос бо Худо сӯҳбат намояд, аммо ин корро набояд дар назди ҳама кунад.

## ДАСТУРҲО НИСБАТИ АТОИ ПАЙҒАМБАРӢ (14:29-33)

**14:29** Қоидаҳо нисбати атои пайғамбарӣ дар оятҳои 29-33 оварда шудаанд. Дар як ҷамъомад на зиёда аз се пайғамбар сухан мегӯянд, ва масеҳиёни дигар онҳоро гӯш карда, бояд аниқ кунанд, ки оё ҳақиқатан ваҳйи илоҳиро мешунаванд, ё ин шахс пайғамбари дурӯғин аст.

**14:30** Чуноне ки пештар зикр карда будем, пайғамбар хабарҳоро бевосита аз Сарвар мегирифт ва онҳоро ва ҷамоат мерасонд. Аммо чунин низ мешуд, ки ӯ баъди расондани ваҳй сухангӯиро давом дода, мавъиза мекард. Бинобар ин Павлус қоидае муқаррар мекунад: агар пайғамбаре гап занад, ва дар ин вақт пайғамбаре ки дар ҷамъомад нишастааст, ваҳйе гирад, пайғамбари баромадкунанда бояд суханашро қатъ карда, ба касе ки ваҳй гирифтааст, имконияти сухан гуфтан диҳад. Аз афти кор, чунин қоида зарур буд, зеро баромадкунандаи аввалин ҳар қадар бештар гап занад, ҳамон қадар бештар майл ба он дорад, ки на аз Худо, балки аз худ гӯяд. Дар нутқҳои дароз дар ҷамоат хатаре ҳаст, ки кас на суханони Худо, балки суханони худро гӯяд: «Ваҳй аз ҳама чизи дигар болотар аст» (Келлӣ).

**14:31** Пайғамбарон бояд бо навбат гап зананд. Ҳеҷ пайғамбар набояд дар давоми тамоми хизмат гап занад, ва он гоҳ хизмат барои ҷамоат фоиданок хоҳад буд. Он вақт ҳамаи бовардорон метавонанд насиҳат ва тасалло ёбанд.

**14:32** Дар ояти 32 оят принсипи хеле муҳим баён шудааст. Агар байни сатрҳо хонем, тахмин кардан мумкин аст, ки қӯринтиён тасаввуроти нодуруст доштанд, ки шахс ҳар кадар бештар дар ихтиёри Рӯҳи Пок бошад, худро ҳамон қадар камтар идора карда метавонад. Зери таъсири Рӯҳ онҳо ба ҳолати ваҷд медаромаданд, бинобар ин, ба қавли Годе, чунин меҳисобиданд, ки ҳар қадар бештар рӯҳонӣ бошанд, ҳамон қадар камтар гуфтору рафтори худро назорат мекунанд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки шахс зери таъсири Рӯҳ мазмун ва муддати сухангӯии худ, рафтори худро идора карда наметавонад. Ва дар порчаи додашуда ин фикр ба таври асоснок рад карда мешавад. Рӯҳи пайғамбар дар итоати пайғамбар аст. Ин маънои онро дорад, ки пайғамбар ҳеҷ гоҳ бехуд намешавад ва зидди иродаи худ амал намекунад. Ӯ набояд аз дастурҳои дар ин боб баёншуда бо он баҳона саркашӣ кунад, ки худро идора карда наметавонад. Ӯ худ метавонад муяйян кунад, ки кай ва чӣ қадар гап занад.

**14:33** «Чунки Худо Худои ҳарҷумарҷ нест, балки Худои осоиштагист». Дигар хел карда гӯем, агар дар ҷамъомад бетартибӣ ҳукмфармо бошад, метавонед боварӣ дошта бошед, ки ин ҷамъомад зери назорати Рӯҳи Худо нест.

**ДАСТУРҲО БАРОИ ЗАНОН (14:34-36)**

**14:34** Дар баъзе тарҷумаҳои ҳозираи Навишта қисми охири ояти 33-ро бо ояти 34 алоқаманд мекунанд: «Дар ҳамаи ҷамоатҳои муқаддасон занон бояд дар ҷамъомадҳо хомӯш бошанд; зеро ҷоиз нест, ки сухан ронанд, балки бояд мутеъ бошанд, чунон ки Таврот низ мегӯяд». Дастурҳое ки Павлус ба бовардорони Қӯринт менависад, на танҳо ба онҳо дахл доранд. Онҳо ба ҳамаи ҷамоатҳои муқаддасон навишта шудаанд. Гувоҳии Паймони Навин аз он иборат аст, ки занон бисёр хизматҳои муҳимро ба ҷо меоваранд, аммо онҳо набояд дар ҷамъомад баромад кунанд. Вазифаи онҳо итоат ба мард аст.

Мо чунин меҳисобем, ки «чунон ки Таврот низ мегӯяд» ба он низ дахл дорад, ки зан бояд ба шавҳар итоат кунад. Дар Таврот оиди ин возеҳу равшан гуфта шудааст. Ҳастӣ 3:16, масалан, мегӯяд: «...ва иштиёқи ту ба шавҳарат хоҳад буд, ва ӯ бар ту ҳукмронӣ хоҳад кард».

Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки Павлус дар ин оят ҳангоми хизмат гап задан, ғавғои нодаркор бардоштани занҳоро манъ

мекунад. Аммо чунин тахмин нодуруст аст. Калимае ки аз матни асл «сухан рондан» тарҷума шудааст, маънои «лаққидан»-ро надорад. Худи ҳамон калима дар ояти 21-уми матни асл истифода шудааст: «ба ин қавм сухан хоҳам ронд». Он маънои «бо эътибор сухан рондан»-ро дорад.

**14:35** Ҳа, ба занон иҷозат дода нашудааст, ки дар ҷамъомад савол диҳанд. Агар зан чизеро фаҳмиданӣ бошад, бигузор дар хона ба шавҳараш саволҳо диҳад. Чунин шуда метавонад, ки зан танҳо барои саркашӣ аз манъи суханронӣ дар ҷамъомад савол медиҳад. Бинобар он ин оят ҳама гуна роҳҳои вайрон кардани ин қоидаро мебандад.

Агар касе пурсад, ки занҳои бешавҳар ва бевазанон чӣ кор кунанд, гуфтан мумкин аст, ки Навишта саъй намекунад ҳамаи мавридҳои муайянро пешбинӣ кунад, балки принсипҳои умумӣ пешкаш менамояд. Агар зан бешавҳар бошад, метавонад ба падараш ё ба пири ҷамоат савол диҳад. Дар яке аз тарҷумаҳо ин оят чунин садо медиҳад: «бигзор дар хона аз мардҳои худ бипурсанд». Ин ҷо дар ёд доштани қоидаи асосӣ муҳим аст, ки дар ҷамъомад сухан рондани зан аз рӯи одоб нест.

**14:36** Аз афти кор, фириста Павлус мефаҳмид, ки таълимоти ӯро дар ҷамоат ҳар хел қабул мекунанд. Барои ҷавоб додан ба далелҳои имконпазир ӯ бо киноя чунин саволҳо медиҳад: «*Магар Каломи Худо аз шумо баромадааст? Ё ки танҳо ба шумо расидааст?*» Дигар хел карда гӯем, агар қӯринтиён чунин ҳисобанд, ки оиди Худо аз Павлус бештар медонанд, ӯ аз онҳо мепурсад, ки магар Каломи Худоро онҳо навиштаанд ва оё Каломи Худо танҳо ба онҳо дода шудааст. Онҳо бо тамоми рафтори худ нишон медоданд, ки дар ин масъалаҳо нуфузу эътибори расмӣ доранд. Ҳеҷ як ҷамоат муаллифи Каломи Худо нест, ва ҳеҷ як ҷамоат ба он ҳуқуқи фавқулодда надорад.

## ИН ДАСТУРҲО АЗ САРВАР МЕБОШАНД (14:37-40)

**14:37** Оиди ҳамаи дастурҳои дар ин ҷо баёншуда гап зада, фириста Павлус таъкид мекунад, ки ин на ақидаҳо ё тасаввуроти худи ӯ, балки фармудаҳои Сарвар мебошанд, ва инро ҳар пайғамбари Сарвар ё шахси ҳақиқатан рӯҳонӣ тасдиқ мекунад. Ин оят ҷавоби сазоворест ба касоне ки чунин меҳисобанд, гӯё баъзе гуфтаҳои Павлус, хусусан он қисме ки ба занҳо дахл доранд,

ақидаҳои шахсии ӯро ифода мекунанд. Ва ин дастурҳо на ақидаҳои шахсии Павлус, балки фармудаҳои Сарвар мебошанд.

**14:38** Албатта, баъзеҳо насиҳатҳои Павлусро дар шакли додашуда қабул кардан намехоҳанд, бинобар ин фириста дар ин ҷо мегӯяд: «Ва агар касе нафаҳмад, бигзор нафаҳмад». Яъне, агар касе илҳоми илоҳии ин суханонро эътироф накунад ва ба онҳо пайравӣ намудан нахоҳад, интихоби дигаре надорад, ҷуз ин ки сарфи назар кардани ин таълимотро давом диҳад.

**14:39** Барои хулоса кардани дастурҳои зикршуда оиди истифодаи атоҳо Павлус мегӯяд, ки қӯринтиён бояд аз самими дил хоҳони атои пайғамбарӣ бошанд, ва дар айни ҳол ба забонҳо гап задани одамонро манъ накунанд. Ин оят нишон медиҳад, ки ӯ ба атои пайғамбарӣ ва атои забонҳо чӣ аҳамияте медиҳад – бовардорон бояд аз таҳти дил хоҳони аввалӣ бошанд, ва дуюмиро қабул намоянд. Пайғамбарӣ аз забонҳо муҳимтар аст, чунки гуноҳкорон маҳз ба воситаи пайғамбарӣ маҳкум карда мешаванд, муқаддасон бошанд обод мегарданд. Забонҳо бе тарҷума ба мақсаде хизмат намекунанд, чунки дар ин маврид бовардор танҳо бо Худо ва бо худ гап мезанад, ва низ ба атрофиён забондонии худро яъне он атоеро, ки Худо ба ӯ додааст, нишон медиҳад.

**14:40** Сухани охирини насиҳати Павлус аз он иборат аст, ки ҳама чиз бояд шоиста ва ботартиб бошад. Ҷолиби диққат аст, ки маҳз дар ҳамин боб Павлус оиди аҳамияти чунин ботартибӣ мегӯяд. Дар давоми солҳои зиёд одамоне ки ба забонҳо гап зада тавонистани худро изҳор менамуданд, одатан ба тартиб ва шоистагӣ аҳамият намедоданд. Ба ҷои ин дар ҷамъомадҳои онҳо саҳнаҳои эҳсосоти беназорат ва бетартибии умумиро дидан мумкин буд.

Ҳамин тариқ, ҳамчун хулоса мо метавонем принсипҳои зеринро оиди истифодаи забонҳо дар ҷамоати маҳаллӣ оварем:

1. Мо набояд ба забонҳо гап задани одамонро манъ кунем (14:39).
2. Агар касе ба забони ношинос гап занад, бояд тафсиркунанда ё тарҷумоне бошад (14:27-28).
3. Дар як ҷамъомад на зиёда аз се кас ба забонҳо гап зада метавонанд (14:27).
4. Онҳо бояд бо навбат гап зананд (14:27).
5. Он чи онҳо мегӯянд, бояд хусусияти ободкунанда дошта бошад (14:26).

6. Занҳо дар ҷамъомадҳо бояд хомӯш бошанд (14:34).
7. Ҳама чиз бояд шоиста ва ботартиб бошад (14:40).

Ҳамаи ин қоидаҳо дар замони мо низ барои ҷамоат қобили истифода мебошанд.

ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

# Растохез 15:1-58

**Нақшаи дарс:**

XII. Ҷавоби Павлус ба касоне ки растохезро инкор мекунанд (15:1-58).
- А. Растохези Масеҳ ҳақиқати исботшудаи Хушхабар аст (15:1-11).
  1. Хушхабар оиди растохез (15:1-4).
  2. Шоҳидони растохез (15:5-7).
  3. Хизмати фиристагии Павлус бар растохез асос ёфтааст (15:8-10).
  4. Гувоҳии якдилонаи фиристаҳо (15:11).
- Б. Натиҷаҳои рад кардани растохези ҷисмонӣ (15:12-19).
  1. Ин маънои онро дорад, ки Масеҳ аз мурдагон барнахестааст (15:12-13).
  2. Мавъизаи фиристагон беҳуда мебуд (15:14).
  3. Бовари одамон беҳуда мебуд (15:14).
  4. Фиристагон дурӯғгӯй мебуданд (15:15).
  5. Ҳеҷ гуна наҷот аз гуноҳ намебуд (15:16-17).
  6. Онҳое ки дар бовар мурдаанд, нобуд мешуданд (15:18).
  7. Бовардори зинда бадбахттарини одамон мебуд (15:19).
- В. Натиҷаҳои растохези Масеҳ (15:20:28).
  1. Кафолати растохези онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд (15:20-22).
  2. Касоне ки аз мурдагон зинда мешаванд (15:23-28).
     а) Масеҳ дар аввал (15:23);
     б) Касоне ки дар вақти омадани Ӯ аз они Масеҳанд (15:23);

в) Охират (зиндашавии нобоварон), ҳангоме ҳамаи душманон пеши пойҳои Ӯ сарнагун мешаванд ва меҳнати Масеҳ чун Шафоаткунанда ба охир мерасад (15:24-28).

Г. Бемаъно будани азобҳо барои Масеҳ, агар ҳеҷ гуна растохез набошад (15:29-34).

1. Ғӯта барои пур кардани ҷои мурдагон бемаъно мебуд (15:29).

2. Азобҳои фириста чун масеҳӣ бефоида мебуданд (15:29).

3. Дар роҳат ва ҳаловат зистан оқилонатар мебуд (15:22).

4. Таълимоти дурӯғин оиди растохез ахлоқро вайрон мекунанд, ва бо ин муросо кардан даркор нест (15:33-34).

Д. Растохез чӣ гуна хоҳад буд (15:35-49).

1. Ҷисми зиндашуда бо ҷисми заминӣ бисёр умумиятҳо хоҳад дошт, аммо он шукӯҳманд хоҳад буд. Ва Павлус ин фарқро дар мисоли фарқ байни чизҳои зерин нишон медиҳад (15:35-41):

а) тухм ва растание ки аз ин тухм пайдо шудааст (15:35-38);

б) ҷисми одамӣ ва ҷисми махлуқоти дигар (15:39);

в) ҷисмҳои заминӣ ва ҷисмҳои осмонӣ (15:40);

г) шукӯҳи офтоб, моҳ ва ситораҳо (15:41);

2. Ҷисми шахси бовардор (15:42-49):

а) бефано хоҳад буд (15:42);

б) шукӯҳманд (пурҷалол) хоҳад буд (15:43);

в) пурқувват хоҳад буд (15:43);

г) ҷисми рӯҳонӣ хоҳад буд(15:44);

д) монанди ҷисми Масеҳ хоҳад буд (15:45-49).

Е. Дигаргуншавии бовардорони зинда ҳангоми бозомадани Масеҳ (15:50-57).

1. Бовардорони мурда зинда мешаванд, бовардорони зинда бошанд дигаргун мешаванд (15:50-53).

2. Ин ғалабаи ҳамаи бовардорон бар марг хоҳад буд (15:54-57).

Ж. Даъвати ниҳоӣ оиди устувор будан дар бовар, бо донистани он ки ҳар як бовардор ҳангоми бозгаштани Сарвар мукофоти худро мегирад (15:58).

Дар ин боб Павлус ба мавзӯи тамоман дигар – растохез – мегузарад. Баъзе муаллимоне ки ба ҷамоати Қӯринт омада буданд,

мегуфтанд, ки растохези ҷисмонӣ ғайриимкон аст. Онҳо худи ҳаёти баъди маргро инкор намекарданд, аммо чунин меҳисобиданд, ки мо рӯҳҳои беҷисм хоҳем буд. Ва фириста Павлус ба чунин таълимотҳо ҷавоби классикии худро медиҳад.

## ҲАҚҚОНИЯТИ РАСТОХЕЗ (15:1-11)

**15:1** Фириста Павлус ба қӯринтиён оиди Хушхабар ёдрас мекунад, ки ба онҳо расонда шуда буд ва онҳо қабул карданд ва акнун дар он устувор шудаанд. Барои бовардорони Қӯринт ин таълимот чизи нав набуд, аммо дар чунин вақти бӯҳронӣ онро барояшон ёдрас кардан даркор буд.

**15:2** Маҳз ба воситаи Хушхабар қӯринтиён наҷот ёфтанд. Сипас Павлус илова мекунад: «...агар он чиро ки ман ба шумо башорат додаам, риоя кунед, ба шарте ки имонатон бар абас набошад». Феъли «риоя кунед» дар тарҷумаҳои дигар «дар хотир нигоҳ доред» аст. Онҳо маҳз бо Хушхабар оиди растохез наҷот ёфтаанд – албатта, агар ҳеҷ гуна зиндашавӣ намебуд, онҳо умуман наҷот ёфта наметавонистанд. Калимаи «агар» дар ин порча на ифодакунанда шубҳаҳо нисбати наҷоти онҳост, ва низ таълим намедиҳад, ки мо танҳо дар он ҳолат наҷот меёбем, ки «чизеро ки башорат дода шудааст, риоя кунем». Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки агар зиндашавӣ набошад, пас онҳо наҷот ҳам наёфтаанд. Дигар хел карда гӯем, касоне ки растохези ҷисмониро инкор мекунанд, ҳамин тариқ тамоми таълимоти Хушхабарро низ инкор мекунанд. Барои Павлус бошад зиндашавӣ асоси тамоми хизмати ӯ буд. Бе зиндашавӣ умуман масеҳият нест. Бинобар он ин оят даъватест ба қӯринтиён, то ба он Хушхабар, ки қабул кардаанд, вафодор бошанд, ва ба он ҳуҷумҳо муқобилат кунанд.

**15:3** Фириста Павлус худаш он чиро, ки аз Худо чун ваҳӣ қабул кардааст, ба қӯринтиён расондааст. Ҳақиқати аввалине ки ӯ ба онҳо мерасонад, аз он иборат аст, ки мувофиқи Навиштаҳо, Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд. Ин хусусияти ивазкунандагии марги Масеҳро таъкид мекунад. Ӯ на барои гуноҳҳои Худ ва на чун риёзаткаш мурд; Ӯ барои гуноҳҳои мо мурд. Ӯ барои он мурд, ки музди он ҷазоеро, ки мо бо гуноҳҳои худ сазовори он шудаем, пардохт кунад. Ва ин ба Навишта мувофиқат мекунад. Навишта дар ин ҷо, албатта, Паймони Куҳан аст, чунки он вақт Паймони Навин дар шакли навишта вуҷуд надошт. Оё ҳақиқатан Паймони Куҳан пешгӯӣ кардааст, ки Масеҳ барои гуноҳҳои ҳама хоҳад мурд? Ба ин

танҳо ҷавоби мусбат додан мумкин аст. Ва оятҳои 50-ум ва 6-уми боби 53 оиди ин ба таври боварибахш гувоҳӣ медиҳанд.

**15:4** Дафни Масеҳ дар Ишаъё 53:9 пешгӯӣ шуда буд, растохезаш бошад – дар оятҳои 9 ва 10-уми таронаи 15-уми Забур. Ин ҷо бояд аҳамият дод, ки чӣ гуна Павлус гувоҳии Навиштаро таъкид мекунад. Ҳамаи он чи бо бовари мо вобаста аст, бояд ҳамин тавр тафтиш карда шавад: «Навишта чӣ мегӯяд?»

**15:4** Дар оятҳои 5-7 мо мебинем, ки Павлус онҳоеро номбар мекунад, ки шоҳидони зиндашавии Масеҳ буданд. Аввалан Сарвар ба Кифо, яъне ба Петрус намоён шуд. Ва ин ҳақиқатан хеле таъсирбахш аст. Ҳамон шогирде ки бовар надошт ва се бор Сарвари худро инкор карда буд, акнун аввалин шуда Сарвари зиндашударо мебинад. Ҳақиқатан, файзи Худованд Исо хеле бузург аст. Сипас Сарвар ба «дувоздаҳ нафар» намоён шуд. Ин ҷо, албатта, оиди дувоздаҳ шогирд гуфта мешавад. Дар асл он вақт онҳо аллакай дувоздаҳ нафар набуданд, аммо худи ибораи «дувоздаҳ нафар» ягонагии шогирдонро ифода мекунад. Бояд гуфт, ки ҳамаи он намоёншавиҳое ки дар Инҷилҳо зикр мешаванд, дар ин ҷо номбар шудаанд. Рӯҳи Худо он намоёншавиҳои Масеҳи зиндашударо интихоб мекунад, ки барои хизмати Худ муҳим меҳисобад. Бояд зикр кард, ки ин ҷо оиди ба занҳо намоён шудани Сарвар тамоман гуфта намешавад.

**15:6** Намоён шудани Сарвар ба панҷсад нафар бародарон, чуноне ки меҳисобанд, дар Ҷалил рӯй додааст. Дар он вақте ки Павлус ин номаро менавишт, бисёрии бародарон ҳанӯз зинда буданд, агарчи баъзеи онҳо аллакай ба абадият, назди Сарвар рафта буданд. Дигар хел карда гӯем, Павлус мегӯяд, ки агар касе ҳаққонияти суханони ӯро тафтиш карданӣ бошад, гувоҳҳо ҳастанд.

**15:7** Аз ояти 7 муқаррар кардан ғайриимкон аст, ки оиди кадом Яъқуб гуфта мешавад, агарчи бисёрии муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки ин бародари Сарвар аст. Ин оят ҳамчунин оиди он мегӯяд, ки Худованд ба ҳамаи фиристагон низ намоён шуд.

**15:8** Ин ҷо Павлус оиди вохӯрии шахсии худ бо Масеҳи зиндашуда мегӯяд. Албатта, ин дар роҳи Димишқ рӯй дода буд, ҳангоме Павлус дар осмон рӯшноии чашмбаре дид ва бо Масеҳ рӯ ба рӯ вохӯрд. «Тифли хом» маънои пеш аз вақт зодашударо дорад. Ба фикри Вайн, Павлус гуфтан мехоҳад, ки ӯ аз ҳамаи фиристагони дигар бадтар аст, чуноне ки кӯдаки пеш аз вақт зодашуда дар муқоиса бо кӯдаки дар вақташ зодашуда ноқис аст. Ин суханонро ӯ

чун таъна ба худ барои ҳаёти гузаштааш мегӯяд, ки он вақт Ҷамоатро таъқиб мекард.

**15:9** Оиди вохӯрии рӯ ба рӯ бо Наҷотдиҳанда гап зада, Павлус ҳис мекунад, ки ба он сазовор набуд. Ӯ ба ёд меоварад, ки чӣ гуна Ҷамоати Худоро таъқиб менамуд, ва бо вуҷуди ин, Сарвар ӯро даъват намуд, ки фириста бошад. Бинобар ин ӯ худро носазовортарини ҳамаи фиристаҳо меҳисобад, ки ҳатто ба мартабаи фиристагӣ сазовор нест.

**15:10** Аммо дар айни ҳол эътироф мекунад, ки ӯ ҳар касе ки бошад, бо файзи Худост. Ва ӯ ин файзро чун танҳо факт қабул накардааст. Файз бар ӯ масъулияти бузургеро вомегузорад, ва ӯ акнун бо тамоми қувват ба Масеҳ, ки ӯро наҷот додааст, хизмат мекунад. Аммо, агар аниқи гапро гӯем, на худи Павлус, балки файзи Худо дар ӯ меҳнат мекунад.

**15:11** Акнун Павлус худро ба дигар фиристагон шарик меҳисобад ва мегӯяд, ки новобаста ба он ки кадоми онҳо мавъиза мекунад, ҳамаи онҳо дар гувоҳӣ оиди Хушхабар, ва хусусан оиди растохези Масеҳ муттаҳид мебошанд.

## АҲАМИЯТИ РАСТОХЕЗ (15:12-19)

**15:12** Дар оятҳои 12-19 Павлус номбар мекунад, ки рад кардани растохези ҷисмонӣ боиси чӣ мешавад. Аввалан, ин маънои онро дорад, ки Худи Масеҳ зинда нашудааст. Мантиқи Павлус дар ин ҷо раднопазир аст. Касе мегуфт, ки растохези ҷисмонӣ умуман вуҷуд надорад. Хуб, мегӯяд Павлус, пас Масеҳ аз мурдагон барнахестааст. Оё шумо, бовардорони Қӯринт, тайёред бо ин розӣ шавед? Албатта, не. Барои исботи ягон факт нишон додан даркор аст, ки он ақаллан ягон бор рӯй дода буд. Барои исботи растохези ҷисмонӣ Павлус далели худро бо он асоснок мекунад, ки Масеҳ аз мурдагон бархост.

**15:13** Агар растохези мурдагон вуҷуд надошта бошад, пас Масеҳ зинда нашудааст. Аммо чунин хулоса маънои онро дорад, ки бовардорони Қӯринт дар торикӣ ва рӯҳафтодагӣ мебошанд.

**15:14** Агар Масеҳ зинда нашуда бошад, пас мавъизаи фиристаҳо беҳуда аст, яъне асосе надорад. Чаро он беҳуда аст? Аввалан, барои он ки Сарвар Исо ваъда дод, ки дар рӯзи сеюм аз мурдагон бармехезад. Агар Ӯ дар рӯзи сеюм зинда нашуда бошад, пас Ӯ ё одамонро фиреб медод, ё Худаш гумроҳ шуда буд. Ба ҳар ҳол, дар ин маврид Масеҳ сазовори боварӣ намебуд. Дуюм, бе

растохези Масеҳ ҳеҷ гуна наҷот буда наметавонад. Агар Сарвар Исо аз мурдагон зинда нашуда бошад, ҳеҷ кас фаҳмида наметавонист, ки марги Ӯ аз марги ҳар гуна одами дигар бузургтар буд. Аммо Ӯро аз мурдагон зинда карда, Худо шаҳодат дод, ки Ӯ аз хизмати кафораткунандаи Масеҳ қонеъ аст.

Аён аст, ки агар таълимоти фиристагон дурӯғ мебуд, бовар низ беҳуда аст. Ба таълимоти беҳуда ва бемазмун бовар кардан маъное надорад.

**15:15** Ин на танҳо далели он мебуд, ки фиристаҳо таълимоти дурӯғинро таълим медиҳанд; ин оиди он мегуфт, ки онҳо зидди Худо гувоҳӣ медиҳанд. Фиристаҳо оиди Худо гувоҳӣ дода, мегуфтанд, ки Ӯ Масеҳро аз мурдагон зинда кард. Агар Худо ин корро накарда бошад, пас фиристагон зидди Ӯ гувоҳии бардурӯғ додаанд.

**15:16** Агар растохез тамоман ғайриимкон бошад, пас ҳеҷ кас наҷот ёфта наметавонад. Аз тарафи дигар, агар растохез ақаллан як бор рӯй дода бошад, масалан ҳангоме ки Масеҳ аз мурдагон бархест, пас аллакай гуфтан номумкин аст, ки он умуман ғайриимкон аст.

**15:17** Агар Масеҳ зинда нашуда бошад, пас бовари масеҳиён беҳуда аст, яъне ҳеҷ аст, қудрате надорад. Он гоҳ ҳеҷ гуна бахшида шудани гуноҳҳо нест. Пас рад кардани растохез маънои рад кардани ҳамаи меҳнати Масеҳ аст.

**15:18** Ҳолати касоне ки дар бовар ба Сарвар Масеҳ мурдаанд, тамоман ноумедона мебуд. Агар Масеҳ зинда нашуда бошад, бовари онҳо арзише намедошт. Калимаи «мурдаанд» ҷисмҳои бовардоронро дар назар дорад. Марг дар Паймони Навин ҳеҷ гоҳ нисбати рӯҳу ҷон истифода нашудааст. Рӯҳу ҷони шахси бовардор дар лаҳзаи марг аз ҷисм ҷудо мешавад, то ки бо Масеҳ бошад, ҷисми мурда бошад дар қабр мемонад.

Нисбати истилоҳи «нобуд шудан» бояд гуфт, ки он ҳеҷ гоҳ бас кардани мавҷудиятро ифода намекунад. Чуноне ки Вайн гуфтааст, ин на аз даст додани *мавҷудият*, балки аз даст додани *некӯаҳволӣ* аст. Ин ҷо оиди нобуд шудани чизе ки одам барои он офарида шуда буд, гуфта мешавад.

**15:19** Агар Масеҳ зинда нашуда бошад, пас бовардорони зинда дар чунон ҳолати нохубе ҳастанд, ки танҳо мурдаҳо дар он буда метавонанд. Онҳо ҳамчунин фиребхӯрда мебошанд. Онҳо бадбахттарини одамон мебошанд. Павлус дар айни ҳол оиди ҳамаи

азобҳо, андӯҳҳо ва таъқибот, ки масеҳиён дар он солҳо гирифтори онҳо буданд, фикр мекунад. Ва агар бовардорон ба хотири дурӯғ бадбахтиҳои зиёдро паси сар мекарда бошанд, касе бадбахттар аз масеҳиён нест.

**НАТИҶАҲОИ РАСТОХЕЗ (15:20-28)**

**15:20** Ихтилофот барҳам мехӯранд, ҳангоме ки Павлус пирӯзмандона оиди воқеӣ будани растохези Масеҳ ва натиҷаҳои пурбаракати он эълон мекунад.

Масеҳ, навбари мурдаҳо, аз мурдагон бархест. Муҳаққиқон бояд ба он диққат диҳанд, ки дар Навишта байни мафҳумҳои растохез*и мурдагон* ва растохез *аз мурдагон* фарқ ҳаст. Дар оятҳои гузашта сухан дар бораи растохези мурдагон мерафт. Дигар хел карда гӯем, Павлус мегӯяд, ки мурдагон ҳақиқатан бармехезанд. Аммо Масеҳ *аз мурдагон* бархост. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоме Ӯ зинда шуд, на ҳамаи мурдагон зинда шуданд. Дар мавриди додашуда ин як навъ зиндашавии маҳдуд буд. «Ҳама гуна растохез зинда шудани мурдагон аст, ва танҳо растохези Масеҳ ва бовардорон бархостан аз мурдагон аст» (Вайн).

**15:21** Марг ба воситаи инсон ба ин ҷаҳон омад. Ин шахс, албатта, Одам буд. Ба воситаи гуноҳи Ӯ марг ба ҳамаи одамон гузашт. Худо ба ин ҷаҳон Писари Худро чун Одам фиристод, то кори инсони аввалинро барҳам занад ва ба бовардорон баракатеро диҳад, ки онҳо дар Одам ҳеҷ гоҳ надоштанд. Бинобар ин растохези мурдагон маҳз ба воситаи Исои Масеҳи Одам ба ҷаҳон омад.

**15:22** Одам ва Исо дар ин ҷо чун ду шахсияти бузург тасвир шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳам Одам, ҳам Масеҳ барои дигарон амал мекарданд. Ва ҳамаи онҳое ки бо онҳо алоқаманд буданд, зери таъсири амалҳои онҳо меафтоданд. Ҳамаи онҳое ки дар Одам ҳастанд, мемиранд. Ҳамчунин, ҳамаи онҳое ки дар Масеҳ ҳастанд, зинда мешаванд. Ин оятро гоҳо барои таълимот оиди наҷоти умумӣ истифода мебаранд. Мувофиқи ин таълимот, ҳамаи онҳое ки дар Одам мемиранд, дар Масеҳ зинда мешаванд, пас ҳама наҷот меёбанд. Аммо дар оят тамоман на дар бораи ин гуфта мешавад. Дар ин ҷо калимаҳои асосӣ «дар Одам» ва «дар Масеҳ» мебошанд. Ҳамаи онҳое ки «дар Одам» ҳастанд, мемиранд. Ҳамаи онҳое ки «дар Масеҳ ҳастанд», зинда мешаванд, яъне танҳо касоне ки ба Сарвар Исои Масеҳ бовар доранд, аз мурдагон бармехезанд ва ҷовидона бо Ӯ хоҳанд зист. «Ҳама» дар ояти баъдина чун «аз

они Масеҳ дар омадани Ӯ» муайян карда шудаанд. Дар ин ҷо оиди душманони Масеҳ гуфта намешавад, зеро онҳо зери пойҳои Ӯ сарнагун хоҳанд шуд (15:25), ки ин бо ҳаёти ҷовидон бо Худо ҳаммонанд буда наметавонад.

**15:23** Ин ҷо оиди он гурӯҳҳо ё синфҳои одамон гуфта мешавад, ки дар растохези якум иштирок мекунанд. Растохези якум растохези Худи Масеҳ аст. Оиди Ӯ чун оиди навбар гуфта мешавад. Дар матни ибтидоии нома калимае ки «навбар» тарҷума шудааст, маънои банди гандуми пухтаро дошт, ки пеш аз дарави умумӣ аз майдон мегирифтанд. Ин як навъ гарав, пешакӣ чашидани ҷамъоварии минбаъдаи ҳосил буд. Ҳатмӣ нест, ки ин ифода маънои онро дошта бошад, ки Масеҳ мебоист якум зинда мешуд. Мо оиди растохез дар Паймони Куҳан низ мехонем, ҳамчунин метавонем намунаи Лаъзор ё духтари Ёирро дар Паймони Навин ба ёд оварем. Аммо, бар хилофи Масеҳ, ин одамон зинда шуда, боз мемурданд; Масеҳ бошад баъди растохез намурдааст. Ӯ зинда шуд, то ки ҷовидона зиндагӣ кунад. Ба гурӯҳи дуюми касоне ки бояд зинда шаванд, онҳое дохил мешаванд, ки «аз они Масеҳанд дар вақти омадани Ӯ». Ин ҷо оиди касоне гуфта мешавад, ки ҳангоми ба осмон бурда шудани Ҷамоат зинда мешаванд, ва низ оиди бовардороне ки ҳангоми мусибати бузург мемуранд ва дар охири ин давра зинда мешаванд, ҳангоме Масеҳ барои дар замин подшоҳӣ кардан меояд. Монанди он, ки дар омадани Масеҳ марҳилаҳои муайян ҳастанд, дар зиндашавии муқаддасони Ӯ низ марҳилаҳои муайян ҳастанд. Растохези якум на ҳамаи мурдагонро дар бар мегирад, балки танҳо касонеро, ки бо бовар ба Масеҳ мурдаанд.

Баъзе касон имрӯзҳо мегӯянд, ки дар ин вақт танҳо он масеҳиёне зинда мешаванд, ки ба Масеҳ вафодор буданд ё ҳаёти намунавии масеҳиёна ба сар мебурданд, аммо Навишта дар ҳеҷ ҷой оиди ин намегӯяд. Ҳангоми омадани Масеҳ ҳамаи онҳое ки ба Ӯ тааллуқ доранд, зинда мешаванд.

**15:24** «Баъд охират фаро мерасад», чуноне ки мо меҳисобем, ба охири растохез дахл дорад. Дар охири ҳукмронии ҳазорсолаи Масеҳ, ҳангоме ки Ӯ ҳамаи душманони Худро сарнагун мекунад, растохези гуноҳкорони мурда ба амал меояд. Ин охирин растохез хоҳад буд. Ҳамаи онҳое ки дар нобоварӣ мурдаанд, ба доварии Тахти бузурги сафед ҳозир мешаванд, то ки оиди ҳалокати худ шунаванд.

Баъди подшоҳии ҳазорсола ва нобуд шудани шайтон (Ваҳй 20:7-10) Худованд Исо ин подшоҳиро ба Худо Падар медиҳад. То он вақт Исо ҳама гуна ҳокимият, ҳама гуна сарварӣ, ҳама гуна қудратро дар замин барҳам медиҳад. Маънои ин оят он аст, ки Сарвар Исои Масеҳ он вақт *чун Писари Одам*, чун Миёнарав дар назди Худо ҳукмронӣ мекунад. Дар охири подшоҳии ҳазорсола Худо амали Худро дар замин пурра ба охир мерасонад. Тамоми мухолифон сарнагун карда мешаванд, душманон нобуд карда мешаванд. Ҳукмронии Масеҳ *чун Писари Одам* ба подшоҳии ҷовидон дар осмонҳо роҳ мекушояд. Ҳукмронии Ӯ *чун Писари Худо* ҷовидона давом мекунад.

**15:25** Ояти 25 бори дигар ҳамаи гуфтаҳоро таъкид мекунад, – аз ҷумла, онро таъкид мекунад, ки ҳукмронии Масеҳ то дами аз байн рафтани охирин нишонаи зиддият ба Ӯ давом мекунад.

**15:26** Ҳатто ҳангоми ҳукмронии ҳазорсолаи Масеҳ одамон чун пештара мемуранд – пеш аз ҳама онҳое ки ошкоро зидди худо мебароянд. Аммо дар доварии Тахти сафед марг ва дӯзах ба кӯли оташ партофта мешаванд.

**15:27** Худо қарор дод, ки ҳама чиз пеши пойҳои Худованд Исо партофта мешавад. Албатта, ҳама чизро пеши пойҳои Ӯ партофта, Худаш пеши пойҳои Ӯ намеафтад. Ояти 27 андаке печида аст, зеро аниқ гуфта нашудааст, ки ҳар яки ин ҷонишинҳо (Ӯ ва Он) ба кӣ ишора мекунад. Мо онро тақрибан чунин баён карда метавонем: «Чунки Худо ҳама чизро зери пойҳои Ӯ мутеъ кардааст; ҳангоме Худо гуфт, ки ҳама чиз ба Ӯ мутеъ карда шуд, равшан аст, ки ба истиснои Худо, ки ҳама чизро ба Ӯ мутеъ кардааст».

**15:28** «Монанди он ки Масеҳ ҳеҷ гоҳ Одам буданро бас намекунад, Ӯ ҳамроҳи Падар ва Рӯҳи Пок ҳамеша дар он илоҳияте хоҳад буд, ки ба Ӯ чун ба Писар хос аст» (В. Келлӣ). «Худо Масеҳро Ҳокиме кард, ки барои ҳамаи нақшаҳои Ӯ масъул аст. Тамоми қувват ва қудрат дар дастони Масеҳ аст. Замоне фаро мерасад, ки Ӯ вазифаи идоракунандаро тарк мекунад. Пас аз он ки ҳама чиз ба Ӯ мутеъ карда мешавад, Ӯ подшоҳиро ба Падари Худ бозмегардонад. Тамоми офариниш дар ҳолати комил ба Падар баргардонда мешавад. Исо амали бозхарид ва растохезро, ки ба хотири он Одам шуд, анҷом дода, ҳолати тобеиятро, ки ҳангоми Одам шудан қабул кард, нигоҳ медорад. Агар Ӯ, баъди ба ҷо овардани ҳамаи мақсадҳои Худо, одам буданро бас мекард, худи

риштаи алоқандкунандаи Худо ва одам аз байн мерафт» (Мунтахабот).

**МАЪНОИ РАСТОХЕЗ (15:29-34)**

**15:29** Ояти 29, аз афташ, яке аз оятҳои душвортарин ва мураккабтарини Китоби Муқаддас аст. Одамон онро ҳар хел маънидод мекунанд. Масалан, баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки бовардорони зинда метавонанд барои касоне ки маросими ғӯтаро ба ҷо наоварда мурдаанд, гӯта гиранд. Чунин ақида бо он чи Навишта мегӯяд, умумияте надорад. Он танҳо дар суханони ҳамин оят асос ёфтааст, бинобар ин бо он розӣ шудан мумкин нест. Баъзеи дигар чунин меҳисобанд, ки ғӯта барои мурдагон ғӯта барои Сарварро ифода мекунад, ки Ӯ мурда буд. Ҳақиқатан, ҳангоме ки мо ғӯта мехӯрем, дар марг, дафн ва растохези Масеҳ бо Ӯ ҳаммонанд мешавем. Мувофиқи ақидаи сеюмиҳо, маънои ғӯта барои мурдагон он аст, ки дар лаҳзаи ғӯта мо худро барои ин ҷаҳон мурда меҳисобем. Ва ин ақида ҷолиби диққат аст, аммо ба матн алоқамандӣ надорад.

Тафсире ки беш аз ҳама ба матн мувофиқат мекунад, чунин аст. Дар замоне ки Павлус ин номаро менавишт, касоне ки ошкоро масеҳӣ будани худро эътироф менамуданд, бераҳмона таъқиб карда мешуданд. Таъқиботи бовардорон хусусан ҳангоми ғӯта гирифтани онҳо сахт буданд. Аксаран онҳое ки ҳангоми ғӯтаи обӣ ба Масеҳ бовар доштанашонро эътироф менамуданд, кушта мешуданд. Аммо оё ин бовардорони дигарро аз наҷот ёфтан ва ғӯта гирифтан бозмедошт? Ҳаргиз. Чуноне ки мо медонем, ба ҷои бовардорони кушташуда ва азобдида боз ҳам бештар одамон меомаданд. Ва ҳангоме ки ин одамони нав маросими ғӯтаро ба ҷо меоварданд, онҳо *ба ҷои* мурдагон ғӯта мегирифтанд. Бинобар ин «мурдагон» дар ин оят онҳое мебошанд, ки далерона оиди Масеҳ гувоҳӣ дода, ҳалок шудаанд. Он гоҳ Павлус менависад, ки агар растохези мурдагон набошад, ба ҷои ҳалокшудагон ғӯта гирифта, бовардор шудан маъное надорад. Ин монанди он мебуд, ки ҳангоме мағлубият дар муҳориба аллакай аён аст, ба муҳориба қисмҳои нави ҳарбӣ фиристода шаванд. «Агар мурдагон мутлақо «эҳё намешуда бошанд, чаро барои мурдагон таъмид меёбанд?»

**15:30** «Чаро мо низ ҳар соат ба мусибатҳо дучор мешавем?» Фириста Павлус тамоми умр ба хатарҳо рӯ ба рӯ мешуд. Азбаски ӯ нотарсона Масеҳро мавъиза менамуд, дар ҳама ҷо душманонаш

пайдо мешуданд. Дар ҳар қадам онҳо зидди ӯ бо мақсади куштани ӯ суиқасдҳо мекарданд. Агар ӯ аз Масеҳ даст мекашид, ба чунин хатарҳо дучор намешуд. Ва агар растохези мурдагон намебуд, чунин амали ӯ оқилона мебуд.

**15:31** Дар тарҷумаи ҳозиразамон ояти 31 чунин садо медиҳад: «Эй бародарон, ман бо фахре ки дар шумо дорам, қасам ёд мекунам, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ ҳар рӯз мемирам». Инро ба таври дигар чунин баён кардан мумкин аст: «Ва агарчи аз шумо чун аз фарзандони худ шодӣ мекунам, ман ҳар рӯз ба хатари марговар дучор мешавам».

**15:32** Ин ҷо фириста таъқиботи даҳшатовареро, ки дар Эфсӯс ба он дучор шуд, ба ёд меоварад. Мо гумон намекунем, ки ӯ ба маънои ҳақиқӣ чун тӯъмаи ҳайвоноти ваҳшӣ ба саҳна партофта шуд. Ба фикри мо, ӯ таъқибкунандагони худро ба ҳайвоноти ваҳшӣ монанд мекунад. Азбаски Павлус шаҳрванди Рум буд, ӯро ба ҳарбу зарб бо ҳайвоноти ваҳшӣ маҷбур кардан номумкин буд. Мо аниқ намедонем, ки ӯ ин ҷо оиди чӣ мегӯяд. Бо вуҷуди ин, худи фикре ки ӯ дар ин ҷо баён кардааст, равшан аст: агар ӯ ба растохези мурдагон бовар намекард, ба чунин хатари даҳшатнок рӯ ба рӯ шудани ӯ аблаҳона мебуд. Зиёда аз ин, дар чунин ҳол ба чунин фалсафа пайравӣ кардани ӯ беҳтар мебуд: «Агар мурдаҳо зинда намешуда бошанд, биёед хӯрем ва нӯшем, зеро пагоҳ ба ҳар ҳол мемирем».

Мо аксар вақт аз масеҳиён мешунавем, ки агар ҳама чиз бо ҳаёти заминӣ маҳдуд мебуд, ба ҳар ҳол масеҳӣ мебуданд. Аммо Павлус беасос будани ин ақидаро нишон медиҳад. Агар ҳеҷ гуна растохез намебуд, мо кӯшиш мекардем, ки ҳаёти заминиро ҳарчи хубтар кунем. Мо барои он зиндагӣ мекардем, ки хӯрокҳои бомазатар хӯрем ва нӯшем, либосҳои хубтар пӯшем, ҳаловатҳои бештар гирем, ва ҳаёти заминии худро ба биҳишт табдил диҳем. Аммо азбаски растохез ҳаст, мо чизи муваққатӣ, гузаронро мақсади зиндагии худ намесозем. Мо бояд на ба хотири «ҳозир», балки барои «баъд» зиндагӣ кунем.

**15:33** Қӯринтиён аз ин ҷиҳат набояд фиреб хӯранд. Ҳамнишинӣ бо бадӣ ҳама чизи некро вайрон мекунад. Павлус дар ин ҷо оиди муаллимони дурӯғин, ки он вақт дар ҷамоати Қӯринт пайдо шуда буданд, гап мезанад. Масеҳиён бояд фаҳманд, ки ба бадӣ ё таълимоти дурӯғин шарик шуда, зери таъсири он наафтодан ғайриимкон аст. Таълимоти бад ҳатман ба ҳаёти ҳар як шахс таъсир мерасонанд. Таълимоти дурӯғин боиси муқаддасӣ намешаванд.

**15:34** Бовардорони Қӯринт бояд ҳушёр шаванд (росткориро пайравӣ намоянд) ва гуноҳ накунанд. Онҳо набояд ба фиреби таълимоти дурӯғин дода шаванд. «*...зеро, барои хиҷил шуданатон мегӯям, ки баъзеҳо Худоро намешиносанд*». Одатан маънои ин оятро чунин тафсир мекунанд: то ҳол одамоне ҳастанд, ки ҳанӯз Хушхабарро нашунидаанд, бинобар ин масеҳиён бояд барои нобарориҳояшон дар башоратдиҳӣ шарм доранд. Аммо мо чунин меҳисобем, ки ин ҷо оиди он шахсоне дар ҷамоати Қӯринт гуфта мешавад, ки Худоро намешинохтанд. Онҳо на бовардорони ҳақиқӣ, балки гургон дар либоси гӯсфандон, муаллимони дурӯғин буданд, ки ба дили бовардорон ҳарҷу марҷ ворид менамуданд. Бинобар ин қӯринтиён бояд аз он шарм медоштанд, ки ба чунин касон имкон медоданд ба ҷамоаташон омада, ба онҳо таълимоти дурӯғинро омӯзонанд. «Он бепарвоие ки ба худобехабарон имкон дод, то ба ҷамоат оянд, боиси он шуд, ки рӯҳияи умумии ахлоқии ҷамоат паст фаромад, ва ин боиси дуршавӣ аз ҳақиқат гардид».

## РАСТОХЕЗ ЧӢ ГУНА ХОҲАД БУД (15:35-49)

**15:35** Дар оятҳои 35-49 Павлус муфассалтар оиди он мегӯяд, ки дар асл растохез чӣ гуна воқеъ мегардад. Ӯ ду саволро интизор аст, ки одатан касоне медиҳанд, ки ҷисман зинда шуданро инкор менамоянд. Якум: «Мурда чӣ гуна зинда шуда метавонад?» ва дуюм: «Мурдагон бо кадом ҷисм зинда мешаванд?»

**15:36** Ҷавобро ба саволи якум дар ояти 36 меёбем. Калимаи «беақл»-ро «нодон» ё «сабукфикр» тарҷума кардан мумкин аст. Павлус барои бо мисол нишон додани имконпазирии зиндашавӣ падидаи табииро намуна меоварад. Донаи тухмӣ ба замин меафтад ва пеш аз он ки аз он растанӣ рӯяд, мемирад. Ҳақиқатан аҷиб аст, ки дар ҳар як донаи тухмӣ ҳаёт ниҳон аст. Мо метавонем донаро дар зери пурбин (микроскоп) мушоҳида кунем, аммо сирри ҳаёте ки дар он аст, ниҳон мемонад. Мо танҳо онро медонем, ки дона ба замин меафтад, ва баъд аз марг ба ҳаёти нав ибтидо медиҳад.

**15:37** Акнун Павлус саволи дуюмро муҳокима мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ҳангоме мо донаро ба замин мепартоем, на растаниеро мекорем, ки баъд месабзад, балки донаи оддии гандум ё ягон чизи дигарро мекорем. Аз ин чӣ хулоса баровардан даркор аст? Оё растанӣ ва дона як ҳастанд? Не, растанӣ ва дона як нестанд. Аммо байни онҳо робитаи канданашаванда ҳаст. Бе дона ҳеҷ гуна растанӣ буда наметавонад. Ғайр аз ин, растанӣ ҳамаи хусусиятҳои худро аз

дона мегирад. «Зинда шудани ҷисм давоми он материя аст, ки ин ҷисм дар он зода шудааст, аммо акнун он аз фано, бешарафӣ, бадӣ пок шудааст ва беайб, пуршукӯҳ, тавоно ва рӯҳонӣ шудааст. Он худи ҳамин ҷисм аст, аммо он дар як шакл кошта шуда, дар шакли дигар рӯид» (Мунтахабот).

**15:38** Худо ҷисмеро ба вуҷуд меоварад, ки ба донаи кошта мувофиқат мекунад, ва ҳар як дона хусусиятҳои он растаниро, ки баъд мерӯяд, дорад. Сипас ҳамаи ин омилҳо андоза, ранг, шакли барг, гули растаниро муайян мекунанд – ва ҳамаи онҳо дар донае ки ба растанӣ ҳаёт медиҳад, ҳастанд.

**15:39** Фириста Павлус барои нишон додани фарқи шукӯҳи ҷисми зиндашуда аз шукӯҳи ҷисмҳои ҳозираи мо мегӯяд, ки ҷисм якхела нест. Масалан, ҷисми одамӣ, ҷисми ҳайвонот, ҷисми паррандагон, ҷисми моҳиён ҳаст. Онҳо ҳама гуногунанд, аммо ҳама ҷисм мебошанд, яъне монандӣ ҳаст, аммо дар айни ҳол ҳеҷ чизи якхела нест.

**15:40** Ва чуноне ки байни шукӯҳи ҷисмҳои осмонӣ (ситораҳо, моҳ ва ғайра) ва шукӯҳи ҷисмҳои заминӣ фарқ ҳаст, ҳамин тавр байни ҷисми ҳозираи шахси бовардор ва он ҷисме ки пас аз марг хоҳад дошт, фарқ ҳаст.

**15:41** Ҳатто худи ҷисмҳои осмонӣ дар шукӯҳ фарқ доранд, масалан, офтоб аз моҳ равшантар аст, ситораҳо аз ҷиҳати равшанӣ фарқ мекунанд.

Бисёрии муҳаққиқон розӣ ҳастанд, ки Павлус ин ҷо фарқи шукӯҳи ҷисми зиндашуда ва шукӯҳи ҷисмеро, ки ҳоло дорем, таъкид мекунад. Муҳаққиқон чунин намеҳисобанд, ки Павлус нишон медиҳад, ки дар осмонҳо шукӯҳҳои бовардорон фарқ хоҳанд дошт. Аммо мо бо ақидаи Ҳолстен ҳамфикр ҳастем. «Сухани Павлус оиди фарқи ҷисмҳои осмонӣ ба фикре водор мекунад, ки байни зиндашудагон низ дар шукӯҳ фарқ хоҳад буд». Аз дигар ҷойҳои Навишта аён мешавад, ки дар осмонҳо низ мо гуногун хоҳем буд. Ва агарчи ҳамаи мо ахлоқан ба Сарвар Исо, яъне аз гуноҳ озод монанд хоҳем буд, ин маънои онро надорад, ки ҳамаи мо ба Ӯ ҷисман монанд хоҳем буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба касе монанд намешавад, ва Ӯро дарҳол шинохтан мешавад. Мо чунин меҳисобем, ки ҳамин тавр ҳар масеҳӣ аз ҳамаи дигарон фарқ хоҳад кард. Аммо низ мукофотҳое ки бовардорон дар Доварии Масеҳ мегиранд, мувофиқи андозаи вафодорӣ ба Ӯ фарқ хоҳанд кард. Ҳамаи бовардорон дар осмонҳо хушбахт хоҳанд буд, аммо баъзеи

онҳо барои эҳсоси хушбахтӣ лаёқати бештар хоҳанд дошт. Чуноне ки дар дӯзах байни азобҳо фарқ ҳаст (мувофиқи вазнинии гуноҳҳо), дар осмонҳо низ хурсандиҳо аз ҳам фарқ хоҳанд дошт (мувофиқи корҳои заминӣ).

**15:42** Оятҳои 42-49 тазодро байни ҷисми ҳозираи бовардор ва ҷисме ки ӯ дар ҷовидонӣ хоҳад дошт, нишон медиҳанд: «...дар фано кошта мешавад, дар бефаноӣ бармехезад». Ҳозир ҷисмҳои мо ба бемориҳо ва марг таъсирпазир ҳастанд. Ҳангоме ки онҳо дар қабр мешаванд, фано шуда, ба хок табдил меёбанд. Аммо бо ҷисмҳои зиндашуда кор ранги дигар мегирад. Онҳо ба бемориҳо ва марг тобеъ намешаванд.

**15:43** Ҷисми ҳозира дар зиллат (хорӣ) кошта мешавад. Дар ҷисми мурда ҳеҷ чизи ғайриоддӣ ё шукӯҳманд нест. Аммо ҳамон ҷисми шахси бовардор дар шукӯҳ хоҳад бархост Он ожангҳо, пайҳои захм, нишонаҳои синну сол ва пайҳои гуноҳ нахоҳад дошт.

Ҷисм дар нотавонӣ кошта мешавад ва дар қувват бармехезад. Бо мурури замон одам сусттар мешавад ва дар ниҳояти кор марг тамоми қувватро аз одам мегирад. Дар ҷовидонӣ бошад ҷисм ба таъсирҳои ғамангез гирифтор нахоҳад шуд, балки қуввате хоҳад дошт, ки ҳозир надорад. Масалан, Исои Масеҳ пас аз растохез ба хонаҳои дарҳояшон баста даромада метавонист.

**15:44** Ҷисми нафсонӣ кошта мешавад, ҷисми рӯҳонӣ бармехезад. Ин ҷо ба он диққат додан даркор аст, ки рӯҳонӣ маънои ғайримоддиро надорад. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки пас аз растохез мо рӯҳҳои беҷисм мегардем. Аммо дар ин оят тамоман на ин чиз навишта шудааст; ин чунин нест. Мо медонем, ки ҷисми зиндашудаи Сарвар Исо аз гӯшт ва устухонҳо иборат буд, чунки Ӯ гуфт: «...рӯҳ гӯшт ва устухон надорад, чунон ки дар Ман мебинед» (Луқо 24:39). Фарқ байни ҷисмҳои нафсонӣ ва рӯҳонӣ аз он иборат аст, ки аввалӣ барои ҳаёт дар замин мутобиқ карда шудааст, дуюмӣ бошад – барои ҳаёт дар осмонҳо. Ҷисми якум дар ихтиёри ҷон аст, ҷисми дуюм бошад – дар ихтиёри рӯҳ. Ҷисми рӯҳонӣ ҷисмест, ки ҳақиқатан ба рӯҳ хизмат хоҳад кард.

Худо рӯҳ, ҷон ва ҷисми одамиро офаридааст. Сарвар Исо одатан пеш аз ҳама оиди рӯҳ гап мезанад, чунки Ӯ ҳамеша мекӯшид, ки рӯҳ мавқеи ҳукмфармоиро дошта бошад. Ҳангоме ки ба замин гуноҳ омад, як воқеаи ғайриоддӣ рӯй дод. Тартиби илоҳӣ вайрон карда шуд, ва дар натиҷа одам «ҷисм, ҷон ва рӯҳ» мегӯяд. Одам ба ҷисм мақомеро дод, ки бояд рӯҳ ишғол кунад. Баъди

растохез дигар хел мешавад – рӯҳ он ҷоеро ишғол мекунад, ки Худо барояш муқаррар кардааст.

**15:45** «Чунин навишта шудааст: “Инсони аввалин, яъне Одам, ҷони зинда гашт”; Инсони охирин рӯҳи ҳаётбахш аст». Дар ин ҷо боз Одам ба Сарвар Исои Масеҳ муқобил гузошта шудааст. Худо ба Одам рӯҳи ҳаёт дамид, ва ӯ ҷони зинда шуд (Ҳастӣ 2:7). Ҳамаи онҳое ки аз ӯ пайдо шудаанд, хислати ӯро мерос гирифтаанд. «Инсони охирин», Наҷотдиҳанда, Рӯҳи ҳаётбахш шуд (Юҳанно 5:21,26). Ин ҷо фарқ дар он аст, ки Одам ҳаёти ҷисмонӣ ба даст овард, Масеҳ бошад Худ ба дигарон ҳаёти ҷовидон мебахшад. «Мо ки авлодони Одам ҳастем, ба ӯ монанд зода мешавем: ҷонҳои зиндае ки дар ҷисмҳои миранда сокин ҳастанд ва симои падари заминии худро доранд. Аммо азбаски мо пайравони Масеҳ ҳастем, ҷисмҳои намирандаро дар бар мекунем ва симои Сарвари осмонии худро дорем» (Эрдман).

**15:46** Ин ҷо фириста Павлус қонуни асоси ҷаҳони Худоро меоварад, яъне на чизи рӯҳонӣ, балки нафсонӣ аввал аст; сипас рӯҳонӣ. Инро ҳар хел фаҳмидан мумкин аст. Аввалан, Одам, инсони нафсонӣ, ба ҷаҳон аввал омад, ва танҳо пас аз ӯ – Исо, Инсони Рӯҳонӣ. Дуюм ин ки мо ба ҷаҳон чун инсонҳои нафсонӣ зода мешавем, ва танҳо баъд, аз нав зода шуда, рӯҳонӣ мешавем. Ва сеюм, мо аввал ҷисмҳои нафсонӣ дар бар мекунем, ва баъд, пас аз растохез, ҷисмҳои рӯҳонӣ мегирем.

**15:47** «*Инсони якум аз замин аст, яъне хокист*». Ин маънои онро дорад, ки ӯ дар замин зода шуда, аз ҷиҳати хусусиятҳо заминӣ буд. Ӯ аз хоки замин офарида шуд бо тамоми ҳаёти худ, ба маънои таҳтуллафзии ин калима, ба замин вобаста буд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки «инсони дуюм Сарвар аст аз осмон».

**15:48** Аз ду одами дар ояти 45 зикршуда Исо дуюм аст. Албатта, Ӯ ҳамеша буд ва ҳаст, аммо чун Инсон Ӯ пас аз Одам омад. Ӯ аз осмон омад, ва ҳамаи он чи Ӯ мекард ва мегуфт, на заминӣ ва нафсонӣ, балки осмонӣ ва рӯҳонӣ буд.

Дар якчанд дастнависҳои Паймони Навин калимаи «Худованд» нест, ба ҷои он мехонем: «инсони дуюм аз осмон аст» (о. 47). Аммо маънои оят аз ин ҳеҷ тағйир намеёбад.

Ва чуноне ки бо ин ду инсон аст, бо пайравони онҳо низ ҳамон тавр аст. Касоне ки аз Одам зода мешаванд, тамоми хусусиятҳои ӯро мерос мегиранд. Аммо онҳое ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, одамони осмонӣ мебошанд.

**15:49** Чуноне ки мо, чун одамони нафсонӣ, бо мероси Одам зода мешавем, ҳамон тавр дар ҷисмҳои зиндашудаи худ симои Масеҳро хоҳем дошт.

**НАТИҶАҲОИ РАСТОХЕЗ (15:50-58)**

**15:50** Дар ояти 50-ум фириста ба мавзӯи дигаргуншавӣ мегузарад, ки бо ҷисмҳои бовардорон рӯй медиҳад – ҳам бо зиндаҳо ва ҳам бо мурдаҳо – дар лаҳзаи бозгаштани Сарвар. Павлус аз он сар мекунад, ки ҷисм ва хун Подшоҳии Худоро мерос гирифта наметавонанд. Дигар хел карда гӯем, он ҷисмҳое ки мо дар онҳо зиндагӣ мекунем, барои Подшоҳии Худо, яъне хонаи ҷовидонии мо, мувофиқат намекунанд. Ғайр аз ин, бояд дар ёд дошт, ки марг намирандагиро мерос гирифта наметавонад. Ҳамин тариқ, ҷисмҳои ҳозираи мо, ки ба бемориҳо, марг ва нобудшавӣ гирифтор мешаванд, барои он ҳаёте ки гуноҳ ва марг дар он нест, мувофиқат намекунанд. Он гоҳ саволе ба миён меояд, ки ҷисмҳои бовардорони зинда чӣ тавр ба ҳаёт дар осмонҳо мувофиқат карда метавонанд.

**15:51** Ҷавоби ин савол дар сирре ниҳон аст. Чуноне ки пештар гуфта будем, сирр ҳақиқатест, ки то ҳол ба мо маълум набуд, аммо акнун Худо онро ба фиристагон ошкор намудааст, ва ин ҳақиқат ба воситаи онҳо ба мо маълум шудааст. «*...ҳамаи мо нахоҳем мурд, балки ҳама тағйир хоҳем ёфт*». На ҳамаи бовардорон мемиранд. Баъзеҳо ҳангоми бозгаштани Сарвар зинда хоҳанд буд. Аммо новобаста ба он ки мо зинда хоҳем буд ё мемирем, ҳама дигаргун мешавем. Ҳақиқат оиди растохез худ аз худ сирр нест, чунки оиди он ҳанӯз дар Паймони Куҳан навишта шуда буд, аммо то Павлус касе оиди дар лаҳзаи бозгаштани Сарвар дигаргун шудани бовардорони зинда намедонист.

**15:52** Ин дигаргунӣ дарҳол, «*баногоҳ, дар як мижа задан, баробари садои карнайи охирин*» рӯй медиҳад. Карнайи охирин дар ин ҷо тамоман маънои охирзамонро надорад ва ҳатто бо он карнайе ки дар Ваҳй зикр шудааст, умумияте надорад. Аниқтараш, ин ҷо оиди он карнай гуфта мешавад, ки ҳангоме Масеҳ барои назди Худ бурдани бовардорон меояд, шунида хоҳад шуд. Мо оиди ин карнай дар 1Таслӯникиён 4:16 мехонем. Ва ҳангоме ки ин карнай садо медиҳад, мурдагон ба таври бефано бармехезанд, зиндаҳо дигаргун мешаванд. Ин лаҳзаи ҳаяҷонбахш хоҳад буд, ҳангоме замин ва баҳр турбати (хок) онҳоеро, ки дар давоми асрҳо бо бовар ба Масеҳ мурдаанд, бозпас медиҳад. Шояд чунин воқеаро тасаввур кардани

ақли инсон ғайриимкон аст; аммо бовардорони фурӯтан инро бо бовар қабул мекунанд.

**15:53** Мо мехонем, ки ояти 53 оиди бовардорони фонӣ ва миранда ҳангоми бозгаштани Масеҳ мегӯяд. «Фонӣ» он бовардороне мебошанд, ки ҷисмҳояшон он вақт аллакай ба хок табдил меёбанд. Чунин бовардорон бефано хоҳанд шуд. «Миранда», аз тарафи дигар, он бовардороне мебошанд, ки он вақт зиндаанд, аммо ҳанӯз ҷисми миранда доранд. Пас аз растохез ҷисмҳои онҳо бефано хоҳанд шуд.

**15:54** Ҳангоме касоне ки дар Масеҳ мурдаанд, зинда мешаванд, ва зиндаҳо дигаргун мешаванд, он чи дар Ишаъё 25:8 гуфта шудааст, воқеъ хоҳад шуд: «Ғалаба маргро фурӯ хоҳад бурд». «Ин чӣ қадар ҳайратовар аст! Миллионҳо одамоне ки дар давоми ҳазорҳо сол ба хок табдил ёфта буданд, ҳангоми садо додани овози Он Муборак дарҳол ба ҳаёт бармегарданд» (Макинтош).

**15:55** Агар дастхатҳоро нигарем, ояти 55-ро чунин хондан даркор аст: «Эй марг, ғалабаи ту куҷост? Эй марг, неши ту куҷост?» Ин ҳамон сурудест, ки ҳамаи бовардороне ки зинда шуда, Сарварро мебинанд, хоҳанд хонд. Бо ҳамин онҳо гӯё бар марг хоҳанд хандид, чунки ғалабаи он ҷузъӣ ва муваққатӣ будааст – ҷузъӣ, барои он ки на ҳама мурданд, ва муваққатӣ, зеро мурдагон акнун ба ҳаёт баргаштанд ва ҷовидона зиндагӣ хоҳанд кард. Ва боз, марг акнун неши худро аз даст дод. Марг акнун барои онҳо даҳшатовар нест, зеро онҳо медонанд, ки гуноҳҳояшон бахшида шудаанд ва онҳо ба воситаи Писари дӯстдоштаи Худо сафед шуда, назди Ӯ истодаанд.

**15:56** Марг аллакай барои ҳеҷ кас неш нахоҳад дошт, агар ин марг на барои гуноҳ аст. Маҳз дарки он ки гуноҳҳо эътироф ва бахшида нашудаанд, одамро водор мекунад, ки аз марг тарсад. Агар мо донем, ки гуноҳҳоямон бахшида шудаанд, марг бароямон тарсовар нест. Аз тарафи дигар, агар гуноҳ бар шуури мо ҳукмфармо бошад, марг даҳшатовар аст – ибтидои ҷазои ҷовидон.

Қувваи гуноҳ шариат аст. Ин маънои онро дорад, ки шариат гуноҳкорро маҳкум мекунад. Чунин қисмат ҳамаи онҳоеро интизор аст, ки фармудаҳои муқаддаси Худоро гӯш намекунанд. Касе хуб гуфтааст, ки агар гуноҳ набошад, марг ҳам нахоҳад буд. Ва агар шариат набошад, пас маҳкумият низ нест. «Тахти марг бар ду асос устувор аст: гуноҳе ки ба маҳкумкунӣ даъват менамояд, ва шариат, ки ин маҳкумкунӣ навишта шудааст. Дар охир меҳнати Раҳокунанда маҳз бо ин ду қувва вобаста аст» (Годе).

**15:57** Ба воситаи бовар ба Масеҳ мо бар марг ва қабр ғолиб мешавем. Марг неши худро аз даст медиҳад. Ҳама медонанд, ки баъзе ҳашарот неши худро дар ҷисми инсон мемонанд, ва нешро аз даст дода, мемиранд. Маҳз ҳамин тавр марг неши худро дар салиби Ҷолҷолто аз даст дод, ва акнун иблис бар бовардорон қудрат надорад.

**15:58** Азбаски воқеияти растохез ва беҳуда набудани бовар ба Масеҳ боиси шубҳа нест, фириста Павлус бародарони дӯстдоштаи худро даъват мекунад, ки ҳамеша устувору матин буда, ба номи Сарвар меҳнати зиёд кунанд, ва донанд, ки меҳнати онҳо назди Сарвар беҳуда нахоҳад буд. Ҳақиқат оиди растохез ҳама чизро дигаргун мекунад. Он умед ва устуворӣ медиҳад, лаёқати паси сар кардани ҳамаи душвориҳоро медиҳад.

ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

# Хулоса 16:1-24

**Нақшаи дарс:**

XIII. Дастурҳо нисбати ҷамъ кардани хайрот барои ёрӣ (16:1-4).

А. Чӣ гуна пул ҷамъ кардан даркор аст (16:1-2).
Б. Чӣ гуна онҳоро ба Уршалим бояд расонд (16:3-4).

XIV. Нақшаҳои шахсии Павлус (16:5-9).

XV. Дастурҳо ва саломҳои охирин (16:10-24).

А. Дархост оиди хуш қабул намудани Тимотиюс (16:10-11).
Б. Мақсади Апӯллӯс оиди боздид бо қӯринтиён (16:12).
В. Даъват ба устуворӣ ва муҳаббат (16:13-14).
Г. Дархост оиди эҳтиром намудани хонаводаи Истефанус (16:15-16).
Д. Дархост оиди эҳтиром намудани Истефанус, Фортунатус, Охойкӯс (16:17-18).
Е. Саломҳо аз муқаддасони вилояти Осиё (16:19-20).
Ж. Саломҳои шахсии Павлус (16:21-24).

Аввалин оятҳои ин боб оиди хайроте мегӯянд, ки бояд ҷамоати Қӯринт ҷамъ карда, ба эҳтиёҷмандони Уршалим равона мекард. Сабаби аниқи эҳтиёҷмандӣ маълум нест. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин натиҷаи гуруснагӣ буд (Аъмол 11:28-30). Сабаби дигари имконпазир он буд, ки яҳудиёнеро, ки Масеҳро мавъиза мекарданд, дӯстон, хешовандон ва ҳамватанонашон рад мекарданд. Онҳоро аз кор маҳрум менамуданд, ба фишорҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ мекарданд, то онҳоро маҷбур созанд, ки аз бовар ба Масеҳ даст кашанд.

## ДАСТУРҲО НИСБАТИ ҶАМЪ КАРДАНИ ХАЙРОТ БАРОИ ЁРӢ (16:1-4)

**16:1** Павлус аллакай ба ҷамоатҳои Ғалотия оиди ҷамъ кардани хайрот дастурҳо дода буд ва акнун қӯринтиёнро даъват мекунад, ки монанди ғалотиён амал намоянд.

**16:2** Агарчи насиҳатҳое ки дар ояти 2 дода шудаанд, ба хайроти махсус дахл доштанд, ин принсипҳо ҳоло ҳам бамаврид мебошанд. Аввалан, ҷамъоварии хайрот бояд дар рӯзи якуми ҳафта гузаронда шавад. Ин ҷо мо гувоҳии боварибахшеро мебинем, ки масеҳиёни аввалин шанбе ё рӯзи ҳафтумро маросими ҳатмӣ намеҳисобиданд. Сарвар дар рӯзи якуми ҳафта зинда шуд, рӯзи Пантикост рӯзи якуми ҳафта буд, ва шогирдон барои пора кардани нон дар рӯзи якуми ҳафта ҷамъ мешуданд. Ва инак акнун дар рӯзи якуми ҳафта масеҳиён хайрот ҷамъ мекарданд.

Принсипи муҳими дуюм аз он иборат аст, ки ҷамъ кардани хайрот ба ҳама дахл дорад. Сарватмандон ва камбағалон, озодҳо ва ғуломон – ҳама бояд қисмеро аз он чи доранд, қурбонӣ кунанд.

Мо дар ин ҷо ишораеро ба он мебинем, ки ҷамъоварии хайрот бояд ҳамешагӣ бошад. Дар рӯзи якуми ҳафта онҳо бояд пасандоз карда, нигоҳ медоштанд. Ва ин хайрот на бо ягон сабаби махсус ҷамъ карда мешуд. Ҳадяҳо ва хайроти махсус барои мақсадҳои муайян бояд алоҳида ҷамъ карда шаванд.

Сипас мо мебинем, ки хайрот бояд ба таври мутаносиб ҷамъ карда шавад. Ибораи «мувофиқи даромадаш» гувоҳи ин аст.

«То ки дар вақти омадам ба ин ҳоҷат наафтад». Фириста Павлус намехост, ки ин чорабинӣ дар лаҳзаи охирин иҷро карда шавад. Ӯ мефаҳмид, ки ба ҷамъ кардани хайрот пешакӣ тайёрӣ дидан даркор аст.

**16:3** Оятҳои 3 ва 4 ба мо оиди он тасаввурот медиҳанд, ки ба хайроти дар ҷамъомадҳои масеҳиён ҷамъшуда бо чӣ гуна масъулият муносибат кардан даркор аст. Аввалан, онро ба як кас супурдан номумкин аст. Ҳатто Павлус наметавонист онро як худаш қабул кунад. Дуюм, Павлус наметавонист қарор барорад, ки ин хайротро кӣ мебарад. Инро бояд ҷамоати маҳаллӣ ҳал мекард. Ва ҳангоме онҳое ки фиристода мешаванд, интихоб мегарданд, Павлус онҳоро бо мактубҳо ба Уршалим равона мекунад. Сабаби навиштани мактубҳо он буд, ки фириста муқаддасони Уршалимро аз қӯринтиён беҳтар медонист, ва ин мактубҳо чун тавсияномаи фиристодаҳои ҷамоати Қӯринт хизмат карда метавонистанд.

**16:4** Агар қӯринтиён қарор диҳанд, ки беҳтараш Павлус низ ба Уршалим равад, он гоҳ фиристодагони Қӯринт ҳамроҳи ӯ мераванд. Ҷолиби диққат аст, ки ӯ «онҳо ҳамроҳи ман хоҳанд рафт» мегӯяд, на ин ки «ман ҳамроҳи онҳо хоҳам рафт». Аз афташ, ин ишораест ба эътиборнокии Павлус чун фириста. Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки дар масъалаи он ки оё Павлус меравад ё не, омили ҳалкунанда андозаи хайрот буд, аммо наметавон бовар кард, ки фириста чунин принсипро пайравӣ мекарда бошад.

## НАҚШАИ ПАВЛУС (16:5-9)

**16:5** Оиди нақшаҳои худ Павлус дар оятҳои 5-9 мегӯяд. Шумо дар ёд доред, ки ҳангоме ӯ ин номаро менавишт, дар Эфсӯс буд. Аз Эфсӯс ӯ ба Мақдуния рафтанӣ буд. (Ин хатти сафарро дар харита аз назар гузаронед.) Сипас аз Мақдуния ӯ умед дошт ба

ҷануб, ба Қӯринт равад. «Пас аз он ки аз Мақдуния бигзарам» чунин маъно дорад: «Ман нақша дорам, ки аз Мақдуния гузарам».

**16:6** Пурра имконпазир аст, ки Павлус бо бовардорони Қӯринт зимистонро гузаронданӣ буд, ва баъд онҳо ӯро ба сафар гусел мекарданд.

**16:7** Ҳоло бошад ӯ онҳоро дар сари роҳ ба Мақдуния дида наметавонист, аммо ҳақиқатан бесаброна интизори он буд, ки агар Худо имкон диҳад, дертар муддате ҳамроҳи онҳо монад.

**16:8** Пеш аз он ки ба Мақдуния равад, Павлус мақсад дошт, ки то рӯзи Пантикост дар Эфсӯс монад. Маҳз аз ҳамин оят мо мефаҳмем, ки ин нома на дар Филиппӣ, балки дар Эфсӯс навишта шудааст.

**16:9** Павлус мефаҳмид, ки ҳозир ӯ имконияти хубе дорад дар Эфсӯс ба Худо хизмат кунад. Дар айни замон ӯ мефаҳмид, ки душманонаш бисёранд. Дар ин оят манзараи шиноси хизмати масеҳӣ пеши назарамон ҷилвагар мешавад. Аз як тараф – киштзорҳои бузурги пур аз ҳосил; аз тарафи дигар – душман, ки то ҳадди имкон мухолифат мекунад ва мехоҳад ба меҳнати бовардорон халал расонад, дар сафҳои онҳо низоъҳо ворид намояд.

## ДАСТУРҲО ВА САЛОМҲОИ ОХИРИН (16:10-24)

**16:10** Фириста Павлус Оиди Тимотиюс сухане илова мекунад. Агар ин ходими ҷавони Сарвар ба Қӯринт ояд, бовардорон бояд ӯро бе тарс қабул намоянд. Аз афташ, Тимотиюс шахси андак беҷуръат буд, бинобар ин қӯринтиён набояд ягон коре кунанд, ки беҷуръатии ӯро зиёд гардонад. Ғайр аз ин, Павлус мехост, то Тимотиюс натарсад, ки ӯро чун ходими Сарвар қабул нахоҳанд кард, «зеро ки ӯ кори Худовандро ба ҷо меоварад, чунон ки ман низ».

**16:11** Азбаски Тимотиюс ходими вафодори Масеҳ аст, ҳеҷ кас набояд ба ӯ беэътиноӣ кунад. Баръакс, қӯринтиён бояд ӯро дар осоиштагӣ ба сафар гусел кунанд, то ӯ дар вақти даркорӣ назди Павлус баргашта тавонад. Павлус бесаброна интизори Тимотиюс ва бародарон буд.

**6:12** Павлус аз Апӯллӯс хоҳиш карда буд, ки бо бародарон ба Қӯринт равад. Апӯллӯс ҳис намекард, ки ҳамон вақт ба он ҷо рафтани ӯ хости Худост, аммо фаҳмонд, ки ҳар гоҳ имконият шавад, ба Қӯринт меравад. Ояти 12 ба мо аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки нишон медиҳад, ки дар байни ходимони Худо рӯҳи

муҳаббат афзалият дорад. Касе ин оятро тасвири олидараҷаи «муҳаббати беғаразона ва эҳтиром» номидааст. Ғайр аз он, дар ин ҷо мо озодиро мебинем, ки ба ҳар ходим имкон медод на фармони қатъӣ, балки дасти раҳнамункунандаи Сарварро ҳис кунад. Ҳатто худи фириста Павлус наметавонист Апӯллӯсро ба ягон кор маҷбур кунад. Дар ин робита доктор Айронсайд гуфтааст: «Ман ин оятро аз Китоби Муқаддаси берун кардан намехоҳам. Он барои фаҳмидани роҳи Худо, ки Ӯ ходимони Худро бо он пеш мебарад, ба ман ёрӣ медиҳад».

**16:13** Ин ҷо Павлус ба бовардорон баъзе дастурҳои муҳим медиҳад. Онҳо бояд доимо ҳушёр бошанд, дар бовар устувор бошанд, мардона рафтор намоянд ва матин бошанд. Шояд ин ҷо Павлус боз оиди хатаре фикр мекунад, ки аз муаллимони дурӯғин бармеояд. Бовардорон бояд ҳамеша омодаву ҳушёр бошанд. Онҳо набояд ягон ваҷаб ҳудуди ҳаётан муҳими худро аз даст диҳанд. Ва онҳо бояд бо мардонагии самимӣ амал намоянд. Ва ниҳоят, онҳо бояд дар Сарвар ва қуввати тавоноии Ӯ қавӣ бошанд.

**16:14** Дар ҳама корҳо бовардорон бояд муҳаббат зоҳир кунанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд ҳаёти худро пурра ба Худо ва одамон бахшанд, яъне фидокор бошанд.

**16:15** Сипас Павлус ба қӯринтиён нисбати хонаводаи Истефанус дастурҳо медиҳад. Ин масеҳиён аввалин бовардорон дар Охоия буданд. (Дар Румиён 16:5 аввалин бовардор Апинтус номида шудааст, аммо тарҷумаи дурусти ин оят маънои онро дорад, ки ӯ аввалин бовардор дар Охоия не, балки дар вилояти Осиё буд). Аз афташ, аз вақти бовардор шудан ин шахсон худро ба «хизмати муқаддасон» супурда буданд.

Оиди хонаводаи Истефанус аллакай дар боби 1, ояти 16, сухан мерафт. Он ҷо Павлус мегӯяд, ки ҳамаи аҳли ин оиларо ғӯта додааст. Бисёриҳо мегӯянд, ки дар хонаи Истефанус кӯдакон низ буданд, ва бо ҳамин ғӯта додани кӯдаконро сафед карданӣ мешаванд. Аммо аз ояти 15-уми боби 16 маълум мешавад, ки дар хонаводаи Истефанус кӯдакон набуданд, зеро аз ин оят аён аст, ки онҳо худро ба хизмати муқаддасон бахшида буданд.

**16:16** Фириста масеҳиёнро даъват мекунад, ки нисбати онҳо ва ҳар касе ки дар ин кор ба онҳо ёрӣ мерасонад, боэҳтиром бошанд. Чуноне ки аз таълимоти умумии Паймони Навин маълум мешавад, ҳамаи бовардорон бояд нисбати касоне ки ҳаёташонро ба хизмати Масеҳ бахшидаанд, бо муҳаббат ва эҳтиром рафтор

кунанд. Агар масеҳиён ҳамин гуна рафтор мекарданд, аз бисёр ихтилофот ва ҳасадҳо барканор мебуданд.

**16:17** Омадани Истефанус, Фортунатус ва Охойкӯс ба дили фириста шодӣ овард. Онҳо барои ӯ он чиро, ки дар байни қӯринтиён барояш камӣ мекард, пур карданд. Ин маънои онро дошта метавонад, ки онҳо, бар хилофи қӯринтиён, нисбати фириста меҳрубонӣ зоҳир намуданд. Ё ин метавонад чунин маъно дошта бошад: онҳо барои Павлус кореро ба ҷо оварданд, ки қӯринтиён карда натавонистанд, чунки аз ӯ дур буданд.

**16:18** Истефанус, Фортунатус ва Охойкӯс ба Павлус аз Қӯринт хабарҳо оварданд, ва баъд бо хабарҳо аз Павлус ба ҷамоати худ бозгаштанд. Ва боз Павлус ҷамоати маҳаллии Қӯринтро даъват мекунад, ки нисбати онҳо меҳрубонона ва эҳтиромона рафтор кунанд.

**16:19** Дар ибораи «Ҷамоатҳои вилояти Осиё» Осиё на қитъа, балки вилояте мебошад. Эфсӯс дар ҳамин вилоят буд.

Аз афташ, Акило ва Прискила он вақт дар Қӯринт мезистанд, бинобар ин бовардорони Қӯринт онҳоро мешинохтанд. Акило хаймасоз буд ва ин корро ҳамроҳи Павлус мекард. Аз таъбири «*ҷамоате ки дар хонаи онҳост*» мо оиди соддагии парастишҳо дар он замон маълумот пайдо мекунем. Масеҳиён барои парастиш, дуо ва мушоракат дар хонаҳо ҷамъ мешуданд. Баъди ин онҳо дар ҷои кори худ, дар бозорҳо, дар зиндони маҳаллӣ ва дар дигар ҷойҳое ки қадамгузор мешуданд, Хушхабарро мавъиза мекарданд.

**16:20** Ҳамчунин ҳамаи бародарони ҷамоат ба бародарони ҳамбовари қӯринтӣ саломҳои бомуҳаббат мефиристанд. Фириста қӯринтиёнро даъват мекунад, ки ба якдигар бо бӯсаи муқаддас салом расонанд. Дар он вақт бӯса шакли маъмулии саломгӯӣ дар байни мардон буд. Бӯсаи муқаддас саломи бе риёкорӣ ва бе фикрҳои нопок буд. Дар ҷамъияти фосидшудаи мо, ки ҳама чиз ва ҳама кор бархато таъбир карда мешавад, бӯса чун шакли саломгӯӣ боиси васвасаҳои ҷиддӣ ва бадахлоқӣ шуда метавонад. Аз ҳамин сабаб дар маданияти мо даст додан ҷои бӯсаро гирифтааст... Барои дуршавӣ аз дастурҳои Китоби Муқаддас ҷиҳатҳои маданиро баҳона овардан даркор нест. Аммо дар мавридҳое ки айнан ба ҷо овардани калом боиси гуноҳ мешавад, бӯсаро бо даст додан иваз кардан мумкин аст.

**16:21** Одатан Павлус номаҳои худро ба ягон нафар аз ёрдамчиён менависонд. Аммо дар охир худ қаламро ба даст

мегирифт ва шахсан якчанд калима навишта, номаро бо салому паёмҳои ба худ хос анҷом медод. Ин дафъа низ ӯ ҳамин тавр мекунад. Ӯ шахсан ба бародарони ҳамбовар салом мегӯяд.

**16:22** Маънои калимаи «малъун (“анатема”)» лаънатзада аст. Маънои калимаи «мороното» «Сарвари мо меояд» аст. Маънои оддии ин оят аз он иборат аст, ки касоне ки Худованд Исоро дӯст намедоранд, аллакай лаънатзада мебошанд, аммо ҳалокати онҳо ҳангоми омадани Сарвар Исои Масеҳ возеҳу равшан мешавад. Ҳамон кас масеҳии ҳақиқӣ буда метавонад, ки Наҷотдиҳандаро дӯст медорад. Ӯ Худованд Исоро аз ҳама чиз ва ҳама кас дӯст медорад. Дӯст надоштани Писари Худо ҷиноятест зидди Худо. «Павлуси муқаддас барои сафед кардани касоне ки Масеҳро дӯст намедоранд, ҳеҷ далеле намебинад. Имкон дорад, ки шахс дониши кам дошта бошад, аммо наҷот ёбад. Имкон дорад, ки ҷасораташ камӣ кунад, тарс ӯро пурра фаро гирад, чунон ки бо Петрус буд. Имкон дорад, ки ӯ ба гуноҳ фурӯ ғалтад, чунон ки бо Довуд буд, аммо боз бархезад. Аммо агар кас Масеҳро дӯст надорад, зиста наметавонад. Ӯ лаънатзада аст. Ӯ бо роҳе меравад, ки сӯи ҳалокат мебарад» (Райл).

**16:23** Файз мавзӯи дӯстдоштаи Павлус аст. Номаҳои худро бо оҳанги тантананок сар кардан ва анҷом додан ва ӯ маъқул буд. Ин нишонаи бехатои он аст маҳз ӯ муаллифи ин ё он нома аст.

**16:24** Дар тамоми нома мо тапиши дили фиристаи ҳақиқӣ Исои Масеҳро мешунидем. Мо мешунидем, ки ӯ мекӯшид ба фарзандони худ дар бовар насиҳат кунад, тасалло бахшад, даъват кунад, огоҳ намояд. Шубҳае нест, ки ӯ онҳоро дӯст медошт. Ҳангоме қӯринтиён ин суханони хотимавиро мехонданд, шояд шарм мекарданд, ки ба муаллимони дурӯғин имкон доданд, то дар байни онҳо оиди фириста будани Павлус шубҳаҳо ворид намоянд ва муҳаббати аввалии онҳоро нисбати ӯ барҳам зананд.